Амонулло Саидов шахси эҷодкор буд. Ҳусни хатти хуб дошт. Дар рӯзномаҳои марказӣ ва маҳаллӣ мақолаҳо менавишт. Моро ҳам ба ин кор ташвиқ мекард. Ҳикмати «То мард сухан нагуфта бошад...»-ро дӯст медошт. Ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии шогирдон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекард. Тез-тез аз шогирдон диктант ва нақли хаттӣ мегирифт. Онро бодиққату заҳмат месанҷид. Сурх мекард. Баҳои одилона медод. Сахтгирии муаллим Амонулло Саидов ба ҷабр монанд буд. Аммо ин ҷабри ӯ барои мо беҳтар аз меҳри устодоне буд, ки дар бораашон хотироте намондааст.

ТДУ: 37:008 (575.3)

# ҲЕҶ ГАНҶЕ НЕСТ АЗ ФАРҲАНГ БЕҲ

**ЯТИМОВ С.С.**

*Доктори илмҳои сиёсӣ, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Мақола асосан вобаста ба дарки дурусти ҳаёт ва баҳра бурдан аз он дар натиҷаи фаъолияти пурсамар дар асоси дониш ва илм навишта шудааст. Дар он муаллиф, ҳаёти як инсони муҳаққиқ, донишманд ва тарбиятгару таълимдиҳанда Қаюм Санговро таҳлил намудааст. Маҳз чунин устодони бузург сабаби ба вуҷуд омадани шахсиятҳои бузург мегарданд. Дарки фарҳанг, маърифат ва олами воқеӣ маънии ҳаёти онҳо ба ҳисоб рафта, хизмат ба Ватан сарчашмаи асосии фаъолияти касбии онҳост. Албатта, мавриди ибрат будани роҳбарон ва устодон дар фаъолияту рафтори онҳо таҷассум ёфта, зердастон ва шогирдон рафтору кирдори ононро ба худ идеал медонанд.*

***Калидвожаҳо:*** *маърифат, хирад, ҷаҳонбинӣ, фалсафаи ҳаёт, этика, эстетика, забони тоҷикӣ, идеал.*

# НЕТ СОКРОВИЩА ДОРОЖЕ КУЛЬТУРЫ

**ЯТИМОВ С.С.**

*Доктор политических наук, член-корреспондент Национальной академии наук Таджикистана*

*Статья повествует о взаимозависимости жизни от её правильного понимания, пользы в результате плодотворной деятельности, основанной на знаниях и науке. В ней автор анализирует деятельность Каюма Сангова – человека-исследователя, учёного, просветителя. Именно такие великие учителя становятся первоосновой появления великих личностей. Сущностное восприятие культуры, образования и реального мира считается смыслом их жизни. А служение Родине – главным источником профессиональной деятельности. Безусловно, то, что если лидеры и учителя являются образцовыми, это воплощается в их деятельности и поведении, а подчиненные и ученики считают их поступки идеальными для себя, примером для подражания.*

***Ключевые слова:*** *познание, разум, мировоззрение, философия жизни, этика, эстетика, таджикский язык, идеал.*

# THERE IS NO BETTER WEALTH THAN CULTUR

**YATIMOV S.S.**

*Doctor of political science, corresponding member of national Academy of science of Tajikistan*

*This article is written mainly related to the correct understanding of life and its enjoyment as a result of effective activity based on knowledge and science. In it, the author tried to show the life of a scholar, researcher and educator Kayum Sangov as an example. such great teachers are the reason for the emergence of great personalities. The understanding of culture, knowledge and the real world of the meaning of their life, service to the country is the main source of their professional activity. Of course, the example of leaders and teachers is embodied in their activities and behavior, and subordinates and students consider their behavior and actions to be ideal for themselves.*

***Keyword:*** *enlightenment, intelligence, worldview, philosophy of life, ethic, esthetic, loving of nation, Tajik language.*

Бузургтарин эҷодкори таърих инсон аст. Маҳз ӯ созандаи дунёи мутамаддин мебошад. **Агар масъаларо ба тарзи умда баррасӣ кунем, ҳатто худи инсон тасаввуротро дар бораи қувваҳои фавқуттабиат ба вуҷуд оварда, онро ҷону руҳу тан бахшидааст.**

Худи одамӣ аз номи ин қувваҳо инсонро бо ҳар тариқе, бо ҳар ривояте, бо ҳар афсонае «тавлид» карда ва то ҳозир худ пойбанди онҳо мебошад.

Ин қабил одамон омодаанд ҳамарӯза маънавиёт, молу ҷон ва ҳастии худро нисор кунанд. Манзалати таърихиву муосир, дастовардҳо, манфиатҳои миллӣ, баъзан, ҳастии миллатро зери суол баранд.

**Одамизод, бешубҳа, ҷузъи табиат, бузургтарин офаридаи он аст. Майнаи инсон олитарин шакли материяи ҳастӣ, натиҷаи эволютсияи табиат, ҷамъият ва тафаккур маҳсули тавлиди миллионсолаҳост.**

Ҷараёни аз одам сохтани инсони созанда, ҳаракати абадӣ ва беохири ҷомеаи башарӣ ба сӯйи зиндагии шоиста буд, ҳаст, мемонад. **Дар ин раванд оила, муҳити маънавӣ, мактабу маориф, бо як ибора – муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши муҳим, созанда, асосӣ, муайянкунандагӣ, ҳалкунанда ва қонунмандӣ доранд.**

Вақте сухан дар бораи коргоҳи офариниши инсон меравад, бидуни шак, фақат шахсиятҳои донишманд, масъул ва соҳибирода сабабгори сохтани одамони асил мегарданд.

Тасаввурот дар бораи маълумоти олӣ ҳам аз лиҳози меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ҳам бархӯрду интизориҳои анъанавӣ – ноил гаштан ба дараҷаи баланди илму маърифати замонавӣ дар соҳаи муайян мебошад.

Яъне инсон бо азхуд кардани илму таҷриба дар самти интихобнамуда, аз пешоҳангони касби худ эътироф мешавад.

**Донишгоҳҳо ҳам фақат замоне дар ҷомеа соҳибэътибор ва муассир мегарданд, шуҳрат пайдо мекунанд, агар онҳо дар ҷараёни мураккаби таълим устодон – олимони фаъолияташон бо амалия пайваста дошта бошанд. Бо шумули чунин шахсиятҳо муассисаи илмӣ-таълимӣ як ҷузъи ояндасоз, муҳим ва пурсамари мамлакат мегардад.**

Донишгоҳи Кӯлоби солҳои ҳафтодум бо чунин устодон маъруф буд. Яке аз шахсиятҳои муътабари замон муаллим Қаюм Сангов ба шумор мерафт. Ӯ аз фанни методикаи таълими забони модарӣ дарс мегуфт.

Дар дарсҳо Қаюм Сангов хотиррасон мекард, ки донишҳои инсонӣ хосияти системавӣ – занҷирӣ доранд. Одам наметавонад ҳамадон бошад. Аммо **«касе, ки фақат химияро медонад, ӯ химияро ҳам намедонад»**. Барои ҳамин таъкид менамуд, ки мутахассис мебояд илмҳои мансуб ба хешигарии марбут ба касбияташро дар дараҷаи баланд донад.

Мо дар солҳои таҳсил ба ин андеша бовар ҳосил кардем. Муаллимони мо, ки аз забоншиносӣ, назарияи адабиёт ва аз дигар фанҳо дарс мегуфтанд, на танҳо ихтисоси худ ва фанҳои дар алоқамандӣ қарордошта бо онҳоро ба навъи аҳсан медонистанд, балки аз нозукиҳои этимология, семантика, забоншиносӣ, забоншиносии муқоисавӣ, лексикологияи забонҳои гурӯҳҳои ҳиндуаврупоӣ, таърих, асосҳои фалсафа, психология ва дигар фанҳои гуманитарӣ хуб бахравар буданд. Барои далелнокии сухан ба ин донишҳо такя мекарданд. Далел ва мисолҳои мувофиқ меоварданд. Шогирдҳоро ба моҳияти масъала муътақид мегардонданд.

Мо ин сифатҳоро дар тарз, усул, муҳтавои дарсдиҳӣ ва шахсияти муаллим Қаюм Сангов хуб эҳсос мекардем.

Азбаски ихтисоси асосии муаллим Сангов луғатшиносӣ, ё ки тафсир намудан, дарк кардан ва тарзу усули фаҳмонидани маънӣ, мафҳум ва мантиқи калима, истилоҳ ва ибораҳо буд, ӯ аз методу усулҳои этимологӣ, семантикӣ, полисемӣ, таърихӣ, муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, типологияи фонетикӣ ва дигарҳо хуб истифода мекард.

Иқтибоси дӯстдоштаи ӯ буд аз олимони энсиклопедист: **«Дар бораи гап, сухан баҳс кардан, албатта, кори хирадмандон нест. Мо бояд ба дарки мафҳум, истилоҳ, категорияҳо ва дефинитсияҳо бирасем. Агар майли баҳс ва муайян кардани ҳақиқат ва воқеиятро дошта бошем».**

Аз натиҷагирии ин тавсия мо донишҷӯён чунин хулоса мебаровардем: **Сухан на дар шакли хабар, иттилоъ, овозаи ғаразнок, балки ҳангоми фаҳмо шудани муҳтавои он, ки фақат дар ин асос вазни ҳарф судманд, далелнокӣ арзишманд, сифати муқоисавӣ бегазанд, қалъаи андеша зӯрманд мешавад ва собит мегардад, манзалати муҳокимавӣ ва тасмимгирӣ касб мекунад. Чунки дар ин сурат, ҳақиқат, сарфи назар ба фоидаи кӣ буданаш, равшан мегардад. То сухангӯ дар анҷуман хор нашавад. Масъул хиҷолатзада намонад.**

Дарсҳои муаллим Қаюм Сангов як навъ раванди муташаккили идорашаванда, ба нияти аз худ кардани донишҳо, малака ва касбият, инкишофи ҷаҳонбинии илмӣ, тавоноии маънавӣ, коркард ва тақвият бахшидани афкори донишҷӯйӣ дар самти андешаи мустақилонаи суханшиносӣ буданд.

Ӯ ҷараёни дарсро мақсаднок ва ҷолиб мегузаронд. Шогирд бовар ҳосил мекард, донишҳое, ки устод барои аз худ кардани онҳо заҳмат мекашад, на танҳо барои муаллими забон ва адабиёт кумак мекунанд, балки мутахассисони соҳаҳои муҳандисӣ, табибон, риёзидонон, умуман мардуми соҳибзабон ба онҳо ниёзманданд. Дар касби онҳо низ муҳим ва судманд, усули хуби аз худ кардани воқеияти ҳастӣ мебошанд.

Устод дар бораи фонди луғавӣ ва таркиби луғавии забони тоҷикӣ сухан ронда, таъкид мекард, ки соҳибзабон дар байни даҳҳо ҳазор калима бояд моли худро бишиносад. Онро аз дигарон фарқ карда тавонад.

Яке аз дарсҳои хотирмони муаллим Сангов бештар дар ёдам мондааст. Он даҳсолаҳо барои мо ҳамчун одитарин мисоле ба шумор меравад, ки худамон муваффақона истифода мекунем. Бо ифтихор ба шогирдон меомӯзем. Агар лозим ояд ба дӯстон ва ҳамкасбон ҳам мефаҳмонем.

Гап дар бораи шинохти усулии калимаҳои арабӣ дар таркиб ва фонди луғавии забони адабии ҳозираи тоҷикӣ меравад.

Албатта, дар ин маврид сухан дар бораи кишваркушоӣ ва ба таажҷуб андохтани хонанда нест. Шояд дар алоҳидагӣ онро мо ҳам донем. Аммо муаллим Сангов бо як усули ба худ хос мефаҳмонд, ки зиёда аз бист фоизи фонди луғавии забони тоҷикиро калимаҳои арабӣ ташкил мекунанд. Аломатҳои ин калимаҳо зиёданд. Лекин усули маъмулӣ ва хеле осони шинохти онҳо асосан аз шаш унсур иборат мебошад:

1) калимаҳое, ки аломати сакта – **ъ *(ъайн)*** доранд, арабиасос ҳастанд: *маълум, таъйин, фаъол, маъсум, ашъор ва ғайра*;

2) калимаҳое, ки пешвандҳои **му-; ма-; та-; то-** доранд: *муаллим, муомила, муколама, муҳокима, мактаб, мансаб, манзил, талаба, толиб* ва монанди инҳо;

3) пасвандҳои ҷамъбандии **-от, -ёт** гирифтани калимаҳо: *ҷавоҳирот, атриёт, ҳафриёт, кашфиёт ва ғ.;*

4) шакли ҷамъбандии арабӣ гирифтани калимаҳо: *ахбор, анвор, аъзо, анвоъ* ва монанди инҳо;

5) бо роҳи флексияи дохилӣ ва берунӣ тағйир ёфтани шакли калимаҳо: *илм, олим, улум, муаллим, таълим; хабар, ахбор, мухобира, мухбир; китоб, котиб, мукотиба, мактуб ва ғайра;*

6) тавассути ихтисор кардани пешванд, пасванд ва хат задани садонокҳо муайян кардани мансубияти решагии калима: *муҳосира (ҳср) – ҳисор; манзур (нзр) – назар; мансубият (нсб) – насб; мафҳумот (фҳм) – фаҳм ва ғайра.*

Дар замоне ки мо дар донишгоҳи Кӯлоб таҳсил мекардем, номзади илми иқтисод Хушвахтов Иқбол Давлатович, зодаи ноҳияи Рӯшони Бадахшон ректор буд. Албатта, дар пайравӣ ба ин шахсият, ки садоқатмандона заҳмати раҳбарӣ мекашид, бародарони бадахшонитабор ҳам барои таҳсил ба ин боргоҳи маърифат меомаданд.

Аз ҷумлаи онон ман ду донишҷӯро мешинохтам. Баъдан, бо амри тақдир бо Давлатов Пайшанбе вохӯрдам. Бо ҳам эҳсоси рафоқат, дӯстӣ ва бародарӣ пайдо кардем.

Албатта, мавзуи бештари суҳбати мо, пеш аз ҳама, дар атрофи давраи донишҷӯйӣ, ёди донишгоҳ ва устодон буд.

Боре Пайшанбе суханро дар бораи муаллимони номдори факултет Иззатулло Тамлихоев ва Қаюм Сангов оғоз кард. Дар бораи хотироти ниҳоят қавӣ, донишҳои воқеан, илмии муаллим Тамлихоев ёдовар шуда, Давлатов гуфт:

– Муаллим Тамлихоев устоди нотакрори соҳаи забоншиносии тоҷик буд. Ба дарс бо тайёрии намунавӣ меомад. Ҳеҷ вақт дар даст коғазу дафтар намеовард. Дар чанд гурӯҳе лексия хонад, медонист, ки охирон бор дар кадом дарс, дар кадом ҷумла нуқта гузоштааст. Ва бидуни иштибоҳ, хониши навбатиро бо ёдоварӣ аз ҳамон ҷумла оғоз мекард. Муаллими дақиқкор ва поксиришт, хушсухан ва озодарафтор буд.

Ҳамзамон, – гапашро давом дода гуфт Пайшанбе, – ба ёди ман бисёр хотираҳо аз муаллим Қаюм Сангов мондааст. Аз тамоми дарсҳои эшон лаҳзаеро дарёфт кардан мушкил буд, ки он аз доираи мавзуъ берун бошад.

Маълум аст, ки ду қабил одамон ниҳоят ҳушёр, зирак, борикбин ва мушоҳидакоранд. Ва бардошти худро якумр дар хотираашон нигоҳ медоранд: шогирдон ва зердастон.

Барои ҳамин, муаллимон ва умуман нафароне, ки ҳатто ба як кас ҳуқуқи роҳнамоӣ ва роҳбариро доранд, мебояд ин масъулиятро батамом эҳсос кунанд ва риоя намоянд.

Албатта, ин сухани нав нест. Дар эҷодиёти халқ ва адабиёти бадеӣ ҳам дар мавриди зикргардида садҳо, ҳазорҳо мисол ҳаст. Ҳатто зарбулмасали машҳури **«Ба гуфти мулло кун, аммо ба кардааш не»,** аз бозигарӣ ва дурӯягии абадии иҷтимоии ин тоифа шаҳодат медиҳад.

Фаромӯш набояд кард, ҳатто шогирдоне, ки ҳавсалаи аз худ кардани дарсҳои маъмулиро надоранд ва зердастоне, ки дар ҳамин дараҷаи инкишоф ҳастанд, одитарин хато ё афзалияти муаллим ва раҳбари худро мушоҳида мекунанд. Солҳо дар хотир нигоҳ медоранд.

Дар бисёр ҳолат, табиат одамро аз лиҳози ботинӣ мутаносиб ба он шакли зоҳирӣ ва мутобиқ ба он касбият ва дараҷаи маърифат меофарад. Ин хосият ба шахсиятҳои бузург бештар мувофиқ меафтад.

Муаллим Сангов қаду баст ва чеҳраи хотирмон дошт. Қомати миёна, чеҳракушод, чашму абрӯи сиёҳ, нигоҳҳои ҷолиб ва моил ба дарки майли одамӣ ва омодагии дастгирӣ, оромтабиат, дар интихоби калима ва ибороти сухан ниҳоят эҳтиёткор. Дар ҳаракатҳо ҳам аз худ шитобкорӣ нишон намедод.

Ӯ ба тарзи либоспӯшии худ таваҷҷуҳи махсус мекард. Одатан шиму костюми расмии «муаллимӣ» – сиёҳ ё хокистарранг, куртаи сафед, гарданбанди мувофиқ, кафши мувофиқ ба сару либос мепӯшид.

Дар хиёбон, дар беруни донишгоҳ ӯро фақат дар даст китоб ё рӯзнома дидан мумкин буд. Гӯё ки як зиндагии «аз рӯйи қоида» дошт.

Яке аз ҳамкурсони мо, воқеан, «муҳаққиқ»-и тарҷумаи ҳол ва рӯзгори муаллимон буд. Шӯхиомез баъзеи онҳоро дар гуфтору рафтор тақлид ҳам мекард.

Омӯзгорони алоҳидаро пойида, мехост дар бораи рафтору хулқу атвори онон берун аз дарс ҳам маълумот дошта бошад. Ин ҳама, асосан, аз рӯйи муҳаббат ва кунҷковии шогирдона буд.

Муаллимон, устодони бузург ба донишҷӯён мисли муъҷиза менамуданд. Ҳамаи мо мехостем дар бораи саҳифаҳои норавшани зиндагиномаи ин нобиғагон бисёртар донем.

Як рӯз ҳамсабақи зираки мо ҳангоми суҳбат дар бораи муаллим Сангов хабар овард, ки устод дар хонаи аз падараш мондагӣ, дар лаби сангов умр ба сар мебарад. Он мавзеъ дар қисмати шарқии шаҳр дар масофаи тақрибан чор-панҷ километр аз донишгоҳ дуртар ҷойгир ва хеле хоксорона будааст.

Аҳли оилаи Санговҳо дар ҷойи зист ҳамчун оилаи соҳибмаърифат ва китобдӯст муаррифӣ мегаштаанд. Муаллим Сангов одат доштааст, ки ба ғайр аз шуғли дарсгӯйӣ, кори кафедра ва мутолиаи зиёд дар китобхона, ҳар ҳафта як маротиба рӯзҳои ҷумъа ба кинотеатри марказии шаҳри Кӯлоб рафта, як филми навро тамошо кунад.

Ин кор то дараҷае маъмулӣ будааст, ки хазинадори кинотеатр, сарфи назар барои он филм чӣ қадар довталаб бошад ё не, дар қатори чордаҳум курсии бисту панҷумро ба хотири муаллим Сангов нигоҳ медоштааст. Аммо рӯзе намешудааст, ки омӯзгори хушсалиқа ва дақиқкор аз реҷаи ҳафта, ки барои маърифати як шахси зиёӣ зарур аст, дер монад.

Ҳамин тариқ, ҳаёти ин марди хирад, устоди соҳибмактаб як тарзи зиндагии доимии ба меъёр даровардашударо мемонд. Ва албатта, ӯ муътақид буд, ки танҳо тавассути истифодаи дуруст ва мақсадноки вақт, шахс ба зинаи камолот мерасад. Доимо дар даст доштани маводи мутолиа, масири ҳаракат – коргоҳ, китобхона, муассисаи фарҳангӣ як навъ нишонаи ташаккули шахсияти муаллим ва огоҳии рӯзмарраи ӯ аз илму маърифат буд.

Муаллим Сангов ба нутқи хаттӣ ва шифоҳии шогирдон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мекард. **Таъкид менамуд, ки яке аз шуғлҳои марказии инсон гуфтан ва шунидан аст. Агар шуур нишонаи ягона ва сифати муайянкунандаи инсон бошад, он, пеш аз ҳама, тавассути нутқ ифода меёбад. Бояд корро тарзе ба роҳ монд, ки сухан на ба тарзи пароканда, бидуни пайдарҳамӣ, балки боандеша ҳамчун маҳсули воқеии тафаккур ва нишонаи аслии маводи олии табиат – майна бошад.** Таъкид месохт, зарур аст, ки **омӯзгор нутқи равон, зебо, фаҳмо, равшан ва таъсирбахш дошта, ҳамин сифатҳоро ба шогирдони худ омӯзад ва аз онҳо ин авлавиятҳоро талаб кунад.**

Ҳамзамон бо донишмандӣ ва сахтгирӣ, муаллим Қаюм Сангов ниҳоят шахси фурӯтан, заҳматқарин, хоксор, некниҳод ва поксиришт буд. Аз худ намунаҳои олии рафторҳои инсонӣ нишон медод.

**Устоди ҳақиқӣ онест, ки шогирдон тавонанд намунае аз маърифат ва маънавиёти поку заминии ӯ барои нафъи Ватан дар зиндагии ҳамарӯза истифода намоянд.** Чунин намунаҳо аз муаллим Сангов ҳазорҳост.

ТДУ: 321:323 (575.3)

# АНДЕША, РАВАНД ВА ПАДИДАҲОИ ИҶТИМОӢ БАРОИ БУНЁДИ ДАВЛАТИ ДУНЯВӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**КАРИМОВ П.Д.**

*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Дар ин мақола мафҳумҳои ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлоли давлатӣ, асолату ҳувияти миллӣ, ватандориву ватанпарастӣ, ифтихори ватандорӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, тафаккури таърихии миллӣ, дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ ва дар ниҳояти кор бунёди давлати миллии дунявии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад. Ҳамчунин, нуқтаҳои назари гуногун оид ба мафҳумҳои ба танзим даровардани як ҳаёти шукуфобахшу солим ва бунёди як ҷомеаи поку саодатманд, орӣ аз ҳама тундравию ифротгароӣ, хурофотсозӣ ва ҷаҳл таҳлил гардида, инчунин атрофи масъалаи баррасишаванда пешниҳодҳои асоснок матраҳ шудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *Истиқлол, ваҳдат, сулҳу субот, миллат, давлатдорӣ, ватандӯстӣ, сохти дунявӣ, ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии хусусияти динии ғайрисуннатидошта, тундравию ифротгароӣ, хурофотсозӣ ва ҷаҳл.*

# ИДЕЯ, ПРОЦЕСС И СОЦИАЛЬНЫЕ ФЕНОМЕНЫ СОЗДАНИЯ СВЕТСКОГО ГОСУДАРСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

**КАРИМОВ П.Д.**

*Соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В данной статье рассматриваются понятия целесообразности защиты мира и стабильности, национального единства, охраны государственной независимости, национальный менталитет, патриотизм, патриотическая гордость, историко-культурные, научные и культурные ценности, национальные обычаи и традиции, национального мишления, обсуждается историческое мышление, защита национальной культуры и цивилизации и, наконец, строительство светского национального государства Таджикистан. Также проанализированы различные точки зрения на концепции регулирования благополучной и здоровой жизни, построения чистого и счастливого общества, терроризм и экстремизм,, суеверия и гнев, высказаны разумные предложения в отношении вокруг рассматриваемого вопроса.*

**Ключевые слова:** *независимость, единство, мир и стабильность, нация, государственность, патриотизм, светский строй, политические партии и движения нетрадиционного религиозного характера, терроризм и экстремизм, суеверия и неведение.*

# THE IDEA, PROCESS AND SOCIAL PHENOMENA FOR THE ESTABLISHMENT OF THE SECULAR STATE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

**KARIMOV P.D.**

*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Science named after A. Bahoviddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*In this article, the concepts of protection of peace and stability, national unity, protection of state independence, originality and national identity, patriotism and patriotism, patriotic pride, historical and cultural, scientific and cultural values, national customs and traditions, national*

*historical thinking, defense of national culture and civilization and in the end, the construction of the secular national state of Tajikistan will be discussed. Also, different points of view on the concepts of regulating a prosperous and healthy life and building a pure and happy society, including extremism and extremism, superstition and anger, have been analyzed, as well as reasonable proposals have been made around the issue under consideration.*

**Keywords**: *independence, unity, peace and stability, nation, statehood, patriotism, secular system, political parties and movements of non-traditional religious character, extremism and extremism, superstition and anger.*

9-уми марти соли равон дар Кохи Ваҳдат суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо фаъолон, намояндагони ҷомеа ва ходимони дини мамлакат баргузор гардид.

Дар мулоқот Пешвои миллат аҳли ҷомеаро бахусус, ба он даъват карданд, ки агар ҷомеа солим бошад, дар он фикр, андеша, равандҳо ва зуҳуроти иҷтимоӣ дар бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд дорад. Ва агар бемор бошад, миёни ин ҳама ихтилоф пайдо мешавад.

Ҳадафу мақсади Пешвои миллат аз баргузории ин вохӯрӣ ба танзим даровардани як ҳаёти шукуфобахшу солим ва бунёди як ҷомеаи поку саодатманд, орӣ аз ҳама тундравию ифротгароӣ, хурофотсозӣ ва ҷаҳл аст. Яъне, миллат ин ҳама хатару таҳдидҳои замони муосирро ҳоло бояд дарк кунад, то ки пагоҳ он ба дарди табобатнашаванда мубаддал нагардад.

Аз мазмун ва муҳтавои суханони Пешвои муаззами миллат бармеояд, ки ин андешаҳои бунёдкорона, созанда ва роҳнамоиҳо, пеш аз ҳама, ба хотири ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, ҳимояи Истиқлоли давлатӣ, асолату ҳувияти миллӣ, ватандориву ватанпарастӣ, ифтихори ватандорӣ, арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, тафаккури таърихии миллӣ, дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ ва дар ниҳояти кор бунёди давлати миллии дунявии Тоҷикистон аст.

Суханронии Пешвои муаззами миллат ҳар як шаҳрвандро дар ҳақиқат ба ин андешаҳо амиқан ҳидоят мекунад. Барои имрӯз, барои фардо.

Тибқи моддаи 1-уми Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Ҳамчунин, дар моддаи 8-уми Конститутсия омадааст, ки «ҳеҷ идеология, аз ҷумла дин, ҳамчун идеологияи давлатӣ таъсис дода намешавад. Ташкилотҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлат дахолат карда наметавонанд». Барангехтани адовати динӣ манъ аст. Дин дар давлати дунявӣ кори шахсӣ ва хусусии ҳар як шаҳрванд аст. Аз ин рӯ, дахолати дин ба сиёсати давлатӣ ва ба масъалаҳои муносибатҳои байналхалқӣ барои ҳар як шаҳрванд, барои тамоми башарият хавфи ҷиддӣ дорад. Тавре ки таҷриба нишон медиҳад, муколамаи судманди тамаддунҳо, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории судманди динҳои гуногун танҳо дар давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ имконпазир аст [1]. Бо як ибора: «Истиқлол ва дунявият маънои низоми демократӣ ва дунявии Тоҷикистонро ифода мекунад. Ҳамин низом кафили пешрафти ҷомеаи тоҷик барои оянда мебошад» [3].

Имрӯзҳо ҷараёни демократикунонии тамоми соҳаҳои ҳаёт дар ҷумҳурии азизамон бо маром идома дорад. Албатта, дар ин роҳ қувваю ҳаракатҳои иртиҷоӣ ва зиддидавлатӣ – ҷаҳолат ва ифротгароӣ, пайдоиш ва густариши терроризм ва экстремизм мавҷуданд, ки дар баробари дигар падидаҳои барои миллату давлат хатарнок мунтазам халал мерасонанд ва дар замони муосир барои сарнагун сохтани сохти конститутсионии давлат заминаи мусоид ба вуҷуд меоранд.

Аз ин нуқтаи назар, барои мубориза бурдан, истодагарӣ кардан, пешгирӣ ва решакан намудани ин зуҳуроти ниҳоят хатарноку таҳдидоварро ба ҳастии миллат ва давлатдории миллӣ, танҳо ва танҳо тавассути мусаллаҳ будани тамоми қишрҳои ҷомеа бо донишҳои илмӣ мебошад. Чунки дар ҳама давру замон ва макон танҳо илму дониш, ақлу хирад ва дар амал татбиқ намудани он ба миллат неруи тавоно, офаранда, пуриқтидор ва наҷотбахш

медиҳад. Аз ҳамин ҷост, ки низому пешрафти иҷтимоъ, таъмини амният, сулҳу субот, бунёдкориву созандагӣ, арзишҳои маънавӣ ва фарҳангии миллӣ ба неруи илм ва фазилати инсон алоқаманд мебошанд.

Беҳуда нест, ки қувваҳои манфиатҷӯ дар оғози амалҳои ғаразноку душманонаи худ аввал арзишҳои фарҳангӣ-маънавӣ (бахусус ахлоқию динӣ)-ро коҳиш дода, фалаҷ месозанд, баъдан ҳисси нобоварӣ зиёд гардида, ба амалу кирдорҳои зишт ва хавфноки худ даст мезананд. Сабаби пайдоиш ва паҳн гардидани ин гуна зуҳуроти номатлуб аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи пасти шароити зиндагӣ, бехабар будан аз маърифати ҳуқуқӣ ва худшиносӣ, надонистани ҳувияти миллӣ, таълиму тарбияи нокифояи насли наврас, хусусан ҷавонон, боиси шомил шудани онҳо ба гурӯҳҳои ифротгаро мегардад. Дар чунин вазъият ҳар як фарди соҳибмаърифат ва хоссатан падару модар ва мо – омӯзгоронро масъулияти азим мебояд, зеро аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намудан дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон яке аз омилҳои мубориза бар зидди падидаи нанговари ҷомеаи имрӯза – терроризм ва ифротгароӣ маҳсуб меёбад. Аз ин нуқтаи назар, Пешвои муаззами миллат хатари терроризм ва экстремизмро дар замони муосир чунин таъкид менамоянд: **«…бо бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ҷомеа ба ҷойе намерасад. Хотирнишон месозам, ки хурофот ҷаҳолат аст ва ҷаҳолат ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва давлат мегардад»** [5].

Дар ин маврид Парвин Эътисомӣ барҳақ чунин таъкид намудааст:

**Меъмории ақл чун напазируфтӣ,**
**Дар мулки ту ҷаҳл кард меъморӣ.**

Антисфен Афинский (*солҳои 444/435-370/360 то мелод, аз шогирдони ниҳоят эътирофгардидаи Суқрот*) мефармояд: **«Инсонеро, ки боақл, соҳибилм, соҳибмаърифат аст, «аз ҷойи худаш гирифта ба ҷойи дигар гузоштан» (*яъне фиреб кардан, гумроҳ намудан, аз роҳ баровардан, гаразнок истифода бурдан (К.П.*) ниҳоят мушкил аст. Зеро ақл, дониш, хирад худаш вазн дорад. Нафаре, ки ақл надорад, сабук аст. Ӯро осон аст аз ҷо ҷунбонидан ва истифода бурдан. Ақл бошад, худаш қувва аст, қудрат аст»** [10, 51].

Имрӯз, бахусус дар ҷаҳони ислом, як қатор ҳизбу ҳаракатҳо, ташкилоту созмонҳо, равияю ҷараёнҳои ифротгароӣ дар заминаи эътиқодоти динӣ амалкунанда арзи ҳастӣ доранд, ки аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонию минтақавӣ бо мақсади амалӣ сохтани манфиатҳои геополитикиашон ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистони тозаистиқлол, интиқол ёфта, имконияти дар оянда вайрон кардани мувозинати динию мазҳабӣ, вазъи сиёсию идеологӣ ва суботу амнияти ҷомеаро доранд. Чунки дар давлатдорӣ таҳдидҳои аз ҳама марговар, пеш аз ҳама, ба Истиқлоли давлатӣ нигаронида шудаанд. Аз ин нуқтаи назар, лозим ва зарур аст, ки ҳамагон кӯшиш ба харҷ диҳем, то ки фарҳанги миллиамонро боло бардорем. Ба ҷомеа, бахусус ба ҷавонон, бифаҳмонем, то ки бо тақлидҳои кӯр-кӯрона дунболи ин гурӯҳҳои ифротӣ нараванд.

Пешвои миллат дар он хусус изҳори ташвишу нигаронӣ намуданд, ки то ба ҳол маҳз баъзе аз зиёиён, фаъолони ҷомеа ва ходимони дин аз фазои тундравию ифротгароӣ, хурофотсозӣ ва ҷаҳл берун нарафтаанд, рафта натавонистанд ва наметавонанд. Пешвои миллат роҳи ягонаю асосиро барои халосӣ ва наҷот аз ин ҳама фалокатҳои марговар барои миллат дар пайвастан ба илму дониш мебинанд. Дар ин асно, тавсияю дастур доданд ва миллатро бори дигар хотирнишон карданд, ки абармардони миллат дар ҳама давру замонҳо барои беҳзистии башарият, барои расонидани онҳо ба як зиндагии шоистаю сазовор кӯшишу ҷоннисориҳои зиёд кардаанд.

Вазъи тағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза ва хусусияти устувор пайдо намудани зуҳуроти хатарноки замони муосир, аз ҷумла терроризму экстремизм ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ, ки башариятро ба ташвиш овардаанд, моро низ водор месозад, ки ба масъалаҳои таъмини амнияти кишварамон диққати ҷиддию аввалиндараҷа диҳем. Бисёр муҳим аст, ки ҷавонони мо мисли ҷавонони солҳои 90-уми асри гузашта фирефтаи таблиғоти неруҳои ифротгарои динӣ ва бадхоҳони миллати тоҷик нагарданд, ҳамеша зираку ҳушёр ва барои ҳимояи манфиатҳои халқи тоҷик ва давлати тоҷикон омода бошанд.

Вобаста ба ин, муҳаққиқону таҳлилгарони масоили динӣ-сиёсӣ омилҳо ва ангезаи гароиши ҷавононро ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ чунин шарҳ медиҳанд, ки Интернет, муҳоҷирати меҳнатӣ, камбизоатӣ, камдонишӣ, надоштани ҳувияти миллӣ, шабакаҳои телевизионии моҳвораӣ ва ғайра вобаста медонанд. Узви вобастаи АМИТ, профессор Ятимов С.С. илман маҳаки асосии ин омилу ангезаҳоро чунин зикр кардаанд: **«Гумроҳӣ – ин як шакли дарки воқеияти реалӣ аз тарафи объектҳои таъсиррасонии идеологӣ мебошанд. Масъалаи ба гумроҳӣ дучор шудан дар ҷомеа падидаи нав нест. Олимон инро ҳанӯз дар давраҳои қадим мушоҳида намуда буданд. Чунин як ҳолат – натиҷаи номукаммалӣ ва ноқисии узвҳои эҳсосоти инсон аст. Бекон Ф., олими англис муътақид буд, ки сарчашмаи гумроҳӣ – ин идея ва тасаввуроти бардурӯғ мебошанд»** [8, 28-29].

Барои он, ки Истиқлоли Тоҷикистон пойдору устувор гардад ва давлати мо дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи хоси худро ёфта, дар сафи кишварҳои тараққикарда ҷой гирад, бояд мо гузаштаи худро хуб дарк карда, бо неруи тоза ва азму иродаи қавӣ ба ҳалли мушкилоти имрӯзу оянда рӯ оварем. Наҳаросем, истодагарию муҳофизат кунем. Насли имрӯзаро дар ин руҳия тарбияю омода намоем, чунки тӯли зиёда аз ҳазор сол ба миллат нобудии ҷисмонӣ таҳдид мекард ва чунин хатарҳо дар рӯзҳои мо низ вуҷуд доранд. Бо дарназардошти ин хатарҳо ба фарҳангу арзишҳои миллӣ, ҳастии миллат ва сохти конститутсионии давлат, мо – омӯзгорон ва аҳли зиёро мебояд рисолати бузурги касбӣ, шаҳрвандӣ ва инсонии худро дар назди оила, шогирдон ва аҳли ҷомеа комилан дуруст иҷро намоем.

Дар ин хусус Наполеон ҳамватанонашро чунин ҳушдор додааст: **«Французҳо, ватанатонро дӯст доред. Кӯшиш накунед, ки монанд ба ягон миллати дигар бошед. Чунки дар дунё нест миллате, ки майли монанд шудан ба французро дошта бошад».**

Аз рӯйи мушоҳидаву таҳлилҳои солҳои охир метавон амиқан хулоса кард, ки давлатҳои қудратманд он кишварҳоеро ҳамчун объекти сиёсӣ дар мадди назар қарор медиҳанд, ки дар бунёди ҳастии онҳо нуқтаҳои заъф зиёд вуҷуд дошта бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф бо дасти худи мусулмонон ҳизбу ҳаракатҳои сиёсии хусусияти динии анъанавӣ, ба монанди **«Лашкари Тайиба», «Ҷайши Муҳаммад», «Ҷундуллоҳ», «ал-Қоида», «ДОИШ», «Ансоруллоҳ», «ҲНИ», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳизб-ут-таҳрир», «Қодирия», «Акрамия», «Салафия», «Ваҳҳобия», «ҲИУ», «Ҳаракати Толибон», «Давлати Исломии Вилояти Хуросон» ва ба ин монанд ҳизбу ҳаракатҳои террористӣ** [9, 28]-ро таъсис дода, онҳоро байни мусулмонони кишварҳои гуногуни исломӣ аз тариқи роҳҳои мухталиф интишор медиҳанд ва барои чунин амал маблағҳои пулии ҳангуфт сарф месозанд.

Равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ бо ҷалби аҳли ҷомеа, бахусус падару модарон, мо – омӯзгорон ва намояндагони солимфикри динӣ мебояд наслеро тарбия карда ба воя расонем, ки аз нигоҳи одобу ахлоқ, донишу заковат, худшиносиву ҷаҳонбинӣ ба ниёзмандиҳои замони муосир ҷавобгӯю мувофиқ бошад. Аз ҳама муҳим, барои ҳифз ва ҳимояи Ватани азизамон доимо омода бошад.

Таърих гувоҳ аст, ки дар лаҳзаҳои сарнавиштсози Ватан зиёиён бояд мавқеи сиёсии устуворро ишғол намоянд, аз калавандагию бетарафӣ ҳазар кунанд ва ифодагари армонҳои миллати хеш бошанд. Ин табақаи пешсаф нигаҳбони арзишҳои маънавии халқ ва миллати худ мебошанд. Ба онҳо зарур аст, ки дар шуури ҷомеа моҳияти миллат ва давлатро ташаккул диҳанд. Онҳо бояд мунтазам таблиғ намоянд, ки ба қадри давлату давлатдории миллӣ, рамзҳои давлатӣ расидан лозим аст. Зиёиён қувваи тавоно ва пешбарандаи ҷомеа буда, нақши онҳо дар тарбияи насли наврас ва ҷавонон низ хеле муҳим мебошад.

Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки яке аз сабабҳои асосие, ки барои миллати тоҷик бо фоҷиа меанҷомад ва ба сари ин миллат доимо таҳдид мекунад, ин сарфи назар кардани донишҳои илмӣ мебошад. Аз ин рӯ, донишмандон ва аҳли зиёи моро зарур аст, ки аз гузаштаи талху сангини миллат сабақ омӯхта, қарзи фарзандӣ ва рисолати инсонии хешро имрӯзҳо ва аз ҳар вақти дигар содиқона иҷро намоянд, ба амалҳои дурӯягӣ ва муросокорӣ ё бетарафӣ мубориза беамон баранд.

Имрӯз ҷавонони мо бояд хуб дарк намоянд, ки тақдириояндаи халқу давлат маҳз ба дӯши онҳо вогузор карда шудааст. Чунки ҳифзу ободи кардан ва ба наслҳои оянда ба мерос

гузоштани Ватани ободу рушдёбанда масъулияти бузург дорад ва бахусус ҳар фарди ҷавонро вазифадор менамояд, ки ҳамеша ба хотири таҳкими ваҳдати миллӣ, Истиқлоли давлатӣ, густариши худшиносиву худогоҳӣ ва ватандӯстӣ кӯшишу талош намояд. Онҳо дар ягон ҳолат ва ҳеҷ гоҳ набояд фаромӯш созанд, ки **«Падидаҳои «ДИИШ», «ал-Қоида, «ҲНИ», «Ваҳҳобия», «Салафия», «Ҳизб-ут-таҳрир» ва монанди ин ҷараёнҳои террористиву зиддимиллӣ қатъан чизҳои нав нестанд. Ин гуна ҳаракатҳо дар таърихи инсоният ҳазорҳо сол вуҷуд доштанд. Вуҷуд доранд. Вуҷуд хоҳанд дошт. Дар шаклҳои дигар. Дар асоси ақидаҳои дигар (динӣ ва ғайридинӣ). Бо пуштибонҳои дигар. Бо истифода аз маблағҳои дигар. Бо номҳои дигар. Бо чеҳраҳои дигар»** [9, 11-12].

Муҳаққиқони соҳаи илми сиёсӣ низ дар атрофи таҳдидҳое, ки асосан ба суботи сиёсӣ ва устувории давлат нигаронида шуданд, таҳлилу таҳқиқҳои зиёдеро ба сомон расонидаанд. Аз ҷумла, онҳо сарчашмаҳои пайдоиши ин таҳдидҳо ва зарбаи онҳоро ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, роҳҳои амалишавии стратегияҳои давлатӣ ва ҳадафҳои миллӣ, доштани маълумот ва тасаввурот дар бораи ин таҳдидҳо, «навъбандии таҳдидҳо ва шаклҳои гуногуни зоҳиршавии онҳо» [5, 78-101], роҳу усул ва таҷрибаи пешгирӣ намудани ин таҳдидҳоро мушаххасан нишон додаанд.

Акнун миллати бузурги тоҷик итминони комил дорад, ки Пешвои муаззами миллат, барои миллат корҳои бузургу таърихиеро оид ба нигаҳдории тамомияти арзии кишвар, дифоъ аз душманони дохиливу хориҷӣ, баландшавии сатҳи зиндагии аҳолӣ, мубориза бар зидди қонуншиканӣ, терроризм ва дигар зуҳуроти манфӣ анҷом дода метавонад.

Мусаллам аст, ки зимни тарбияи инсони комил нақши оила, мактаб ва ҷомеа калидӣ буда ва танҳо дар ҳамбастагиҳо мо метавонем, ҳама мушкилотро сарбаландона рафъ созем.

Фарзанди ҷисман ва аз ҷиҳати маънавӣ солим ва фарзанде, ки аз лаҳни ширини модар панду насиҳат мешунавад, ба қадри падару модараш, миллаташ, Ватанаш, забони шевои модариаш, таъриху адабиёт ва фарҳанги куҳанбунёди миллати тамаддунофараш мерасад. Аз ин рӯ, ҳамагонро лозим аст, ки пайваста заҳмат кашем, чунки кори тарбия назорату фаъолияти хамарӯзаро тақозо мекунад. Дар ин роҳ танбалӣ, фориғболӣ, бетарафӣ, назоратчӣ будан баробари хиёнат ба давлату миллат бояд арзёбӣ мегардад. Масъулияти ин кори бузург ба уҳдаи ҳар яки мост.

Чунки махз **ТАРБИЯ** падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад. Аз ин рӯ, тарбия аз рӯйи мақсаду вазифа ва мазмуну мундариҷа нисбат ба таълим муқаддамтару васеътар аст [2].

Пешвои муаззами миллат бо дарки аҳамияти ҳаётии таълиму тарбия ва роҳ надодан ба фасоди ахлоқии наврасон ва ҷавонон таъкид мекунанд, ки таърихи халқи хешро донистан, мероси фарҳангиро соҳибӣ кардан, зери парчами анъанаву суннатҳои неки инсонпарварона ва дигар фазилатҳои наҷиб муттаҳид кардани ҳамаи сокинони кишвар мақсаду мароми мо мебошад. Дарк, аҳамият ва муҳиммияти ин масъаларо профессор Ятимов С.С. бо қатъият таъкид мекунанд: **«Албатта, ҳар кас нишона, баранда ва давоми умри маънавии авлод ва падару модари хеш аст. Муҳим он аст, ки тарбияи фарзанд дар ихтиёри ашхоси тасодуфӣ наафтад. Таърихи миллатҳо ҳазорҳо мисол дорад, ки ҳангоми ба дасти ашхоси ифротӣ афтодани фарзандон, онҳо на танҳо ба бегонагон, балки ба падару модар ва хоҳару бародари хеш раҳм накардаанд. Қотили падару модар ва хоҳару бародари хеш гаштаанд. Сари Мирзо Улуғбеки 56 соларо, 27.10.1449 дар Самарқанд, ҳангоми адои намоз, фарзандаш Абдулатиф ваҳшиёна бо ханҷар аз тан ҷудо кардааст. Ҳисси таассуби динӣ бар қотил аз меҳри фарзандӣ, муносибати эҳтиромона ба яке аз бузургтарин олимони риёзидон, ситорашинос, ки дар қатори шаш донишманди сатҳи ҷаҳонӣ дар Аврупо эътироф гаштааст, шахсияте, ки зиёда аз 40 сол амири Мовароуннаҳр буд, ғолиб омадааст. Барои асоснокии қатли падар, писар аз муллоҳои замон фатвои хаттӣ ҳам гирифтааст»** [10, 18-19].

Ҷаҳони имрӯзаи пешрафта тасдиқ кунонд, ки инсоният торафт аз ҷаҳонбинии динӣ дар раванди огоҳӣ пайдо кардан аз асрори табиат ва густариши маърифати илмӣ, ба ҷаҳонбинии дунявӣ, ки инсони мутафаккиру огоҳ ва хештаншиносро меҳвари ҷомеаи

инсонӣ мешуморад, рӯй овардааст. Маҳз ҷаҳони пешрафтаи имрӯза исбот кард, ки андешаи солими ҳар як фард метавонад мояи густариши зиндагии хушу гуворо, шоиста ва муносиби инсонӣ гардад, на эътиқод ба ҳама тундравию ифротгароӣ, хурофотсозӣ ва ҷаҳл. Дар ҳақиқат, маҳз ҳамин худогоҳию хирад аст, ки миллати куҳанбунёди мо аз санҷиши талху сангин ва марговари таърихӣ гузашта ва эмин нигоҳ дошта шуда, акнун ба сӯйи амалисозии ҳадафҳои стратегии миллии худ раҳнамун аст.

Аз ин рӯ, ин ҳадафҳои стратегии пешгирифтаи давлату ҳукумат қадам ба қадам амалӣ гардида, заминаи комил барои бунёди ҷомеаи босаодат фароҳам овардааст. Бахусус, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дар асоси муқаррароти Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҶТ» ва мутобиқи ҳадафҳои дарозмуҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки дар паёмҳои Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҶТ ҳанӯз дар солҳои 2014 ва 2015 баён шуда, таҳия гардида буд.

Ҳоло дар назди насли ҷавони кишвар масъалаҳое қарор доранд, ки дар замони ҷаҳонишавӣ дарку ҳалли онҳо аз ҷавонони мо дониши амиқ, огоҳӣ доштан аз техникаву технологияи муосир, ҷаҳонбинии замонавӣ ва муҳимтар аз ҳама, ҳисси баланди миллӣ, худогоҳиву худшиносӣ, масъулият, интизомнокӣ, дар сатҳи баланди касбӣ аз бар кардани на камтар аз 2-3 забони хориҷӣ ва самимона дӯст доштани Ватанро талаб менамоянд. Аз ин рӯ, барои рушди устувори ояндаи кишвар ва амалигардонии ин масъалаҳо бояд диққати ҷиддӣ ва аввалиндараҷа дод.

Миллати куҳанбунёд ва сарбаланди тоҷик дар тӯли таърихи дуру дароз мероси фарҳангию тамаддуни қадимаи худро бо ҳазорон заҳмату ҷонбозиҳо, ҳатто дар лаҳзаҳои дуру дарози бедавлатӣ ҳифз карда, то рӯзҳои мо расонидааст. Акнун падару модар, мо – омӯзгорон, аҳли зиё ва умуман, ҳар як фарди калонсолро лозим аст, ки бояд наслҳои имрӯзу фардои миллатро аз мероси бузурги аҷдодӣ огоҳ созем, дар замири онҳо эҳсоси баланди ифтихор аз давлатдорӣ, қадру қимати давлати мустақили миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, шинохти қадри гузаштагони хирадманди худро тарбия намоем. Дар иҷрои ин масъулияти бузург набояд саҳлангорӣ намуд ва иҷроишашро ба имрӯзу фардо гузошт. Нақши тарбиядиҳандаро И.Кант чунин хотиррасон кардааст: **«Тарбиядиҳандаи бадахлоқ, шахсияти бадахлоқро тарбия мекунад».**

Имрӯз дар назди мо – омӯзгорон вазифаи ниҳоят масъулиятнок – тарбияи наврасону ҷавонон дар рӯҳияи ифтихори миллӣ, илму донишандӯзӣ, забондонӣ ва одобу ахлоқи ҳамида, ки кафолати пешрафти маънавии ҷомеа ва дар маҷмуъ, муҳофизи имрӯзу ояндаи ободи кишварамон мебошанд, истодааст. Аз ин рӯ, олими варзидаи тоҷик Ятимов С.С. ҷиддан чунин тавсия, дастур ва раҳнамоӣ мекунанд: **«Барои сохтан, қувват бахшидан ва ба давомнокии давлатдории миллӣ умед бастан, захираи иҷтимоии ба чунин сохти давлатдорӣ муътақид, ҳифзкунанда бояд офарид, ба воя расонд. Рӯйи саҳнаи иҷтимоӣ гузошт»** [7, 26].

Роҳбари давлат ҳар як шаҳрвандро мунтазам таъкид месозанд, то ки **«ҳар фард аз калима ва ибораҳои «миллат, «таърихи ташаккул ва рушди миллӣ», «андешаи миллӣ», «асолати миллӣ», «ҳувияти миллӣ», «истиқлоли миллӣ», «ватандориву ватанпарастӣ», «ифтихори ватандорӣ», «арзишҳои таърихиву фарҳангӣ, илмиву маданӣ», «урфу одат ва анъанаҳои миллӣ», «тафаккури таърихии миллӣ», «дифоъ аз фарҳангу тамаддуни миллӣ», «бунёдкорӣ» ва монанди инҳо бояд бахравар бошад. Онҳоро фаҳмад. Дарк намояд. Тафсир карда тавонад. Дар рафтори иҷтимоии худ амалӣ созад»** [11, 28].

Аз ин баромади Пешвои муаззами миллат чунин хулоса бароварда мешавад, ки асри XXI, асри пешрафти илму техника ва иттилооту иртибот буда, барои ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои хуберо барои ҳамзистии озоду ободу осуда фароҳам овардааст, то ки онҳо аз таассубу ифротгароӣ, бегонапарастию ҷаҳолат раҳоӣ ёбанд. Ҷомеаи суннатиамонро аз ин таҳдидҳо наҷот диҳем, зиндагии ҷадидеро бахри пешрафту тараққиёти ояндаи кишвари азизамон дар доираи Конститутсия, консепсияю стратегияҳои миллӣ ва қонунҳои амалкунандаи давлатиамон пеша кунем.

**АДАБИЁТ**:

1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135с.
2. Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 марти соли 2006, №94.
3. Комил Бекзода. «Ҷаҳонбинии оянда» ва бархӯрди андешаҳо. – Душанбе: Дониш, 2015. – 701с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҶТ». – Душанбе, 2018. №1544.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 21.12.2021.
6. Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳои замони муосир: масъалаҳои назариявию методологӣ. Монография. – Душанбе: ЭР-граф, 2023. – 420с.
7. Ятимов С.С. Адабиёт ва диалектикаи ҳаёт. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 248с.
8. Ятимов С.С. Идеология ва манфиати миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192с.
9. Ятимов С.С. Илм ва амният. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – 192с.
10. Ятимов С.С. Иммануил Кант ва ташаккули субъекти сиёсӣ. Субъекти сиёсӣ ва амнияти миллӣ. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019.
11. Ятимов С.С. Ҷилди 11. Масъалаҳои забоншиносӣ дар таълимоти Пешвои миллат. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 384с.

ТДУ: 321:297 (575.3)

# ИДЕОЛОГИЧЕСКОЕ ПРОТИВОСТОЯНИЕ СВЕТСКОГО И РЕЛИГИОЗНОГО НАЧАЛ В УСЛОВИЯХ УСИЛЕНИЯ ТЕОКРАТИЧЕСКОГО ХАРАКТЕРА ИСЛАМСКОГО ФУНДАМЕНТАЛИЗМА

**КАМОЛОВА М.Р.**

*Кандидат политических наук, соискатель-докторант Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*В статье автор выносить на обсуждение роль государства в идеологическом противостояние светского и религиозного начал в условиях усиления теократического характера исламского фундаментализма. Реальность политической ситуации современного Таджикистана. Развитие политических институтов, а также политических событий в течение последних 30 лет, идеологический противостояние светского и религиозного движение, которые непосредственно отражают политическую реальность общества Республики Таджикистана и региона Средней Азии. А также данных статья логически связано с проблемой джихадисткой политики по созданию теократического государства крайне экстремистского толка.*

***Ключевые слова:*** *идеология, идеологическое противостояние, фундаментализм, радикализм, государство, светское государство, теократическое государство, национальная идея, глобализация, политизированный ислам.*

# ОҒОЗИ МУҚОВИМАТҲОИ ИДЕОЛОГИИ ДИНӢ ВА ДУНЯВӢ ДАР ШАРОИТИ ШИДДАТЁБИИ ТЕОКРАТИИ ФУНДАМЕНТАЛИЗМИ ИСЛОМӢ

**КАМОЛОВА М.Р.**

*Номзади илмҳои сиёсӣ, докторанти Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Муаллиф дар мақола нақши давлатро дар бархӯрди идеологии принсипҳои дунявӣ ва динӣ дар заминаи таҳкими моҳияти теократии фундаментализми исломӣ баррасӣ кардааст. Воқеияти сиёсии Тоҷикистони имрӯзаро дар бар мегирад. Ташаккули институтҳои сиёсӣ ва ҳамчунин воқеоти сиёсии 30 соли охир, муқовимати идеологии ҳаракатҳои динию дунявӣ, ки инъикосгари воқеияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Осиёи Миёна мебошад. Ҳамчунин мақолаи мазкур, мантиқан бо масъалаҳои сиёсати ҷиҳодӣ, ки ҳадафи ташкили давлати динии ифротии канораро дар бар мегирад, алоқаманд мебошад.*

***Калидвожаҳо***: *идеология, бархӯрди идеологӣ, фундаментализм, радикализм, давлатдорӣ, давлати дунявӣ, давлати теократӣ, идеяи миллӣ, ҷаҳонишавӣ, исломи сиёсӣ.*

# IDEOLOGICAL RESISTANCE TEMPORAL AND RELIGIOUS BEGINNING IN THE CONDITION OF STRENGTHENING THEOCRATIC CHARACTER OF ISLAMIC FUNDAMENTALISM

**KAMOLOVA M.R.**

*Candidate of political science, competitor- Doctor phd Institute of philosophy, political and law named after A. Bahovaddinov of National Academy of science of the Republic of Tajikistan,*

*The author in this article explained the role of state on ideological clash of secular principals and religious on the basis of strengthening theocratic essence of Islamic fundamentalism. Nowadays it includes policy of Tajikistan. Developing of political institution and also 30- years of last political events, ideological resistance of secular and religious movement, which reflector of*

*political events of the Republic of Tajikistan and Central Asia. Also this article logically connects with the issues of political jihad, which its ambition to organize religious extremist state.*

***Keywords:*** *ideology, ideological clash, fundamentalism, radicalism, statehood, secular state, theocratic state, national idea, globalization, political Islam.*

Реальность политической ситуации современного Таджикистана показывает, что развитие политических институтов, а также политических событий в течение последних 30 лет в целом отражает трудный процесс формирования, институционализации политических структур государства и его атрибутов. Данный процесс повсеместно сопровождался созданием светских институтов власти с внедрением принципов демократии во всех ветвях государственной власти – исполнительной, законодательной и судебной. Характерной особенностью этого фактора, было то, что оно одновременно сопровождалось идеологическим противостоянием светского и религиозного начала, которая стала причиной политических катаклизмов с противостоянием двух политических сил - сторонники создания светского общества и на другой стороне стояли партии и движения, которые требовали создания исламского государства.

Таким образом, в данной статье мы намерены рассматривать вопрос идеологического противостояния этих двух политических систем, которые непосредственно отражают политическую реальность общества Республики Таджикистана и региона Средней Азии. Для достижения поставленной цели, прежде всего, необходимо изучение сущности таких понятий и дефиниций как **«идеология», «идеологическое противостояние», «светский и теократический характер государств» и «исламский фундаментализм».** Одновременно считаем целесообразным исследовать политические процессы, как внутри государства, так и на международном уровне, содержание которых логически связано с проблемой джихадисткой политики по созданию теократического государства крайне экстремистского толка.

В философском энциклопедическом словаре под редакцией Л.Ф. Ильичева и П.Н. Федосеева даётся следующее определение понятию «идеология» - ИДЕОЛОГИЯ (от идеи и греч. λόγος – слово, понятие, учение), система взглядов и идей, в которых осознаются и оцениваются отношения людей к действительности и друг к другу, социальные проблемы и конфликты, а также содержатся цели (программы) социальной деятельности, направленной на закрепление или изменение (развитие) данных общественных отношений [16].

Понятие **«фанатизм»** происходит от латинского слова fanum–«жертвенник» и проявляется в твердой вере в правильность определенных идей, приверженности им, нетерпимости к чужим идеям, в полном неприятии других сект и деноминаций и в их неприятии [4].

Фанатизм нельзя рассматривать как идею масс, оно, скорее всего, является детищем духовных лидеров этого движения. Внутри сообщества религиозного фанатизма главенствующая роль принадлежит активному меньшинству - радикальному блоку, которая при помощи насилия, держит власть над большинством. Естественно возникает вопрос - «почему опорой настоящей твердой позиции, становятся не традиция, не здравый смысл и опыт, а никем не проверенные модные учения? Почему, в самом деле, опыт так мало ценится и так мало влияет на исторический процесс по сравнению с порою дикими экстравагантностями тех или иных учений?» [16, 45].

Исследуя феномен **«исламский фанатизм»**, необходимо знать, в чем заключается принципиальная разница между такими исламскими феноменами, как набожничество, благочестие и фанатизм. Представляется также важным выявлениеисторических корней

исламского фанатизма, определение места фанатических тенденций в системе исламской цивилизации. В ходе научного анализа исламского фанатизма необходимо разграничить понятия «ислам» и «фанатизм». Нельзя согласиться с тем, что «каждый мусульманин – фанатик, хотя и не каждый фанатик – мусульманин».

Одна из важнейших характерных особенностей исламского фанатизма

– тенденция к монополизации истины, наиболее ярко проявляющаяся видее «обвинения в неверии и уходе от мира» (ат-такфир ва-ль-хиджра). Исламский фанатизм базируется на вере в истинность первоначального ислама, он чаще всего объясняется как идея восстановления изначального ислама через обращение к опыту (ас-салаф ас-салихун). Возрождение исламского наследия трактуется как реставрация раннеисламских социальных институтов и связанных с ними социальных и правовых норм. Избирательная актуализация шариатских норм приводит, в сущности, к формированию своеобразного «мифа о шариате», не совпадающего до конца с реальным историческим набором исламских норм. Таким образом, радикальное отрицание «нововведений» (бид'а) оборачивается новацией на более фундаментальном уровне [25, 93-109].

История великих переворотов и эпохальных событий показывает тот факт, что эмпирический опыт под напором радикальных движений, насаждаемые активным меньшинством всегда побеждают и этот феномен требует более углубленного изучения. Идея духовных лидеров фанатизма скорее всего напоминает «просветительскую слепоту», когда поверхностный подход выдается за реальную идею [2,13] Однако ислам не воспринимает крайний фанатизм и в Коране указано, что «Уммат аль-вуста» т.е. мусульмане это народ, выбирающий срединный путь и сохраняющий во всех делах равновесие. Задача мусульман является быть идеальным и избегать крайнего фанатизма, выбрать срединный путь и бороться с экстремизмом и фанатизмом посредством образования, диалога и твердости в вере [17,47]

Фанатизм во всех сферах жизни легко отличается от других форм поведения и объединения людей по своим характерным признакам. В частности одним из проявлений фанатизма, является навязывание собственного мнения, идеи и мировоззрения другим людям с неприемлемостью других взглядов. Одержимый идеями фанатик никогда не пойдет на компромисс с противостоящей стороной, что характеризует фанатизм как воинственное направление граничащий с джихадизмом и которая несет угрозу для общества, поскольку оно отрицает любое проявление толерантности. Людей с повышенными склонностями к фанатизму, Фуко называл маргиналами, изгоями, слабыми и к которым относил, тех, кто носили на себе печать «не такие, как все». Вопрос о соотношении нормы и патологии, их комплементарности стал предметом анализа постмодернизма.

Нужно отметить, тот факт, что проявление фанатизма и джихадизма не являются случайными явлениями, а рассматриваются как следствие взаимосвязанных причин и обстоятельств, главным из которых является изоляция группы, население или общества от окружающих его остального мира. В условиях изоляции доминирующая среди группы идея в форме джихадизма обретает тоталитарный характер и охватывает всех тех, кто живет в условиях данного изолированного общества. Чем выше становится уровень изоляции, тем выше степень влияния идеи джихадизма на членов группы и тем выше становится уровень замкнутости членов группы в пределах собственной идеи. В условиях фанатизма, все члены группы становятся рабами своих убеждений и любая попытка выхода из этого круга равноценно, по их мнению, предательству, что ограничивает свободную волю личности в рамках существующей идеи.

Термин **«радикализм»** происходит от латинского слова radix – «корень», что буквально обозначает бескомпромиссное стремление идти до конца, добиваться коренных изменений и наиболее полных результатов в любой преобразовательной деятельности. [9, 506]

Во второй половине 90-х гг. радикализм стал трактоваться как "предельно политизированная часть ислама". В отношении определения самого термина «исламский

радикализм» также имеются различные точки зрения. Если в середине 90-х годов «исламизм» трактовался как «новый фундаментализм» [22, 46-50], в конце 90-х – как «предельно политизированная составляющая часть ислама» [20, 207-209], то сегодня его чаще употребляют в значении «политический ислам», а «исламистами» («исламийюн») на Ближнем Востоке нередко называют уже всех тех, кто активно использует исламскую религию как средство достижения политических целей [17,14].

Как подчеркивает российский исследователь И.П.Добаев, **исламский радикализм,** как философское и социально-политическое явление, существует в двух основных формах: как идеологическая доктрина и как основанная на этой доктрине социально-политическая практика. Радикализм, как теоретико-философское течение, - явление, характерное не только для эпохи индустриального общества, но и для более ранних фаз его исторического развития. Однако при нарастании социально-политических и экономических кризисов, неизбежных в условиях трансформации и модернизации общества, обращение к радикальной идеологии, ее развитие, представляются вполне закономерной реакцией людей. Основное содержание теоретико-философского направления радикализма заключается в поиске всеобъемлющей альтернативы: когда по тем или иным причинам рушится господствующая в обществе вера или идеология, жизненные ценности также теряют свой смысл, поскольку смысл этим ценностям придает определенная идеология (или религия) [7,40-41].

За все время существования ислама, умеренные типы политизированного ислама развивались параллельно и в тесной взаимосвязи с радикальными элементами этой религии. Более того, первоначально именно умеренные течения задавали тон в исламизме. Выступая за возрождение величия ислама и «халифат» как «великую родину мусульман», умеренные исламисты не отвергают, как мы уже отмечали, патриотизм и национализм, поскольку они служат укреплению режимов власти, при которых создаются благоприятные возможности для проповеди идеалов исламизма.[3,488с.] Исходя из противостояния этих двух противоречий в исламе, мотивацией для некоторых террористов действительно могут служить экстремистские религиозные убеждения и культурные отличия; другими движут расхождения в политических и идеологических убеждениях. Единой побудительной причины не существует [23,18].

В какой то мере исследование фанатизма приводит нас к границам наук и мы вынуждены оценить психологическое состояние фанатиков. Такие качества как эгоизм, самоутверждение, само-показ, ненависть к другим являются психологическим портретом фанатиков религии. В таких случаях в роли психологов выступают имамы мечетей, когда к ним обращаются склонные к фанатизму люди. Примечательным примером искренности имама в пропаганде является следующий пример: «Приходит такой юноша к священнослужителю и говорит, что хочет приобщиться к джихаду. И имам с радостью отвечает, что это правильное желание, поскольку каждый мусульманин должен неуклонно находиться на этом пути. И в первую очередь постоянно, не жалея сил убивать неверного… в себе. Это и есть истинная сущность джихада – бороться со своими пороками, очищать своё сердце от скверных помыслов, давить их в зародыше, противостоять другим искушениям дьявола, который хочет сбить человека с истинного пути». [6,35-40] Затем имам открывает Коран и показывает места в которых говорится о джихаде, но в них не сказано, чтобы верующий должен убивать невинных людей взрывая себя. Данный пример показывает как важно позиция имама мечети в направление людей на правильный путь.

Один из источников фанатизма и нетерпимости – ложное представление о том, что цель оправдывает средства. Это бы означало, что можно дурными средствами достичь доброй цели. В исламе же провозглашен совсем иной принцип – „Не равны доброе и злое. Отклоняй же тем, что лучше” (41:34). [11,46]

Так на пример, школы террористов в Сирии и Ираке открыто обучали джихадистов тактике ведения боевых действий. На первом этапе в рамках «подготовительных курсов», которые охватывали учеников в возрасте от 5 до 15 лет и «взрослые» – от 15 лет и старше. Занятия проводились ежедневно с 7.00 до 22.00. Распорядок дня включал в себя

физическую подготовку, изучение боевых искусств и законов шариата, огневую подготовку (теоретические занятия по изучению тактико-технических характеристик и устройства различных видов оружия, выполнение практических упражнений по разборке и сборке оружия и стрельбе из него), инженерную подготовку (изготовление самодельных взрывных устройств) и др. Занятия по боевой, религиозной и идеологической подготовке проходили поочередно. Помимо умения воевать новобранец должен был освоить курс, включающий в себя изучение такой религиозной литературы радикального толка, как «Курс Единобожия», «Основы Фикха (мусульманского права)», «Этика (нормы поведения) муджахеда» и «Фикх джихада». При этом обучаемый должен был выучить одну-две суры из Корана и запомнить основные положения «Курса Единобожия». [15,129]

В отличие от школ подготовки джихадистов в Пакистане, Афганистане и Египте, где основное место занимает воспитание ненависти к представителям других религий, саудовские богословы «светски» образованы, поскольку их программа подготовки носить более расширенный характер. Программы их подготовки в научных институтах (среднее образование) включают в качестве обязательных дисциплин литературу (арабскую, в первую очередь), историю (саудовскую, региональную и всемирную), географию, математику, «естественные науки», английский язык и компьютер. Предлагаемая Университетом имени имама Мухаммеда бен Сауда (открытого ныне и для девушек) программа, кроме «религиозных наук», включает медицину, информатику, экономику и менеджмент, «естественные» и «общественные» науки, инженерное образование [10,108].

Воинствующий джихадизм в контексте исламского фанатизма как фактора политической радикализации исламской религии является характерным для ваххабизма, резко отличающим его от традиционного ислама. В частности предельное неприятие свободы совести, предельная религиозная нетерпимость, призыв к насилию, воинственность и другие черты выделяют фанатизм ваххабитов среди других течений ислама. По их идеологии христиане «относятся к числу наихудших созданий перед Аллахом», когда как Коран запрещает притеснять представителей Книги, кем являются христиане: «...Бог ниспослал Мухаммаду ту же самую религию, что и Аврааму, Моисею и Иисусу.». [5,46] «…ниспослал Я Тору, - а после него стал посылать пророков, которых они обвиняли во лжи, если те приходили с повелениями, которые были им не по нраву, как и чудеса, подтверждающие пророчество Иисуса, сына Марии, - являвшего их с помощью Духа Святого, [т.е. архангела Гавриила] - когда послал Я его [т.е. Иисуса] к тем, [т.е. к иудеям] что убили его, надменно…» [11,46].

Воинствующий джихадизм в контексте исламского фанатизма имеет для идеологии государства особую опасность еще и в том плане, что на уровне официальной религии, среди верующих распространяются, такие формы толкования джихада, которыепропагандируют призыв к открытой войне. Так, например, согласно комментариям идеолога джихада - А. Аззама, допускается участие в войну на чужой территории, даже если местное население не согласен с джихадом. Но особую опасность теория А. Аззама представляет тем, что он допускает убийство женщин, детей и стариков, если враг прикрывается упомянутыми выше лицами в качестве живого щита во время боевых действий или в случае, если они каким бы, то ни было способом участвуют в борьбе [12,161]. В пропаганде джихада идеологами талибов использовался метод мистификации вокруг титула «халиф», который восседал на трон в Кандагаре, где хранится, хиркайимубарак («благословенная плащаница» Пророка).

Таким образом, мы приходим к выводу о том, что воинствующий джихадизм в контексте исламского фанатизма является одним из фактором политической радикализации религии. Как показывает опыт и теория религии, воинственность навязано религии извне и используется отдельными политическими силами в качестве инструмента влияния на политическую систему общества.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Аль-Маудуди. Основы ислама. – Москва, 1993.

2. Бердяев Н.А. Смысл истории. – Москва, 1990.
3. Белокреницкий В.Я., Ульченко Н.Ю. Нации и национализм на мусульманском востоке. – М.: 2015 – 488с.
4. Большая Советская Энциклопедия (БСЭ), 3-е издание. Под ред. А. М. Прохорова. – Москва, 1969.
5. Валиахметова Г. Н. История и современность. Выпуск №1(11)/2010.
6. Джихад истинный и мнимый // Константин Алексеев, На боевом посту. – 2018 год январь. – С.35-40.
7. Добаев И.П. Исламский радикализм: генезис, эволюция, практика.– Ростов-на-Дону: Издательство СКНЦ ВШ, 2002. – 334с.
8. Журавлев И.В., Мельников С.А., Шершнев Л.И. Путь воинов Аллаха. Ислам и политика России. М., 2008.-180 с.
9. Кондаков Н.И. Логический словарь – справочник. – Москва, 1975.
10. Косач Г.Г. Саудовская Лига общественной морали: критика действий / Институт Ближнего Востока. – 2009. – 30 мая. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.iimes.ru/; Косач Г.Г. Саудовская Аравия: Лига общественной морали защищается / Институт Ближнего Востока. – 2007. – [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.iimes.ru/ rus/stat/2007/13-06-07a.htm/ (дата обращения: 2 ноября 2021 год).
11. Коран. Отредактированный перевод И.Ю.Крачковского, с комментариями Кязымова А.П. – Баку 2002.
12. Кадырова К.А. Джихад: историческая традиция и основные тенденции интерпретации в XX – начале XXI вв. дисс. по специальности 07.00.03 – Всеобщая история, на соискание ученой степени кандидата исторических наук. – Москва, 2016.
13. Концепция власти Фуко // Л.Я. Курочкина, В.Н. Первушина. [Электронный ресурс]. Режим доступа:www.http//litress.ru. (дата обращения: 3 ноября 2020 года).
14. Мирский Г. Исламский фундаментализм и международный терроризм // Центральная Азия и Кавказ. – 2001. – № 6 (18).
15. Плотников В.В. Основы ислама Силы и движения в Сирии Международные террористические организации. Информационно-аналитические материалы /. – М.: Издательство «Дирижабль», 2019. – 254с.
16. Панарин А.С.Философия истории. – Москва, 1999.
17. Поляков К.И. Указ.соч. Москва, 1999.-350.
18. Роль религии и убеждений в современном демократическом обществе: поиск путей противостояния терроризму и экстремизму. Конференция ОБСЕ Баку, Азербайджан, 10-11 октября 2002 г.Доклад Доктора Абдулджалила Саджида, Имама Брайтонской исламской миссии, Великобритания. – Роль религии и убеждений в демократическом государстве: в поисках методов борьбы с терроризмом и экстремизмом.
19. Сагадеев А.С. Джихад // Наука и религия. – 1986. – № 6.
20. Сажин В.И. Указ.соч. Москва, 2000.-300.
21. Умнов А.Ю. Исламский фундаментализм на Среднем Востоке // Вестник Московского университета. Сер. Востоковедение. –1994. – № 3.
22. Форум по проблемам преступности и общества, том 4, № 1 и 2, декабрь 2004 года. Алекс Шмидт п. ООН. – Нью-Йорк, 2006. –136с.
23. Яхьяев М.Я. Фанатизм в исламской религии. Исламоведение. – 2009. – № 1.

ТДУ: 323+327 (575.3)

## ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ИСЛОМИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

**БОЕВ З.У.**
*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ в ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Зуҳури исломи сиёсӣ падидаи бисёр ҷиддӣ ва дар айни замон нигаронкунанда барои таъмини амнияти ҷомеа ва давлат мебошад. Ислом дар Тоҷикистон дар натиҷаи воқеаҳои иҷтимоию сиёсии солҳои 90-ум ба сиёсат омехта гардида, хусусияти сиёсӣ касб кардааст. Дар зери пардаи дини ислом ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилоту созмонҳои террористиву экстремистие паноҳ мебаранд, ки амалҳои онҳо ба ноором сохтани ҷомеа ва аз байн бурдани сохти конститутсионӣ равона гардидааст. Аз сарчашмаҳои гуногуни таърихӣ ва тадқиқотӣ чунин бармеояд, ки руҳониёни иртиҷоӣ аз давраҳои қадим бар зидди халқи тоҷик ва давлатдории он мубориза бурдаанд ва чунин муносибати тахрибкоронаи онҳо то имрӯз идома ёфта истодааст. Аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи роҳҳои пешгирӣ аз раванди номатлуб талаботи замон аст.*

***Калидвожаҳо:*** *исломи сиёсӣ, дин, сиёсишавии ислом, идеология, амният, ифротгароӣ, радикализми исломӣ.*

## ОСНОВЫ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО ИСЛАМА В ТАДЖИКИСТАНЕ

**БОЕВ З.У.**

*Соискатель Института философии, политологии и права имени А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Возникновение политического ислама как серьёзнейшее явление в настоящее время вызывает тревогу по поводу сохранения безопасности в обществе и государстве в целом. Во время известных социально-политических событий 90-х годов в Таджикистане, ислам вмешавшись в политику, приобрёл политические очертания. Политические партии, террористические и экстремистские организации, прикрываясь исламской религией, совершили ряд действий дестабилизирующих общество и грозящих свержением конституционного строя. Согласно различным историческим источникам и результатам исследований, исламские фундаменталисты ещё с древнейших времён осуществляли борьбу против таджикского народа и его государственности, и эта их подрывная деятельность продолжается по сей день. С учётом изложенного, в настоящее время необходимо найти пути предупреждения данного негативного явления.*

***Ключевые слова***: *политический ислам, религия, политизация ислама, идеология, безопасность, экстремизм, исламский радикализм.*

## THE ORIGINS OF POLITICAL ISLAM IN TAJIKISTAN

**BOEV Z.U.**
*Applicant of the Institute of Philosophy, Law and Political Science named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*

*The emergence of political Islam is a very serious and at the same time worrying phenomenon for ensuring the security of society and the state. As a result of the social and political events of the 90-th years, Islam in Tajikistan was mixed with politics and acquired a political*

*character. Political parties, terrorist and extremist organizations take refuge under the veil of Islam, whose actions are aimed at destabilizing society and destroying the constitutional system. From various historical sources and researches, it appears that the social clergy fought against the Tajik people and its state from ancient times, and their subversive attitude continues till today. That's why searching ways of preventing from worse prosses is the require of time.*

***Keywords:*** *political Islam, religion, politicization of Islam, ideology, security, extremism, Islamic radicalism.*

Истифодаи дини ислом бо мақсадҳои сиёсӣ аслан падидаи нав нест. Исломи сиёсӣ, ҳар гуна шарҳу тафсири исломест, ки бо сиёсат омехта шуда, ҳадафҳои сиёсӣ дорад. Сиёсишавии ислом дар замони муосир танҳо як шакли нави ба худ хоси робитаи исломи сиёсат, ҳатто айнияти онҳоро ба ҳам ифода менамояд. Ҳаракати исломӣ дар Тоҷикистон аз ибтидо табиати баръало намоёни иҷтимоӣ ва сиёсӣ дошт ва дар заминаи маҳаллӣ арзи вуҷуд дошта, аз таъсири афкори исломии ҷаҳонӣ бархӯрдор буд.

Дар таҳқиқоти як гурӯҳ олимон "исломи сиёсӣ, ин аз ҷониби гурӯҳҳои сиёсӣ истифода гардидани шиорҳои исломӣ ва унсурҳои таълимоти ислом ҳамчун фаъолияти идеологӣ мебошад, ки дар рафти мубориза барои ҳокимият дар муқобили рақибони сиёсии онҳо истифода бурда мешаванд. Чунин мубориза метавонад чи дар доираи қонун ва ё чи берун аз он сурат гирад" [4, 57]. "Сиёсишавии дини ислом – ин саъю талоши исломиҳо ва гурӯҳҳои исломие мебошанд, ки барои амалӣ намудани мақсадҳои ғаразноки худ дини муқаддасро истифода менамоянд ва мехоҳанд, ки бо роҳи зӯрӣ ба сари қудрат оянд" [8, 49].

Имрӯз моҳияти сиёсишавии ислом аз доираи таълимоти динии анъанавӣ берун баромада, ба як падидаи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва фарҳангии мураккаб табдил ёфтааст. Ислом низоми иҷтимоӣ-диниест, ки мусулмон онро ҳамчун асоси ахлоқи зиндагӣ қабул менамояд, зеро ин дин тамоми паҳлуҳои ҳаёти иҷтимоии мусулмононро мавриди назар қарор медиҳад. Ба ақидаи донишманди тоҷик А.Н. Муҳаммад, "дар дин меъёрҳои ахлоқие низ вуҷуд доранд, ки қисме аз онҳо мусбат ва қисми дигаре манфӣ мебошанд. Аз ҷумла адолат ва зулм. Дин тарғибгари адолат буда, маҳкумкунандаи зулм мебошад. Маҳз ин ду амал динро вориди саҳнаи сиёсат месозад" [7, 289].

Дини ислом аз ибтидо, дар Қуръон ва дар амали худи пайғамбари он бо сиёсат алоқамандии қавӣ дорад ва Муҳаммад дар навбати худ, дар замони хеш ҳам роҳбари маънавӣ ва ҳам сарвари давлат маҳсуб мегашт. Ислом идеологияи ин давлат ба шумор мерафт. Муҳаққиқи тоҷик Мирзоев Ғ.Ҷ. қайд менамояд, ки "таълимот ва таъйиноти ҷангхоҳона ва даъват ба зӯроварию табъиз, ки дар сарчашмаҳои ислом вуҷуд доранду вобаста бо замони исломи ибтидоӣ ва вазъи таърихии даврони пайғамбар ташаккул ёфтаанд, барои ифротгароёни имрӯза ғизобахшу илҳомбахш мешаванд" [6, 30].

Беасос нест, ки имом Оятулло Хумайнӣ мегуфт: «Ислом дар маҷмуъ, сиёсат аст. Илми сиёсат аз ислом сарчашма мегирад. Ислом бо сиёсат кор дорад ва дар идоракунии давлат қонунҳои исломӣ барои идора кардани давлатҳои бузург имконият медиҳанд" [5,149]. Чунин мавқеъ дар фаҳмиши ислом решаи амиқ дар Қуръон ва Суннат дорад ва ҷонибдорони он намояндагони машҳури тафаккури бунёдгароёни исломӣ, ба мисли Саййид Қутб (1906-1966), Абду Аъло Маъдудӣ (1903-1979), Абдулазиз ибн Баз, Руҳулло Оятулло Хумайнӣ (1900-1989), Аҳмад Ясин (1941-1989), Абдулло Аъзам (1941-1989), Айман аз-Завоҳирӣ (соли таваллудаш 1951), Усома ибни Лодан ва ғайраҳо ба шумор мераванд.

Ба андешаи Саййид Қутб, "ҷомеаи муосир ҷомеаи ҷоҳилон мебошад, бинобар ин, тарбия намудани онҳо ва ё дастгирӣ ёфтан аз ҷониби онҳо имконнопазир аст. Ӯ иғвоангезӣ намудану ба шӯр овардани оммаро инкор намуда, барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсӣ ҷанги шаҳрвандиро ҷонибдорӣ менамояд. Ҷанги шаҳрвандӣ ба андешаи пайравони ин навъи ифротгароӣ бояд дар миёни диндорони асил ва бединон анҷом дода шавад" [9,87]. Бояд ёдовар шуд, ки ҷанги шаҳрвандие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

амал омад, аслан дар миёни неруҳои исломӣ ва пайравони ҳукумат сурат мегирифт. Шиорҳои намояндагони неруҳои исломӣ, ки дар он солҳо нисбат ба коммунистон садо медоданд ва ҷалби муҷоҳидони дохилию хориҷӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки неруҳои исломии ҷомеа маҳз мақсадҳои стратегии худро аз рӯйи стратегияи С. Қутб амалӣ менамуданд. Хусусан, ташкилотҳои террористӣ ва экстремистии "Ҳизби наҳзати исломӣ", "Ихвон-ул-муслимин", "Ҳизб-ут-таҳрир", "Ансоруллоҳ", "Ҷамоати Таблиғ", равияи "Салафия" ва ғайраҳо дар асл созмонҳои динӣ набуданд, балки механизм ё лоиҳаҳои санҷидашуда барои паҳнсозии идеяи ислоbми сиёсӣ ва таассубгаро маҳсуб мешаванд. "Сиёсишавии дин агарчанде омили пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ бошад ҳам, ифротгароии динию сиёсӣ, махсусан тарғибу ташфиқи ғояҳои ифротӣ, радикализатсияи кисмҳои гуногун ҷомеаро тезонида, боиси суръат пайдо кардани раванди сиёсишавии дин мегардад [9, 72]. Мақсади чунин созмонҳо маҳз ба даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва сохтани "давлати исломӣ" мебошад.

Дар охири асри XX ва аввалҳои асри XXI дар ҷаҳони ислом ҳизбу ҳаракатҳои исломӣ хеле фаъол гаштанд, онҳо бо роҳи ғайриқонунӣ, ба мисли ташкилоти террористӣ ва экстремистии "Ҳизби наҳзати исломӣ" (минбаъд ТТЭ ҲНИ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хостанд қудрати сиёсиро ба даст гиранд. Зуҳури падидаи исломи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, замина ва моҳияти воқеии он аз солҳои 70-уми асри XX сарчашма мегирад. Реша ва манбаи пайдоиши он ба хориҷи кишвар иртибот дошт.

Агар ба таърихи заминаҳои пайдоиши исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон назар кунем, он то ба имрӯз якчанд давраҳоро аз сар гузаронд. Дар ҳар яке аз ин давраҳо таркиби субъектҳо, вазифаҳо, мақсадҳо, фаъолияти стратегӣ ва тактикӣ иваз мешуданд. Ҳамин тариқ, дар натиҷаи омӯзиш, ба заминаҳои пайдоиши исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба чунин хулосаҳо расидем:

а) дар ҳудуди ҳозираи Осиёи Марказӣ то Инқилоби Шӯравӣ-Сотсиалистии Октябр ва барқароршавии ҳокимияти шӯравӣ, давлатҳои мусулмонии Аморати Бухоро, Хонигариҳои Хива ва Қуқанд мавҷуд буданд, ки дар охири асри XIX ва аввали асри XX дар ин кишварҳо ду ғоя дар асоси ислом паҳн шудан гирифт. Якум, панисломизм, яъне ислоҳоти сохти мавҷуда ва ташкили давлати исломӣ ва дуюм, пантуркизм буд. Тарафдорони он низ бо ғояҳои исломӣ мусаллаҳ буданд, ташкили хилофати исломиро зери роҳбарии Туркия таблиғ менамуданд;

б) ҳаракати босмачигарии солҳои 1921-ум то охири солҳои 1943-юм, ки хусусияти барқарор намудани сохти исломиро касб карда буд. Мафкураи болшевикон хислати атеистӣ дошт, аз ин сабаб ҳамзистиро бо дин эътироф намекард. Босмачиҳо дар мубориза худ ба муқобили ҳукумати нав аз дин ва муассисаҳои динӣ истифода мебурданд. "Барои куштор ва террорҳое, ки Иброҳимбек, Фузайл Махсум, Анварпошшо ва дигар ғоратгарони мардумозор дар минтақаи мо анҷом додаанд, онҳоро на танҳо босмачӣ, балки ҷинояткорони сиёсӣ шуморидан равост" [6, 19];

в) дар муддати 70 соли мавҷудияти Ҳокимияти Шӯравӣ мавҷи аввали сиёсишавии ислом суст шуда буд, вале то охир аз байн нарафт. Дар давраи гармои Хрушёвӣ (нимаи дуюми солҳои 50-60) имконияти гирифтани таълимоти пинҳонии динӣ барои ҷавонон фароҳам оварда шуд, ки ин шароитро барои гузоштани заминаи сеюм фароҳам оварда буд;

г) инқилоби исломии соли 1979 дар Эрон ва муқовимати муҷоҳиддин дар Афғонистон ба низоми дунявӣ ва атеистӣ таҳдид намуда, ифротгароӣ ва тундгароиро эҷод намуд. Ҳодисаҳои мазкур дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри гузашта барои қувват гирифтани исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон ва барпо намудани давлати исломӣ дар шакли эронӣ замина гузошт;

д) сиёсикунони ислом аз тарафи яке аз саркардагони ТТЭ ҲНИ Саид Абдуллоҳи Нурӣ дар якҷоягӣ бо тарафдорони худ бо ташкил додани як гурӯҳи пинҳонии хурд, ки бо номи "Ҳаракати ҷавонони исломии Тоҷикистон" ва баъдан номи "Ҳизби наҳзати исломи Тоҷикистон"-ро ба худ гирифт, дар минтақаи Хатлон, дар собиқ шаҳри Қӯрғонтеппа

(ҳоло ш.Бохтар) дар хонаи яке аз аъзои фаъоли ин ташкилот бо номи Қаландаров Садриддин ва бо иштироки якҷояи аъзои фаъоли ин ташкилот – Эшонзода Неъматулло, Абдусаломов Одинабек (“Холид”) ва Муҳаммадҷон Муҳиддинов ташкил шудааст, ки аз аввали пайдоиши исломи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хабар медиҳад. “Пайдоиши ташкилоти террористӣ-экстремистии Ҳизби наҳзати исломӣ дар солҳои аввали замони Истиқлол ва тавассути террору зӯроварӣ кӯшиши ба даст овардани ҳокимият аз тарафи ин ҳизб нишонаи равшани густариши падидаҳои экстремистиву террористӣ дар минтақа буд” [6,34].

Давраи эҳёи босуръати баланди исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон аввали солҳои 80-ум то 90-уми асри XX дар ҷомеа ба шумор меравад. Дар натиҷаи ислоҳоти куллии пешгирифтаи «бозсозии» Горбачевӣ, фурсати нав барои ташаккули пурпечутоби раванди эҳёи исломӣ дар Тоҷикистон ба вуҷуд омад. Маҳз ҳамин давра раванди баланду суръатноки эҳёи исломӣ, аз ҷумла «исломи сиёсӣ» ба шумор меравад. Соли 1990 дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳизбу созмонҳои исломӣ ба қайд гирифта шуданд. Хусусан, аз охири солҳои 80 сар карда дар Тоҷикистон ҷараёни эҳёи динӣ, исломӣ шудани ҳаёти иҷтимоӣ бошиддат сурат гирифт, ки он, пеш аз ҳама, эҳёи исломи сиёсӣ буд. Аз ҷумла, афзоиши зиёди шумораи масҷидҳо ва дигар муассисаҳои динӣ, ки як қисми онҳо тадриҷан хусусияти сиёсӣ гирифта, манфиатҳои сиёсиро ифода мекарданд. “Пайдо шудани равияву ғояҳои ақидатии гуногун, ки сари масоили мухталифе бо исломи суннатии минтақа ба баҳс ва ихтилоф пардохтанд, аз осебпазирӣ ва майдони бархӯрди ғояву андешаҳои гуногуни ақидатӣ будани ин фазо дарак медиҳад” [6, 34]. Дар баробари ин, оммавӣ шудани унсурҳои либосҳои исломӣ (тоқиҳои сафед дар мардон ва рӯймоли занон), ба таври расмӣ ва оммавӣ ҷашн гирифтани идҳои мусулмонии Қурбон ва Рамазон, афзоиши босуръати зиёрати ҷойҳои муқаддас, мазори шайххои араб, сӯфиҳои маъруф ва зиёратгоҳҳо, ба таври ошкоро паҳн намудани ахборе, ки арзиш ва меъёрҳои исломиро тарғиб мекарданд, инкишофи ҷараёни худбахуди исломӣ дар ҷамоатҳои деҳот, якуякбора ба маротиб афзудани шумораи шогирдон ва шунавандагони мактабҳои таълимии динӣ. Аввали солҳои 90-ум ҳама маҳдудиятҳо оид ба маросими ҳаҷ дар Тоҷикистон аз байн бурда шуданд, ҳол он ки дар аксарияти давлатҳои Осиёи Марказӣ, ҳатто дар баъзе давлатҳои исломӣ ин маҳдудиятҳо вуҷуд доранд.

Дар солҳои муқовимати сиёсӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон неруҳои мухолифи ҳукумат, аз исломи сиёсӣ ва институтҳои динӣ ба муқобили ҳукумат истифода намуданд, гарчанде, ки ҳукуматҳои солҳои 1989-1992 хислати зиддидинӣ ва атеистӣ надоштанд.

Дар баробари ин, аввали солҳои 90-уми асри гузашта заминаи муносибе барои паҳн гаштани ҳаракатҳои бунёдгароёнаи исломӣ ва тундрави хориҷӣ, аз ҷумла «Ҳизб-ут-таҳрир» ва баъдан ҷараёни «Салафия», «Ҷамоати Таблиғ» тайёр шуд. Вазифа ва мақсадҳои сиёсии ин ҳаракатҳо хусусияти яктарафа, тундравӣ ва террористӣ дошта, тамоми созишу гуфтушунидҳоро бо дигар ҳизбҳо ва ҳаракатҳо рад намуда, асоси ғояи онҳоро панисломӣ ташкил мекунад. “Ба таври кул, фаъолияти ин гурӯҳҳоро як намуд аз сари нав исломикунонии (дар истилоҳи илмии русӣ – рэисламизация) аҳолии минтақа бар асоси фарҳанг ва муҳити арабӣ маънидод кардан мумкин аст” [6, 35]. Мувофиқи назарияи “Ҳизб-ут-таҳрир” дар тамоми олами имрӯза масъалаи асосӣ барои мусулмонон сохтани далати исломӣ дар шакли Хилофат ва таъйини халифаи ягонаи ҳукмрон барои тамоми мусулмонон мебошад.

Сиёсишавии дин яке аз омилҳои асосии пайдоиши ифротгароии динию сиёсӣ мебошад. Одатан сиёсишавии дин дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ба амал меояд. Аммо хавфу хатари омилҳои субъективӣ зиёдтар аст ва он оқибатҳои ногувор дорад. Зеро дар бисёре аз мавридҳо мушоҳида намудан мумкин аст, ки сиёсишавии дин ба таври бошуурона ва ҳадафмандона ба амал оварда мешавад. Чунин омилҳоро дар шароити бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дидан мумкин аст. Кам

нестанд ҳолатҳое, ки дар онҳо бо роҳи фаъолгардонии неруҳои тахрибкор сиёсишавии дин ба амал оварда мешавад ва дар симои дин ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароию террористӣ ташкил карда шуда, дар самти ҳимояи манфиатҳои геополитикӣ аз ҷониби баъзе давлатҳо истифода мегарданд. «Дар айни ҳол радикализми ифротӣ бештар дар Тоҷикистон ва Қирғизистон мавқеъгирии сахттар дорад» [6,21]. Дар чунин шароит яке аз сабабҳои асосии сиёсишавии дини ислом дар кишварҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардидани идеологияи ифротгароию террористии «исломгароӣ» мебошад. "Тундгароии исломӣ, ки дар заминаи будёдгароии исломӣ пайдо гардидааст, амалигардонии лоиҳае мебошад, ки вобаста ба истифодаи меъёрҳои исломӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ барои ташкили шароитҳои сиёсӣ нигаронида шудааст. Маҳз ба ҳамин хотир исломгароӣ (исломизм)-ро исломи сиёсӣ ва ё исломи сиёсикунонидашуда меноманд" [8,49]. Идеологияи мазкур аз ҷониби як қатор созмону ташкилотҳои ифротгароии дорои хусусияти динӣ тарғибу ташвиқ гардида, бо роҳи зӯроварӣ ташкил намудани давлати исломиро ҳадафи асосии худ қарор медиҳанд.

Дар шароити муосир ғояҳои исломи сиёсӣ асосан дар миёни ҷавонон паҳн карда мешаванд. Омилҳое, ки барои паҳншавии ғояҳои динӣ-ифротгароӣ мусоидат менамоянд, гуногунанд. Ба ақидаи донишманди тоҷик Мирзоев Ғ.Ҷ. «дар баробари заминаҳои эътиқодиву динбоварӣ, инчунин омилҳои зиёде, чун омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ, камбизоатӣ, бекорӣ, пас будани сатҳи маърифати ҷавонону шаҳрвандон, муҳоҷирати нодурусти меҳнатӣ, набудани назорати солими оила ва падару модар, тарғибу ташфиқи намояндагони ҳаракатҳои ифротӣ, хоҳиши худомӯзӣ ва дар гирудорҳои низомиву задухӯрдҳо иштирок намудан ва ғайраҳо дар якҷоягӣ ба ташаккулёбии ин зуҳурот мусоидат мекунанд ва сабаби ҷалби шаҳрвандон, махсусан ҷавонон, ба ҳаракатҳои ифротиву террористӣ мешаванд» [6, 31].

Инчунин, таҳсили ғайриқонунии ҷавонон дар кишварҳои исломӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои ин кишварҳо, муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишварҳои хориҷӣ низ хавфи ба гурӯҳҳои ифротгароӣ ва террористӣ пайвастани онҳоро зиёд менамояд. Донишҷӯёни тоҷикистонӣ дар мактабҳои динии Миср, Арабистони Саудӣ, Эрон, Покистон, Ҳиндустон, Туркия ва дигар мамалакатҳои хориҷӣ таҳсил меварзанд. Ҳамзамон, рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, махсусан шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ, ба зеҳну тафаккури ҷавонон таъсири бештар мерасонанд. Зеро ифротгароён дар раванди фаъолиятҳои таблиғотии худ аз иқтидори шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои видеоии интернетӣ ба таври васеъ истифода менамоянд. Дар чунин шароит киберэкстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ва ҳамчун технологияи назарфиребӣ ба осонӣ ба мушоҳида мерасад. "Барои бартараф ва пешгирӣ намудани он, пеш аз ҳама, ба тарбияи хонаводагӣ ва мактабу маориф диққати махсус бояд дод" [6, 21].

Исломи сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан дар зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба амал омадааст. Омилҳои берунӣ аз омилҳои дохилӣ дида таъсири манфии бештар доранд ва дар аксар маврид ангезаи пайдоиши омилҳои дохилӣ ба шумор мераванд. Ба омилҳои берунӣ, пеш аз ҳама, минтақаҳои низоъи ҷаҳони ислом, аз қабили низоъҳои Афғонистон, Сурия, Либия, Ироқ, Покистон, Ҳиндустон ва баъзе аз мамалакатҳои Халиҷи Форс шомил намудан мумкин аст. Маҳз дар зери таъсири низоъҳои мазкур барои фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва террористӣ шароити мусоид фароҳам меояд. Гузашта аз ин, бархӯрди манфиатҳои геополитикии як зумра давлатҳо низ сабаби пайдоиши ифротгароӣ ва тундгароӣ мегарданд. Қариб ки ҳамаи ташкилотҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар раванди амалигардонии манфиатҳои геополитикии давлатҳои мушаххас ҳамчун воситаи расидан ба мақсадҳои геостратегии худ истифода бурда мешаванд.

Ҳамзамон, дар радифи омилҳои берунӣ, инчунин як қатор масъалаҳои дохилие низ мавҷуданд, ки барои фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ шароит фароҳам месозанд. Пеш аз ҳама, «заминаи диндории таасубгароиву хурофотӣ воситаи осони ба доми

мубаллиғони ин ҳаракатҳо афтодани ҷавонони ноогоҳ ва зеҳнияташон ташакулнаёфта мегардад. Дар ин роҳ мубаллиғони номбурда аз ҷанбаҳои равониву мағзшуӣ низ ки дар дин ҷойгоҳи устувор доранд, моҳирона истифода мебаранд» [6, 31]. Таъсири дин дар ҳаёти хонаводагиву маишии аҳолӣ низ зиёд аст. Масалан, никоҳу талоқи динӣ асосӣ ҳисобида мешавад, вале никоҳу талоқи шаҳрвандӣ камаҳамият ва баъзан расмияте ба шумор мераваду бас.

Яке аз коршиносони бонуфузи соҳа Мирзоев Ғ.Ҷ. махсус қайд кардааст, ки “воқеан дар сарчашмаҳои динии исломӣ даъватҳои алоҳидае, ки барои зӯроварӣ ва табъиз аст, ҷой доранд ва онҳо манбаи илҳому дастак шудани ифротгароёни мутаассиби имрӯза мешаванд. Вале барои ин гуна афрод лозим аст, аввал, вазъи таърихии ба вуҷуд омадани ин гуна сарчашма, вижагӣ ва бардошти дурусти онро дарк намоянд” [6, 32].

Нуқтаи назари мазкурро исломшинос А. Малашенко тарафдорӣ мекунад. Ин тадқиқотчии шинохтаи рус чунин меҳисобад, ки “радикализми исломӣ ин қисми фарҳанги сиёсии ислом ва таърихи ислом” мебошад. Ба ақидаи ӯ, ислом ҳамчун таълимоти сиёсӣ пайдо шудааст.

Хулоса, омилҳои пайдоиши исломи сиёсиро дар Тоҷикистон чунин шарҳ додан ба маврид аст:

1. Аввалан, сабаби асосии ин раванд, фаъолияти исломгароёни таблиғгар ба шуури омма мебошад, ки талқин намудани таълимоти исломи сиёсиро вазифаи худ медонистанд. Махсусан, Саид А.Н. қайд менамояд, ки баъди омӯзиши ислом, Қуръон, фармудаҳои пайғамбар кӯшиш намудааст, ки мардумро аз исломи воқеӣ хабардор намояд. Ин гуфтаҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки мардум то ба миён омадан исломгароёни ҷавон аз исломи сиёсӣ ва исломгароӣ хабардор набуданд.

2. Сабаби дуюм, ки барои паҳншавии исломи сиёсӣ мусоидат мекард, ин норозигии мардум аз сиёсати пешгирифтаи давлати собиқ Шӯравӣ мебошад.

3. Бозсозӣ дар Иттиҳоди Шӯравӣ, ки хусусияти демократӣ ва ошкорбаёнӣ дошт, ба исломигароён имконияти васеъро фароҳам овард, ки ин ба раванди сиёсикунонии ислом даст зананд.

4. Сабаби дигари паҳншавии исломи сиёсӣ – ин фаъолияти бисёрҷабҳаи саркардагони исломгаро дар байни омма ва дар байни пайравони худашон буд.

5. Сабаби дигари сиёсикунонии ислом дар паҳн шудани барномаҳои радиои хориҷӣ бо забонҳои форсӣ ва арабӣ ба ҳисоб меравад. Тавассути ин барномаҳо мубаллиғони исломгаро ба шуури ҷавонони навҷалбшуда таъсири бевоситаи манфии худро мерасониданд.

6. Падидаи исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон дар маҷмуъ, ҳодисаи соф исломӣ набуда, балки заминаҳои дахолати бевоситаи хадамоти махсуси кишварҳои хориҷӣ, сиёсати кишварҳои манфиатҷӯ ва фаъолияти гурӯҳҳои қудратталаб мебошад.

Ҳамин тариқ, омилҳо ва нишонаҳои асосии исломи сиёсӣ дар Тоҷикистон шакл гирифтани ҳаракату иттиҳодияҳои исломӣ, ки зимни бухронҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангию иқтисодӣ ва масъалаҳои гуногуни давраи гузариши ҷомеа ба миён омаданд, мебошанд. Аксарияи ҳаракату иттиҳодияҳои мусулмонӣ дар Тоҷикистон дар зери пардаи “исломи сиёсӣ” вазифаи худро дар эҳёи арзишҳои мусулмонӣ ва мушкилоти ҷомеаро дар доираи давлати дунявӣ, ҳадафи аслии хеш қарор медоданд. Аммо ин раванд бояд дар самти муайян ба танзим дароварда шавад, зеро ислом наметавонад аз сиёсат дур монад. Он ҳатто, агар зери таваҷҷуҳ ва таъсири давлат ҳам қарор дошта бошад, боз ҳам вориди сиёсат аст.

## Адабиёт:

1. Аҳмадов С. Диншиносӣ. Китоби дарсӣ – Душанбе: Маориф, 2019. – 364с.
2. Ализода Б.П. Муколамаи давлат ва дин дар Тоҷикистон /Абдухолиқов А.М., Искандаров Қ.И., Ниёзов А.С., Нуриддинов Ҳ.// – Душанбе: ҶДММ “Шуҷоиён”, 2010. – 225с.

3. Ашӯрзода Ҷ.Х. Ифротгароии динию сиёсӣ ва хусусиятҳои муҳимми он дар раванди дигаргуншавии ҷомеа; – Бохтар, 2022. – 88с.
4. Добаев И.П. Исламский радикализм: сущность, идеология, политическая практика – Ростов на Дону, 2003. – 57с.
5. Малашенко А. Ислам-идеология на все времена. – Москва, 2006.
6. Мирзоев Ғ.Ҷ. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон),– Душанбе: Дониш, 2021.– 75с.
7. Муҳаммад А.Н. Сиёсатшиносӣ: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултетҳои ғайритахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ – Душанбе, Паёми ошно, 2018. – 414с.
8. Назиров Н.Д. Проблемы политического ислама и конфликты в государствах Центральной Азии: – Душанбе, Шарқи озод, 2019. –328с.
9. Турдиназаров А.С. Омили исломӣ дар раванди сиёсии Тоҷикистони муосир: – Душанбе, 2022. –187с.

ТДУ: 327:007 (575.3)

# МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТИ ҶАНГҲОИ ИТТИЛООТӢ ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

**СОЙИБЗОДА Ш.Ш.**

*Докторанти Phd-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Ҷомеаи мутамаддини имрӯз новобаста аз мураккабшавии вазъи геосиёсӣ ва бархӯрди манфиатҳо, бо падидаи номатлубе рӯ ба рӯ аст, ки онро ҷанги иттилоотӣ ё ҷанги равонӣ меноманд. Ҳарчанд пешрафти илму техника аз як ҷиҳат кори инсониятро осон намуда бошад ҳам, вале аз ҷиҳати дигар раванди муқобала бо ин падидаи наматлуби даврро душвор гардонидааст. Инро восита намуда, гурӯҳҳои мухолифин сомонаҳои Интернетро майдони бозиҳои худ қарор додаанд. Вобаста ба ин падидаи номатлуби ҷомеа ва технологияи амалигардонии он олимони зиёд аз қабили В. Лисичкин, Л.А. Шелепин, А.В. Манойло, А.И. Петренко, Г.Лассуэлл, М. Маклюэн ва С.Н. Гриняев ибрози андеша намудаанд.*

**Калидвожаҳо:** *ҷанги иттилоотӣ, интиқоли иттилоот, мафкура, ВАО, корбарони шабакаҳои Интернет, ташкилотҳои террористиву экстремистӣ.*

# СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТЬ ИНФОРМАЦИОННЫХ ВОЙН В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ

**СОЙИБЗОДА Ш.Ш.**

*Докторант Phd Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Сегодняшнее цивилизованное общество, независимо от сложности геополитической ситуации и конфликта интересов, сталкивается с нежелательным явлением, которое называется информационной войной или психологической войной. Хотя прогресс науки и техники, с одной стороны, облегчил труд человечества, с другой стороны, он затруднил процесс борьбы с этим нежелательным явлением. Для этого оппозиционные группы сделали Интернет своей игровой площадкой. По поводу этого нежелательного для общества явления и технологии его реализации многие ученые, такие как В. Лисичкин, Л.А. Шелепин, А.В. Манойло, А.И. Петренко, Г. Лассвелл, М. Маклюэн и С.Н. Гриняев высказал свое мнение.*

**Ключевые слова:** *информационная война, передача информации, идеология, средства массовой информации, пользователи сетей Интернет, террористические и экстремистские организации.*

# METHODOLOGY OF STUDYING INFORMATION WARS AND TECHNOLOGY FOR ITS IMPLEMENTATION

**SOIIBZODA SH.SH.**

*Doctor Phd of Institute of philosophy, politics and law named after A.Bahovaddinov of the National Academy of Science of Tajikistan*

*Today's civilized society, regardless of the complexity of the geopolitical situation and conflict of interests, is faced with an undesirable phenomenon called information war or psychological warfare. Although the progress of science and technology, on the one hand, has made the work of mankind easier, on the other hand, it has complicated the process of combating this undesirable phenomenon. To achieve this, opposition groups have made the Internet their playground. Regarding this phenomenon, undesirable for society, and the technology for its*

*implementation, many scientists, such as V. Lisichkin, L.A. Shelepin, A.V. Manoilo, A.I. Petrenko, G. Lasswell, M. Macluhan and S.N. Grinyaev expressed his opinion.*

**Keywords:** *information war, information transfer, ideology, media, Internet users, terrorist and extremist organizations.*

Асосҳои назариявӣ ва консептуалии ҷомеаи иттилоотӣ ҳамчун марҳалаи куллан нави рушди иҷтимоӣ ва тамаддун, ки дар он дониш ва соҳиби иттилоот дар бунёди сохти ҷамъиятию иҷтимоӣ нақши бунёдӣ хоҳанд дошт, дар асарҳои М.Кастеллс, Д.Белл, Г.Бехман, М.Маклюэн, Ф.Мачлуп, Э.Тоффлер, Н.Луман, Ф.Уэбстер шарҳу тавзеҳ ёфта, доир ба моҳияту хусусиятҳои ҷомеаи иттилоотӣ онҳо андешаҳои ҷолиб баён намудаанд. Тадқиқоти ин олимон хусусияти иҷтимоию фалсафӣ дошта, ба ташаккули парадигмаи илмию назариявии ҷамъиятии донишҳои баъдииндустриалӣ (ҷамъиятӣ-шабакавӣ) бахшида шудааст.

Нақши ВАО дар фаъолияти соҳаи иттилоот дар шароити шиддат гирифтани рақобатҳои сиёсӣ аз ҷониби олимон, ба монанди П. Бурде, Б.А. Грушин, Г.Н. Вачнадзе, И.М. Дзялошинский, Г.Шиллер, М. Фаслер ва дигарон бозгӯйӣ шудааст. Муаллифони мазкур ҷанбаҳои таъсири назарфиребиро ба шуури омма тавассути сиёсати иттилоотие, ки ВАО пеш мебарад, меомӯзанд. Назарфиребӣ ҳамчун як падидаи иҷтимоӣ-психологӣ, ки як шакли назорат ва идоракунии рафтори инфиродӣ тавассути иттилооти дидаву дониста бардурӯғ ё фиребанда аст, дар осори ин муаллифон як сохтори бунёдии назариявӣ мебошад.

Кӯшиши дарки ҳамаҷонибаи илмию назариявии ҷанги иттилоотӣ ҳамчун истифодаи иттилоот барои таъсир расонидан ба шуури инфиродӣ ва оммавӣ бо мақсади ба даст овардани назорат аз болои рафтор ё афкори ҷамъиятӣ аз ҷониби В. Лисичкин, Л.А. Шелепин, А.В. Манойло, А.И. Петренко, Д.Б. Фролов, С.П. Расторгуев ва С.Н. Гриняев мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Сарфи назар аз таҳлили амиқи назариявӣ ва синтези падидаи ҷангҳои иттилоотӣ, дар консептуализатсияи таъриф байни олимон фарқиятҳои назаррас мавҷуданд. Ҳамин тариқ, ба гуфтаи С.П. Расторгуев, ҷанги иттилоотӣ «таъсири мақсадноки иттилоотии системаҳои иттилоотӣ ба ҳамдигар барои ба даст овардани фоидаи муайян дар соҳаи моддӣ мебошад». С.Н. Гриняев ҷанги иттилоотиро ҳамчун «ҷанги васеи иттилоотӣ бо истифода аз усулҳо ва воситаҳои таъсиррасонии иттилоотӣ ба душман ба манфиати ноил шудан ба ҳадафҳои муайян медонад [5, 44].

Собиқ ноиби президенти ИМА А.Гор ҷанги иттилоотиро ҳамчун «ҳамла ба ақл» таъриф кардааст. Ӯ нақши таъсири иттилоотӣ ба қабули қарорҳои сиёсӣ, инчунин вижагиҳои вокуниши рафтори ашхос аз ҷониби тарафҳои манфиатдор таъкид намудааст.

Бешак, агар баъзеҳо барои расидан ба мақсадашон аз қувваи ҷисмонӣ истифода намоянд, бархе нафарони дигар ҳамлаҳои ақлиро мавриди истифода қарор медиҳанд, то ин ки душманро бо истифода аз ин усул, водор ба таслим шудан намояд.

Ҷанги иттилоотӣ ин истифодаи маҷмуи муштараки қувваҳо ва воситаҳои иттилоотӣ мебошад. Ҷанги иттилоотӣ амалест, ки барои ноил шудан ба бартарии иттилоотӣ, дастгирии стратегияи миллии ҳарбӣ тавассути таъсир расонидан ба системаҳои иттилоотии душман ва ҳамзамон, таъмини амният ва ҳифзи соҳиби иттилоот мебошад.

Ҷанги иттилоотӣ танҳо як восита аст, на ҳадафи ниҳоӣ, ҳамон тавре ки бомбаборон васила аст, на ҳадаф. Ҷанги иттилоотӣ метавонад ҳамчун воситаи анҷом додани ҳамлаи стратегӣ ё чораҳои муқобил истифода шавад. Дар маънои гуманитарӣ, «ҷанги иттилоотӣ» ҳамчун усулҳои муайяни фаъоли табдил додани фазои иттилоотӣ фаҳмида мешавад

Соли 1948 ҷомеашинос ва психологи амрикоӣ Г.Лассуэлл «назарияи вобастагӣ» ё, тавре ки худи ӯ онро «назарияи тирҳои ҷодугарӣ» меномад, пешниҳод намудааст. Мувофиқи ин назария, инсон наметавонад худро аз таъсири иттилоот дар канор гирад. Васоити ахбори омма одамонро ба таври дилхоҳ идора мекунанд ва онҳо наметавонанд худро аз ин гирдоби ғафлат дар канор гиранд, ё ин ки раванди муқобала хеле душвор гардида, новобаста аз оне ки инсон бо он ба таври бояду шояд мубориза барад, таъсири ин

омили номатлуб ба ӯ хоҳад расид. Таъсири иттилоот ба шуури шахс мисли «тири ҷодугарӣ» ворид шуда, дар мағзи сар харобиҳои бебозгаштро ба вуҷуд меорад [4, 44].

Бечунучаро гуфтаҳои дар боло зикргардидаи Г.Лассуэлл қобили қабул мебошанд, зеро иттилоот чизи объективӣ буда, наметавон онро тавассути даст ё ягон дастгоҳу технологияи муосир дур сохт ё барои ворид нашудани он ба майнаи сари инсоният панҷарае сохт. То андозае метавон иттилооти номатлубро барои ворид нашудан дар меҳвари афкори худ идора намуд, вале на ба пуррагӣ. Имрӯзҳо бо пешрафти илму техника инсоният роҳҳои гуногунро ба кор мебарад, то ин ки нақшаи худро амалӣ созад, яъне ақоиди хешро бар сари дигарон таҳмил намояд. Ин кор тавассути барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, синамо ва мусиқиву дигар воситаҳо амалӣ мегардад.

Назарияи вобастагӣ ба рушди минбаъдаи назарияҳои иҷтимоӣ-психологии ҷанги иттилоотӣ таъсири назаррас гузошт, ки баъзеи онҳо дар зер зикр шудаанд. Файласуф, олим ва фарҳангшиноси канадагӣ Маршалл Маклюэн «назарияи восита»-ро таҳия кард, ки дар он технологияҳои нави иттилоотӣ (нашриёт, радио, кино, телевизион, интернет) ба тағйирёбии парадигмаҳои дарк ва фаҳмиши инсон дар бораи ҷаҳони атроф оварда мерасонанд. Коре, ки дар он ӯ назарияи худро баён кардааст, чунин ном дорад: «Паём восита аст» пайдоиши чоп таносубро дар ҳиссиёти мо ба манфиати биниш тағйир дод, ки дар навбати худ, ба тафаккур таъсир расонида наметавонист ва онро хаттӣ, пайдарпай ва мантиқӣ сохт. Паҳншавии телефон, ки масофаи кӯтоҳи муоширатро наздик мекунад, амалияи амалиёти ҷангиро тағйир дод [1,19].

Дар воқеъ, технологияи иттилоотӣ раванди таъсиррасониро ба мафкураи мо дучанд мегардонад. Васоити ахбори омма воситаест, ки беихтиёр мо ба он бовар менамоем. Агар наворе тавассути телевизион пахш гардад ё рӯйи эфир барояд, новобаста аз оне ки он аз ҷониби кӣ омода гаштааст ё кӣ онро тарҳрезӣ намудааст, мардум ба он боварӣ ҳосил менамоянд. Абарқудратҳо гурӯҳҳои манфиатдор, созмонҳои террористиву экстремистӣ аз ин истифода бурда, афкори нопокашонро дар олами маҷозӣ паҳн менамоянд ва хостори таҳмил ёфтани он дар мафкураи мардум мебошанд. Гурӯҳҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ, ба монанди «Гурӯҳи 24», «Паймони миллӣ», «Ислоҳ нет», «Минбари муҳоҷир», «Азда тв», «Иршод», «Наҳзат» ва ғайраҳо дар олами маҷозии Интернет шабакаҳои фаъоли худро доро буда, пайваста барномаҳояшонро, ки асосан моҳияти дурӯғафканӣ доранд, пахш мекунанд.

Ҷанбаи дигари фаъолияти террористон, ки бо истифода аз шабакаҳои интернетӣ сурат мегирад, фаъолияти кибертеррористӣ мебошад. Худи вожаи «террор», маънои тарсу даҳшатафканиро дорад, яъне террористон дар олами маҷозии Интернет бо пахши барномаву наворҳояшон мехоҳанд, дар байни мардум тарсу ҳаросро зиёд намуда, онҳоро водор ба иҷрои амалҳои муайяне созанд, ки террористон худ аз он манфиатдоранд.

Кибертерроризм, гарчанде аз ҷиҳати усулҳои амалиаш ба хакерӣ шабоҳат дорад, аммо ба гуфтаи Деннинг, як навъи комилан дигари ҳамлаи компютериро муаррифӣ мекунад, ки бо ҳадафҳои дигар тарҳрезӣ шудааст (ба инфрасохтори ҳаётан муҳим тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ зарари ҷиддӣ мерасонад). Аз ҳама маъмултарини онҳо, ба истилоҳи Деннинг, фаъолияти одии террористӣ дар Интернет аст. То соли 2009 Вазорати корҳои дохилии Русия ҳамасола на камтар аз 150 захираи маводи дорои хусусияти террористӣ ва экстремистиро муайян мекунад, дар ҳоле ки аксари чунин сайтҳо (тақрибан 70) дар сегменти русии шабака пайдо шудаанд. Тибқи қонун, як воҳиди махсуси Вазорати корҳои дохилии Федератсияи Русия пайваста сайтҳоеро бо мундариҷаи манфӣ, ки хилофи қонунгузории Русия аст, мебандад. Аммо, баъдан ҳадди ақал 15% онҳо бо дигар номҳо дар захираҳои хостинги ҳам провайдерҳои Русия ва ҳам хориҷӣ пайдо мешаванд [3,28].

Мусаллам аст, ки имрӯз ташкилотҳои террористиву экстремистӣ ва гурӯҳҳову ҷонибҳои манфиатхоҳ барои амалӣ намудани аҳдофи хеш дар радифи силоҳу лавозимоти ҷангӣ, аз иттилоот ва расонаҳои иттилоотӣ, бахусус шабакаҳои иҷтимоӣ, ба таври густурда истифода мебаранд.

Кибертерроризм ин ҷиноятҳое мебошад, ки тавассути Интернет иҷро карда мешаванд. Ба монанди ғорат намудани бонкҳо, воридшавӣ ба компютерҳои шахсони бегона ё ширкатҳои бонуфуз бо мақсади дуздидани маълумот ё тахриб намудани маводи дар дохили он мавҷудбуда мебошад. Ё террористон тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ баромад намуда, маълумоти бади муттаассиркунандаро коркард карда, онро паҳн менамоянд, ки ин боиси коштани тухми тарсу ҳарос дар замири мардум мегардад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Дан Вертон бар ин назар аст, ки бисёре аз созмонҳои террористӣ дар Интернет пойгоҳҳои иттилотӣ эҷод кардаанд, ки барои омода кардани ҳамлаҳо истифода мешаванд. Азназаргузаронии баъзе аз ҳамлаҳои террористӣ тасдиқи гуфтаҳои болост. Масалан, собит шудаст, ки гурӯҳи террористии «Аум Шинрикё», ки соли 1995 дар метрои Токиё ҳамлаи газӣ анҷом дода буд ва онҳо пеш аз даст задан ба ҷиноят як барномаи компютериро таҳия намудаанд, ки қодир буд паёмҳои радиои полисро боздорад, ё ин ки тахриб намояд [10, 79 ].

Пажӯҳишгари техникаи иттилоотӣ Г.Г. Почепсов бесабаб «деҳаҳои Потемкин»-и маъруфро аввалин амалиёти иттилоотӣ намеҳисобад. Масалан, пошхӯрии ИҶШС-ро натиҷаи амалиёти бузурги махсуси ҷанги иттилоотӣ-ташкилӣ, афзоиши фишори иттилоотӣ бар зидди Иттиҳоди Шӯравӣ номид, ки қодир набуд аз ҷиҳати ташкилӣ ба чораҳои мувофиқи зеҳнӣ муқобилият кунад. Ғарб, ки ҳоло махсусан баъд аз пароканда шудани ИҶШС қувва пайдо кардааст, барои аз нав сохтани ҷаҳон ба манфиати худ фаъолона мубориза бурда, мавқеъҳои худро дар ҳамаи соҳаҳои имконпазири тақобул (аксар вақт ба шаклҳои пинҳонӣ гузаштааст) мустаҳкам менамояд. Ҳадафи таҷовузҳои ташкилию иттилоотӣ тағйироти сифатӣ дар ҳаёти анъанавии фарҳангӣ ва маънавӣ, вайрон кардани муттасилии идеалу арзишҳои миллӣ ва барҳам задани хотираи таърихӣ буд. Фишори иттилоотӣ, ки пайваста анҷом дода мешавад, қодир аст ба пайвандҳое, ки одамонро ба ҳам мепайвандад, вайрон кунад ва пайвандҳои анъанавӣ ва мавҷударо аз байн барад [9, 103].

Албатта, дар асри нав, ки онро асри иттилоот унвон кардаанд, таъсири иттилоот ва расонаҳои иттилоърасон бисёр амиқ ва нишонрас гардидааст. Зеро, имрӯз бо рушди фаъоли Интернет – шабакаҳои иҷтимоӣ таъсири худро дар тафаккури ҷомеа хеле амиқ мегузоранд. Ҳатто расонаҳои иттилоърасон ба майдони мубоҳисаҳои сиёсӣ низ табдил ёфтаанд. Аз ин нуқтаи назар, таъмини амнияти иттилоотӣ дар замони муосир ба унсури асосии таъмини амнияти миллӣ табдил ёфтааст.

Иттилоот ва амнияти иттилоотӣ тавзеҳоти зиёд доранд, агар аз рӯйи раванди рушди интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ назар афканем, дар замони муосир метавон иттилоотро бо амният тавъам намуд, зеро, ин ду мафҳум дар ҳамбастагӣ ба амнияти комили миллӣ рабт доранд. Агар имрӯз мо дар баробари ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ки ҳадафмандона ва муғризона аз ҷониби душманони давлату миллат роҳандозӣ мешаванд, истодагарӣ накунем, он метавонад ба амнияти милливу давлатиамон таъсири манфӣ расонад.

Ҷангҳои таҳмилии ҷаҳони муосир шаҳодат медиҳанд, ки аксари онҳо бо даъватҳои оммавӣ тавассути расонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ бо ба майдонҳо хондани анбуҳи одамон сурат гирифтаанд. Тибқи арзёбиҳо, аз ҷумла, сарнагун сохтани ҳукумати Ҳуснӣ Муборак дар Миср, Муаммар Қаззофӣ дар Либия бо даъватҳои ба майдонҳову хиёбонҳо баромадани одамон тавассути шабакаи иҷтимоии **«Фейсбук»** сурат гирифта буд ва ин гуна мисолҳоро метавон дар дигар манотиқи ҷаҳон низ мушоҳида намуд. Бинобар ин, коршиносон муътақид бар онанд, ки имрӯз бидуни таъмини амнияти иттилоотӣ наметавон амнияти миллиро комилан таъмин намуд.

Дар ин маврид метавон фаъолияти яке аз гурӯҳҳои экстремистӣ, ки зидди сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон аст, «Гурӯҳи 24»-ро мисол овард. Ин гурӯҳ маводи иттилоотии худро дар шабкаҳои иҷтимоии (YouTube, Facebook, Instagram, *ВКонтакте, Telegram ва ғайраҳо*) ба таври муғризона паҳн менамояд. Канали ҳаракати мазкур дар видеохостинги «YouTube» яке аз минбарҳои таъсирноки иттилоотӣ ба шумор меравад. Канали ҳаракати экстремистии «Гурӯҳи 24», дар «YouTube» бо номи «Группа-24» маъмул

аст. Он санаи 21-уми июли соли 2015 таъсис дода шудааст. Аз таҳлилҳои муҳтавои ин канал бармеояд, ки «Гурӯҳи 24» асосан (аксаран) дар мавзуъҳои раванди интихобот, болоравии нархи молу маҳсулот, муҳоҷирати меҳнатӣ, бекорӣ ва дигар мавзуъҳои ҷойдоштаро ба риштаи баҳс мекашанд. Ин мавзуъҳо дар ҳама расонаҳои иттилоотӣ матраҳ буданд, вале фарқият дар он аст, ки дар саҳифаҳои маҷозии «Гурӯҳи 24» масоили мавҷуда бо лаҳни мутлақо танқидӣ, шеваҳои шадиди иғвоангезӣ ва бисёр ҳадафмандона инъикос мeёбанд [11,3].

Ҳамин тариқ, дар заминаи омӯзиши маводи зиёди илмию таҳлилӣ метавон хулоса намуд, ки ҷангҳои иттилоотӣ ҷузъи таркибии муборизаҳои сиёсию геополитикӣ байни неруҳои гуногун мебошад. Рушди ҷомеаи иттилоотӣ ба раванди мазкур вусъат бахшида, фазои ин ҷангҳоро боз ҳам тафсон гардонида истодааст. Маҳз аз ҳамин сабаб ҷангҳои иттилоотӣ сарчашмаи таҳдид ба суботу амнияти кишварҳо маҳсуб шуда, соҳибихтиёрӣ ва амнияти онҳоро осебпазир гардонида истодааст. Бинобар ин, андешидани чораҳои маърифатию ташкилӣ, техникию технологӣ ва муқовимати самараноки иттилоотӣ амри зарурӣ ва саривақтӣ мебошад.

**АДАБИЁТ:**


1. Архангельская И.Б. Маклюэн и его книга «понимание средств коммуникации: продолжение человека» // И. Б. Архангельская // [Текст]. – Нижегородский коммерческий институт, 2008.
2. Герасимов А. Нотавонии мухолифони тоҷик / А. Герасимов [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: sadoimardum.tj (санаи муроҷиат: 17.01.2024).
3. Капитинова Е.А. Особенности кибертерроризма как новой разновидности террористического акта // Е. А. Капитинова // [Текст]. – Москва, 2015.
4. Косов Ю.В., Вовенда Ю.В. Геополитические концепции информационного противоборства в российской общественной мысли // Ю.В. Косов., Ю.В. Вовенда // [Текст]. – Москва, 2013.
5. Муҳаммадҷон Ш. Пантуркизм ва сарнавишти таърихи тоҷикон // Ш. Муҳаммадҷон // –Душанбе: Адиб.2011. – 320с.
6. Муҳаммадзода П.А. Таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба фазои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон: пайомадҳои сиёсию идеологӣ. // П.А. Муҳаммадзода //. – Душанбе,2017
7. Николаев В.Г. Техника пропоганды в мировой войне // В.Г. Николаев //. – Москва 2021. – 237с.
8. Пащенко И.В. Техонологии вовлечения в ИГИЛ. Специфика пропаганды и методы противодейтвия // И.В. Пащенко //. – Ростов-на-Дону: Издатеьство «Грамота», 2017. – 192с.
9. Тюлеева Э.А. Студент (дипломная работа) Информационная война: сущность, виды и цели информационного противоборства (на примере российско – украинского конфликта 2013-2014) // Э.А. Тюлеева. – Казань,2015.
10. Уэбстер Ф.Теории информационного общества //Ф.Уэбстер //. – Москва: Аспект Пресс, 2000. – 400с.
11. Южанкова Т.В., Гангало Ю.И., А.С.Черепашкин Кибертерроризм как новая разновидность терроризма // Ю.И. Южакова // . – Челябенск-Москва, 2016. – 132с.
12. Ҳоҷибеков Э. Пайдоиш ва моҳияти «Давлати исломии Ироқ ва Шом (Леванта)» / Э.Ҳоҷибеков [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://www.tajmedun.tj/tj/ (санаи муроҷиат: 02.02.2023).

ТДУ: 323+321.001 (575.3)

# НАҚШИ ПАЁМҲОИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ТАҲКИМИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

**САЙНОЗИМЗОДА Ф.С.**

*Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ*

*Дар мақола нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таҳкиму тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти амнияти миллӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муқовимат ба терроризму экстремизм, ҷиноятҳои дигар, ҳифзи Истиқлоли давлатӣ, тамомияти арзии ҷумҳурӣ ва таъмини амнияти миллӣ баррасӣ гардидааст.*

***Калидвожаҳо***: *Паём, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти амнияти миллӣ, терроризм, экстремизм, қонун, стратегия, асосҳои сохтори конститутсионӣ, Истиқлоли давлатӣ, ҳифзи иҷтимоӣ.*

# РОЛЬ ПОСЛАНИЙ ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В УКРЕПЛЕНИИ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ОРГАНОВ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

**САЙНОЗИМЗОДА Ф.С.**

*Кандидат юридических наук*

*В статье рассматривается роль посланий Президента Республики Таджикистан «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» в усилении и укреплении деятельности органов национальной безопасности по защите прав и свобод человека и граждан, противодействию терроризму и экстремизму, другим преступлениям, защите государственной независимости, территориальной целостности республики и обеспечению национальной безопасности.*

***Ключевые слова:*** *Послание, правоохранительные органы, органы национальной безопасности, терроризм, экстремизм, закон, стратегия, основы конституционного строя, государственная независимость, социальная защита.*

# THE ROLE OF ADDRESSES OF THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN STRENGTHENING THE ACTIVITIES OF THE NATIONAL SECURITY AGENCY

**SAINOZIMZODA F.S.**

*Candidate of legal sciences*

*This article discusses the role of the addresses of the President of the Republic of Tajikistan "On major dimensions of republic domestic and foreign policy" in strengthening the activities of the national security agency to protect human rights and freedoms of citizens, counter terrorism and extremism, other crimes, protect state independence, territorial integrity of the republic and ensuring national security.*

***Keywords***: *Address, law enforcement agencies, national security agencies, terrorism, extremism, law, strategy, foundations of the constitutional system, state independence, social protection.*

Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бахри ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ, амнияти кишвар ва муқовимат ба коррупсия, терроризм, экстремизм ва ҷиноятҳои дигар ба

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хусусан, мақомоти амнияти миллӣ дастуру супоришҳо дода мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 25-уми апрели соли 2008 таъкид карданд, ки: «Фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои дахлдори кишвар барои таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, пешгирӣ ва муборизаи қатъӣ бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан, ҷиноятҳои хатарноки муосир – терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои фаромиллӣ нигаронида шудааст» [6,43].

Мувофиқи моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», мақомоти амнияти миллӣ мақомоти таъиноти махсуси ҷумҳуриявӣ буда, дар доираи салоҳияти худ сиёсати давлатиро дар соҳаи амнияти миллӣ ва муҳофизати Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намуда, танзим ва идоракуниро дар соҳаи таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат ба амал бароварда, дар ин соҳа фаъолияти дигар мақомоти ҷумҳуриявии идораи давлатиро ҳамоҳанг месозад, инчунин самтҳои асосии фаъолият ва вазифаҳои мақомоти амнияти миллиро бевосита амалӣ менамояд [1].

Яке аз вазифаҳои асосии мақомоти амнияти миллӣ мубориза бар зидди терроризм, ҷинояткории муташаккилона, қочоқ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, муомилоти ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо, силоҳ, маводи атомӣ ва қисматҳои онҳо, инчунин дигар объектҳои назорати содиротӣ, иборат мебошад [1].

Вазъи мураккаби ҷаҳони муосир ва паҳн гардидани зуҳуроти номатлуби терроризму экстремизм, ки барои ҷомеаи башарӣ, суботу амният ва рушди устувори давлатҳо таҳдиди бевосита менамояд, на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки сайёраро ба ташвиш овардааст.

Профессор Ятимов С.С. қайд менамояд: «Терроризм, экстремизм, дигар намуди тахрибкорӣ ба муқобили ҳар кадом субъекти муносиботи байналхалқӣ, давоми сиёсати хориҷии кишвари муайян бо роҳ, усул ва методҳои дигар мебошад. Дар он маҷмуи имконоти давлати ташаббускор, пеш аз ҳама, захираҳои ақлонӣ ва амалии он истифода мешаванд. Бе донистани моҳият (ҷавҳар)-и чунин тахрибкорӣ, ғаразҳои аслии аъмоли душман, раванд ва қонуниятҳои он, мубориза бо чунин зуҳурот номумкин аст. Дар муқобили доноӣ ва амалкарди бадхоҳон, фақат тавассути такя кардан ба илм, маърифат, усули шинохти аъмоли зиддимиллӣ, ҳушёриву зиракии сиёсӣ ва истодагарии мақсаднок ғолиб омада метавон» [15,11].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмҳояшон ба Маҷлиси Олӣ аз оқибатҳои даҳшатвори терроризм ва экстремизм, ки дар ин ё он гӯшаи ҷаҳон содир мегарданд, бо нигаронӣ ёдовар мешаванд ва ҷиҳати мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм дидгоҳу назари аз ҷиҳати илмиву амалӣ асосноки хешро баён месозанд ва баҳри таъмини амнияти давлату ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи Истиқлоли давлатӣ мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомиро вазифадор менамоянд, ҳамчунин аз мақомоти зикршуда даъват ба амал меоваранд, ки ҳушёру зирак бошанд ва донишу малакаи касбиашонро пайваста баланд бардоранд.

Чунончи, Сарвари давлат дар Паёмашон ба Маҷлиси Олӣ аз 20-уми январи соли 2016 оид ба густариш пайдо кардани зуҳуроти ниҳоят хатарноки асри нав – терроризму экстремизм ва боз ҳам печидаву муташанниҷ гардидани вазъи сиёсии сайёра сухан намуда, чунин иброз доштанд: «Вазъи бамиёномада фароҳам овардани заминаҳои дахлдори ташкиливу ҳуқуқӣ ва фазои оштинопазирро бо экстремизм ва терроризм дар сатҳи барномаи стратегии давлат тақозо дорад. Аз ин лиҳоз, ба Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо дигар мақомоти дахлдори давлатӣ ҳарчи зудтар Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020 таҳия ва пешниҳод намояд.

Дар доираи тақвияти мубориза бо терроризм ва экстремизм бояд номгӯйи субъектҳои бо онҳо муборизабаранда васеъ ва дақиқ гардонида, дар баробари ин, ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳо ба муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистидошта ва хиёнат ба Ватан, шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо, аз ҷумла нисбат ба ташкилкунандагон ва шахсони ба онҳо мусоидаткунанда пурзӯр карда шавад» [7,33-34].

Дар ин замина, Прокуратураи генералӣ, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Маркази миллии қонунгузорӣ муваззаф шуданд, ки муқаррароти Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои дахлдорро вобаста ба ин масъалаҳо ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда, оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳои зарурӣ ба Ҳукумати ҷумҳурӣ хулосаҳои мушаххас пешниҳод созанд.

Ҳамчунин, барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани муқовимат ба истифодаи шабакаи Интернет бо мақсадҳои экстремистӣ ва террористӣ Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомоти дахлдор вазифадор гардиданд, ки оид ба масъалаи таъсис додани маркази мубориза бар зидди ҷиноятҳо бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва кибертерроризм ба Ҳукумати кишвар пешниҳоди асоснок манзур намоянд.

Ҳамин тавр, дар самти мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм қонунгузории мамлакат, махсусан, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода мешавад. Бо мақсади пешгирӣ ва коҳиш додани ҷинояткорӣ, пурзӯр намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани кирдорҳои ҷиноятӣ ба муқобили асосҳои сохтори конститутсионӣ ва амнияти давлат, шахсоне, ки ба терроризм ва экстремизм мусоидат мекунанд, инчунин, ҷорӣ намудани механизми босамари ҳифз ва таъмини амнияти миллӣ, пешгирӣ намудани шомилшавии шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои ғайриқонунӣ ба моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятӣ тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

Ҳамзамон, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 – 2020» аз 12-уми ноябри соли 2016, № 776 [11] тасдиқ гардид, ки он ҳамчун санади хусусияти барномавидошта мақсаду вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуд.

Бар замми ин, дар чаҳорчӯбаи тақвияти мубориза бо кибер-экстремизм дар сохторҳои Прокуратураи генералӣ ва мақомоти дигари ҳифзи ҳуқуқ воҳидҳои (шуъбаҳои) мубориза бо ҷиноятҳои алоқаманд ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ таъсис дода шуданд.

Бо мақсади пурзӯр намудани муқовимат ба экстремизм дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми декабри соли 2018 [8] Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ ва Кумитаи давлатии амнияти миллӣ муваззаф гардиданд, ки дар ҳамкорӣ бо Вазорати адлия ҷиҳати такмили заминаҳои ҳуқуқии пешгирӣ кардани экстремизм ва таҳияи тарзу усулҳои муосири муқовимат ба ин зухурот лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм»-ро таҳия ва ба Ҳукумати кишвар пешниҳод намоянд.

Дар натиҷа, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабулу ҷонибдорӣ шуда, 2-юми январи соли 2020, № 1655 [2] аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки он фарогири 6 боб ва 30 модда буда, асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии муқовимат ба экстремизмро бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, асосҳои сохтори конститутсионӣ, таъмини соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти кишвар муайян менамояд.

Дар қонуни фавқуззикр мафҳуми «экстремизм» ба таври зерин маънидод гардидааст: «Экстремизм – ифодаи мафкура ва фаъолияти экстремистие, ки барои бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) равона карда шудааст» [2].

Дар ин қонун бори аввал мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистидошта муқаррар гардид, ки тибқи он кирдори (амал ё беамалии) зиддиҳуқуқӣ ва гунаҳкорона, ки дар асоси хусуматҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, нажодӣ, мафкуравӣ, маҳалгароӣ ва динӣ (мазҳабӣ) содир шуда, барои он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ шудааст, ҳуқуқвайронкунии маъмурии хусусияти экстремистидошта эътироф мегардад [2].

Дар иртибот ба қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 28-уми декабри соли 2017 зимни вохӯрӣ бо кормандони мақомоти амнияти миллӣ баён доштанд, бо мақсади роҳандозӣ кардани усулҳои пешгирикунандаи муқовимат ба экстремизм тавассути татбиқи ҷазои маъмурӣ ва огоҳкунии расмии шаҳрвандон, инчунин таъқиби ҷиноятӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ҳамбастагӣ доштанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи Конститутсия қабулу ҷонибдорӣ гардида, 17-уми декабри соли 2020 аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон имзо шуданд.

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ин кодекс моддаи нав – моддаи 462[1] (Барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ)) илова гардид ва тибқи он ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла Интернет, содир шуда бошанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, барои ин гуна ҳаракатҳо ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз панҷоҳ то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё ҳабси маъмурӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ шабонарӯз таъйин карда мешавад [4].

Чуноне ки вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуриён М.Қ. зимни баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» 14-уми октябри соли 2020 дар ҷаласаи Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар даъвати шашум қайд кард: «Дар амалия ҳолатҳое ҷой доранд, ки шахс барои баён кардани суханҳои ноҷо, ки метавонад боиси барангехтани адовати миллӣ, динӣ ё мазҳабӣ гардад, бо моддаи 189 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Дар бисёр маврид шахсе, ки ба чунин кирдор даст мезанад, бинобар надоштани дарки дуруст оқибати ҳуқуқии амали худро пешбинӣ намекунад ва дар натиҷа, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Ҷорӣ намудани ҷавобгарии маъмурӣ барои бори аввал содир намудани ин гуна кирдор боиси огоҳсозии шаҳрвандон аз оқибатҳои ҳуқуқии чунин кирдорҳо ва пешгирии экстремизм мегардад» [13].

Дар воқеъ, шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, минҷумла бо моддаи 189 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми адои ҷазо ва пас аз он ба мушкилоти зиёде рӯ ба рӯ мегардад, чунончи аз озодӣ маҳрум ва чанд соли ҳаёташ дар муассисаи ислоҳӣ сипарӣ мешавад, азоби руҳиву равонӣ мекашад, зиндагии аҳли оилааш душвор мегардад, муносибати ёру дӯстон бо ӯ каме тағйир меёбад, ҷиҳати кор кардан дар баъзе аз мақомоти давлатӣ монеа эҷод менамояд ва ба монеаву мушкилоти дигар мувоҷеҳ мешавад.

Аз ин лиҳоз, ворид гардидани иловаи дахлдор ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон саривақтӣ буда, дар баробари пешгирии кирдорҳои ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ҳамчунин хусусияти тарбиявӣ дошта, ба шахси

гумроҳ ва хатокор имкон медиҳад, ки хатои худро ислоҳ карда, ба ҳаёти осуда баргардад ва ба қадри озодӣ бирасад.

Ҳамзамон, мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном ва қисми 1 моддаи 189 кодекси амалкунанда дар таҳрири нав ифода ёфт. Дар асоси он ҳаракатҳое, ки барои барангехтани кинаю адоват ё низои иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ ё динӣ (мазҳабӣ), паст задани шаъну эътибори нажодӣ, миллӣ, динӣ (мазҳабӣ) ё маҳал, инчунин тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубият ба нажод, миллат ё маҳал равона шудаанд, агар ин кирдорҳо ба таври оммавӣ ё бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ё шабакаҳои алоқаи барқӣ, аз ҷумла Интернет, дар давоми соли пас аз татбиқи ҷазои маъмурӣ барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо содир шуда бошанд, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешаванд [5].

Дар асоси қисми 5 моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тафтиши пешакии парвандаро оид ба ҷиноӣте, ки дар моддаи 189 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, аз тарафи муфаттишони мақомоти амнияти миллӣ гузаронида мешавад.

Қобили тазаккур аст, ки мақсад аз ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё маъмурӣ кашидани шахс, ин дар назди қонун ҷавоб додан барои кирдорҳои содирнамудааш ва ислоҳи ӯ, пешгирӣ кардани содиршавии ҷиноятҳо ва ё ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии нав чи аз тарафи ӯ ва чи аз ҷониби шахсони дигар, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ахлоқи ҷомеа, саломатии аҳолӣ, муҳити зист, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи риояи Конститутсия ва қонунҳои кишвар иборат мебошад. Ба андешаи инҷониб:

**Пеши қонун ҳар ки сар хам кард,**
**Хештанро раҳо зи ҳар ғам кард**.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми декабри соли 2019 [9] аз қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» (аз 16-уми ноябри соли 1999, № 845) ёдоварӣ шуда, вобаста ба талаби замон масъалаи такмили он таъкид гардид ва дар ин замина, вазоратҳои адлия ва корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ ва Прокуратураи генералӣ вазифадор шуданд, ки лоиҳаи ин қонунро дар таҳрири нав таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод созанд.

Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» тибқи муқаррароти Конститутсия қабулу ҷонибдорӣ шуда, 23-юми декабри соли 2021, № 1808 [3] аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расид, ки он аз 12 боб ва 46 модда иборат буда, принсипҳои асосии муқовимат ба терроризм, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии пешгирии терроризм ва мубориза ба он, роҳу усулҳои бартараф намудани оқибатҳои амали террористиро бо мақсади таъмини бехатарии шахс, ҷамъият ва давлат, ҳифзи соҳибихтиёрӣ, тамомияти арзӣ ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар қонуни фавқуззикр мафҳуми «терроризм» ба тариқи зайл шарҳ дода шудааст: «Терроризм – мафкураи зӯроварӣ ва таъсиррасонӣ ба қабули қарори мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё созмонҳои байналмилалӣ, ки бо тарсонидани аҳолӣ ва ё дигар шаклҳои зӯроварии ғайриқонунӣ алоқаманд мебошад» [3].

Дар қонуни зикргардида ҷиноятҳое, ки дар моддаҳои 179 (Терроризм), $179^1$ (Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористӣ дошта ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо), $179^2$ (Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта), $179^3$ (Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ), 181 (Ғасби гаравгон), 182 (Ғасби бино, иншоот, воситаҳои иттилоот ва алоқа), 184 (Ғайриқонунӣ ҳай

карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан), 184[1] (Ғасб, вайрон кардан, содир намудани амалҳои зӯроварӣ дар платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ), 184[2] (Кирдорҳои қасдона ба муқобили бехатарии ҳавопаймо ё киштӣ), 184[3] (Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии фурудгоҳҳое, ки ба авиатсияи гражданӣ хизмат мерасонанд), 184[4] (Интиқоли ғайриқонунии шахси содирнамудаи ҷинояти хусусияти террористидошта дар нақлиёт) 185 (Ташкили воҳидҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ), 193 (Муносибати ғайриқонунӣ бо маводи радиоактивӣ), 194 (Тасарруфи маводи радиоактивӣ), 194[1] (Истифодабарии ғайриқонунии мавод, воситаи радиоактивӣ ё объекти ядроӣ), 194[2] (Ҳаракатҳои қасдона ба муқобили бехатарии дастгоҳи ядроӣ) 194[3] (Ғайриқонунӣ тайёр кардани воситаи таркандаи ядроӣ ё воситаи афканандаи радиатсия), 194[4] (Ҳамлу нақли ғайриқонунии моддаҳои тарканда, маводи радиоактивӣ, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ дар ҳавопаймо, киштӣ ё нақлиёти хушкигард), 194[5] (Ғайриқонунӣ истифода бурдан ва ё партофтани моддаҳои тарканда, силоҳи биологӣ, химиявӣ ё ядроӣ, моддаҳои хатарнок ва зараррасон аз киштӣ ё платформаи стасионарии воқеи шелфи континенталӣ), 310 (Таҷовуз ба ҳаёти арбоби давлатӣ ё ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва 402 (Ҳамла ба шахсон ва муассисаҳои таҳти ҳимояи байналмилалӣ қарордошта)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ эътироф гардидаанд.

Мувофиқи сархати якуми моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» ва банди 1) моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» яке аз субъектҳои ба терроризм ва экстремизм бевосита муқовиматкунанда Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мебошад. Дар ин қонунҳо ваколатҳои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм муқаррар гардидаанд.

Бояд хотирнишон сохт, ки дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 26-уми январи соли 2021 бо мақсади идома бахшидани корҳо дар самти муқовимат ба терроризм ва экстремизм бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» аз 1-уми июни соли 2021, № 187 [12] тасдиқ гардид, ки он мақсаду вазифаҳо ва самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи муқовимат ба экстремизм ва терроризм муайян намуда, ҳадафҳои ниҳоии амалисозии он таъмини бехатарии аҳолӣ ва фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани эътимоду боварии шаҳрвандон нисбат ба мақомоти давлатӣ, аз ҷумла, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, таҳкими ваҳдати миллӣ, ҳифзи авзои ороми сиёсию ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ дар мамлакат мебошад.

Дар шароити зудтағйирёбандаи авзои сиёсии ҷаҳон мақомоти амнияти миллӣ, ки дар сафи пеши муқовимат ба терроризм ва экстремизм қарор дорад, фаъолиятро дар ин самт боз ҳам ҷоннок намуда, ба муқобили ин хатарҳо мубориза беамон мебарад.

Лозим ба ёдоварист, ки таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ дар меҳвари сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Минҷумла, дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» масъалаи баланд бардоштани музди меҳнати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ таъкид мешаванд. Чунончи, дар заминаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23-юми декабри соли 2022 аз 1-уми марти соли 2023 музди меҳнати амалкунандаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ 25 фоиз ва дигар кормандони ин мақомот 20 фоиз зиёд гардид. Инчунин, Сарвари давлат дар Паёми навбатиашон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 28-уми декабри соли 2023 супориш доданд, ки «аз 1-уми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 фоиз зиёд карда шавад» [10,49].

Ҳамин тариқ, барои иҷрои талаботи Паёми зикршуда фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии

аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 9-уми январи соли 2024, № 671 [14] қабул карда шуд.

Дар асоси фармони мазкур, маоши вазифавии хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайати шахсии қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти прокуратура ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз 1-уми январи соли ҷорӣ ба андозаи 40 дар сад зиёд карда шуд.

Чунин иқдоми нек муҳим ва саривақтӣ буда, дар боз ҳам беҳтар гардидани вазъи иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус, кормандони мақомоти амнияти миллӣ мусоидат менамояд.

Хулоса, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» дар таҳкиму тақвият бахшидани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ, хусусан, мақомоти амнияти миллӣ ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муқовимат ба терроризму экстремизм, ҷиноятҳои дигар, ҳифзи истиқлолияти давлатӣ, тамомияти арзии ҷумҳурӣ ва таъмини амнияти миллӣ нақши намоён доранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008, № 362 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3, мод. 183; с. 2011, №6, мод. 457; с. 2013, №7, мод. 513, №12, мод. 886; с. 2014, №11, мод. 654; с. 2015, №7-9, мод. 701; с. 2016, №3, мод. 138; с. 2017, №1-2, мод. 7; с. 2018, №5, мод.274; с. 2020, №12, мод. 908.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, № 1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №1, мод. 2.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» аз 23 декабри соли 2021, № 1808 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ. 2, мод. 682.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 декабри соли 2020, № 1726 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №12, мод. 900.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 17 декабри соли 2020, № 1730 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2020, №12, мод. 904.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Душанбе, 25 апрели соли 2008 (бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ)). – Душанбе: Шарқи озод, 2008. – 160 с.
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, ш. Душанбе, 20 январи соли 2016. – Душанбе: Шарқи озод, 2016. – 40с.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Сарчашмаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/19088 (санаи муроҷиат: 24.02.2024).
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 26 декабри соли 2019 [Сарчашмаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/21975 (санаи муроҷиат: 24.02.2024).
10. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 28 декабри соли 2023. – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – 64 с.
11. Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016 – 2020 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12-уми ноябри соли 2016, № 776 тасдиқ шудааст. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0.

[Сарчашмаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.02.2024).

12. Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, № 187 тасдиқ шудааст. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Сарчашмаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 28.02.2024).
13. Суханронии вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Ашуриён М.Қ. дар ҷаласаи Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар даъвати шашум оид ба баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14-уми октябри соли 2020 // Садои мардум. – 2020. – 17 октябр. – № 129(4235).
14. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва зиёд намудани маоши амалкунандаи вазифавии хизматчиёни давлатӣ, кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, андозаи нафақа ва стипендия» аз 9 январи соли 2024, № 671 [Сарчашмаи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32250 (санаи муроҷиат: 28.02.2024).
15. Ятимов С.С. Илм ва амният // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – 2022. – № 1 (1). – С.9-23.

ИЛМҲОИ ФАЛСАФӢ – ФИЛОСОФСКИЕ НАУКИ – PHILOSOPHY SCIENCES

ТДУ: 891.550:1 (575.3)

# АКАДЕМИК А. М. БАҲОВАДДИНОВ ВА ШИНОХТИ ИРФОН ДАР ФАЛСАФАИ ТОҶИК

**МАҲМАДҶОНОВА М.Т.**

*Доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*

*Мақола ба ҳаёт ва фаъолияти академик А.М. Баҳоваддинов ва нақши ӯ дар ташаккул ва такомули фалсафаи тоҷик бахшида шудааст. Академик А.Баҳоваддинов аз ҷумлаи он саромадони илм ва фалсафаи тоҷик дар даврони навин ба шумор меравад, ки дар ташаккул ва такомули самтҳои муҳимми улуми иҷтимоии миллӣ, аз ҷумла омӯзишу таҳқиқи таърихи миллати тоҷик, ҳувият ва асолати миллӣ, хусусиятҳои фарҳанг ва тафаккури миллӣ саҳми назаррас доштаанд. Ӯ аз фарҳангу тафаккури фалсафии миллӣ дифоъ намуда, тавонист, ки ворисии миллатро ба он исбот ва онро барои ояндагон нигоҳ дорад. Ӯ зумраи шогирдони сазоворе дар соҳахои гуногуни фалсафа ва ҷомеашиносӣ тарбия намуда, ба онҳо тарзи объективӣ ва академии таҳқиқоти илмиро омӯхт. Бо ин мактаби қавӣ-миллии таҳқиқоти академии фалсафӣ бунёд гардида, он то имрӯз барои исботи ҳувияти фикрии миллати тоҷик ва тавони интеллектуалии он саҳми худро гузошта истодааст. Бинобар ин, ном ва нақши академик А.Баҳоваддинов дар илми тоҷик дар радифи қаҳрамонҳои илми миллати тоҷик ёд мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *А.Баҳоваддинов, ҳувияти миллӣ, тафаккури миллӣ, ояндабинӣ, фалсафа, ҳастишиносӣ.*

# АКАДЕМИК А.М. БАХОВАДДИНОВ И ИССЛЕДОВАНИЯ ИРФАНА В ТАДЖИКСКОЙ ФИЛОСОФИИ

**МАХМАДЖОНОВА М.Т.**

*Доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии, политологии и права им. А.Баховаддинова НАНТ*

*Статья посвящена жизни и деятельности академика А.М. Баховаддинова, его роли в становлении и развитии таджикской философии. Академик А.Баховаддинов является одним из основоположников таджикского обществоведения и философии новой эпохи, внесший значительный вклад в формирование и развитие важных направлений отечественного обществоведения, в том числе изучение истории таджикской философской мысли, национального самосознания и культурной самобытности.*

*Ему удалось, защищая национальную философию, доказать ее преемственность и принадлежность таджикам и, тем самым, сохранить для будущих поколений. Он воспитал ряд достойных учеников и научил их объективному академическому подходу к научным изысканиям. Им была создана национальная школа академических философов, где посей день продолжаются исследования по философии. Поэтому имя академика А. Баховаддинова в таджикской науке останется среди академических философов вечно живым, наравне с другими учёными.*

***Ключевые слова:*** *А Баховаддинов, национальная идентичность, национальное сознание, философия, онтология.*

# ACADEMIC A.M. BAHAVADDINOV AND THE RECOGNITION

## OF KNOWLEDGE IN TAJIK PHILOSOPHY

**MAHMADJONOVA M.T.**

Doctor of Philosophical Sciences, professor, head of the Department of History of Philosophy of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov NAST

The article is dedicated on the life and work of Academician A.M. Bahavaddinov and his role in the formation and development of Tajik philosophy. Academician A. Bahovaddinov is one of the leaders of Tajik science and philosophy in the new era, who made an immense contribution to the formation and improvement of important areas of national social science, including the study and research of the history of the Tajik nation, national identity and originality, characteristics of culture and national thinking. He defended the national culture and philosophical thinking, and was able to prove the nation's inheritance of it and preserve it for future generations. He educated a number of worthy students in various fields of philosophy and sociology and taught them the objective and academic way of scientific research. With this, a strong national school of academic and philosophical research was established, and it is still contributing to the proof of the intellectual identity of the Tajik nation and its intellectual potential. Therefore, the name and role of academician A. Bahovaddinov in Tajik science is remembered among the heroes of science of the Tajik nation.

**Keywords:** A. Bahovaddinov, national identity, national thinking, future vision, philosophy, existentialism.

Академик А.М. Баҳоваддинов аз ҷумлаи он саромадони фалсафаи тоҷик дар даврони навин ба шумор меравандк, ки дар ташаккул ва такомули самтҳои муҳимми улуми иҷтимоии миллӣ, аз ҷумла, омӯзишу таҳқиқи таърихи миллати тоҷик, ҳувият ва асолати миллӣ, хусусиятҳои фарҳанг ва тафаккури миллӣ саҳми беандоза доштаанд. Онҳо дар муҳити идеологии худ, ки комилан аз ҳар гуна ғояҳои ғайр сарфи назар намуда, танҳо тарзи тафаккури якнавохтро фарогир мекард, аз фарҳангу тафаккури фалсафии миллӣ дифоъ намуда, тавонистанд, ки дар самти илм исбот намуда, онро барои ояндагон нигоҳ доштанд. Бинобар ин, ном ва нақши академик А.Баҳоваддинов дар илми тоҷик дар радифи қаҳрамонони соҳаи илм ёд мешавад.

Агар бигӯем, ки А.Баҳоваддинов дар саргаҳи ташаккули фалсафаи миллии тоҷик қарор дошт, кам аст. Ӯ аз самтдиҳанда ва бунёдгузори таҳқиқоти гуногунҷабҳа дар соҳаҳои муҳимми таърихи фалсафа, фалсафаи иҷтимоӣ, ҷомеашиносӣ ва сиёсат ба шумор меравад, зеро дар ин самтҳо ӯ аввалин муҳаққиқи Тоҷикистони шӯравӣ буда, бевосита дар мавриди этногенез, ҳувияти миллӣ ва фарҳангу тафаккури миллӣ таҳқиқот анҷом додааст. Ӯ аз ҷумлаи аввалин ташкилотчӣ ва маъмурони илми академии тоҷик ба ҳисоб меравад, ки барои дар сатҳи байналмилалӣ ва ҷаҳон муаррифӣ намудани мероси гаронбаҳои маънавии тоҷикон дар баробари Б.Ғафуров, С.Айнӣ, Мирзо Турсунзода кӯшишҳои бобарор намудааст. Маҳз ба шарофати фаъолияти илмиву назариявӣ ва иҷтимоии А.М. Баҳоваддинов ташаббусҳои ин абармардони миллат оид ба тақвияти ҳувияти фарҳанги тоҷик ва ворисият аз мероси гаронмояи маънавии он ҷомаи амал пӯшиданд. Зеро ӯ дар муддати хеле кӯтоҳ тавонист на танҳо ҷиҳатҳои ташкилии татбиқи таҳқиқоти илмиро танзим намояд, балки кадрҳои сазовор ва соҳибтахассусро ҷалб ва тарбия намуда, дар ҳамоҳангсозиву татбиқи таҳқиқоти нодир оид ба муайян ва гоҳо барқарор кардани маҷмӯи фалсафаи миллӣ ва шахсиятҳои барҷастаи он бевосита саҳм гузошт.

Боиси тазаккур аст, ки солҳои оғози фаъолияти илмии А.М. Баҳоваддинов ҳанӯз масоили зиёди марбут ба нақши миллати тоҷик дар ташаккул ва такомули фарҳанги Осиёи Марказӣ, ба истилоҳи имрӯза «кушода» боқӣ мемонданд. Дар ин раванд масъалаи асосӣ исботи он буд, ки миллати тоҷик меросбари на танҳо адабиёти бою ғанӣ бо

шоирону адибони тоҷикзабон, балки миллати фарҳангсоз, мутафаккир ва ақлгаро будан ва дорои фалсафа, мантиқ ва ахлоқу зебоипарастии бостонӣ будани он аз муҳимтарин ба шумор мерафт. Ин буд, ки аз аввалин қадамҳои академик А.М. Баҳоваддинов таълифи асаре оид ба таърихи тафаккур ва фалсафаи тоҷик буда, дар муҳимтарин асараш «Очеркҳо оид ба таърихи фалсафаи тоҷик» ифода гардида аст.

Дар замони оғози фаъолияти илмии академик А.Баҳоваддинов бинобар кам таҳқиқ шудани минтақаи Осиёи Марказӣ, дар илм андешае роиҷ буд, ки таърихан асосан илму фарҳанг ва фалсафа дар қисми Ғарбии Авроосиё, аниқтараш минтақаи Эрони имрӯза рушд карда бошад. Таҳқиқоти илмии ҷомеашиносони тоҷик бо сарварии С.Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ғалат будани ин фарзияро исбот кард. Дар ин кор саҳми А.М. Баҳоваддинов низ бориз аст, ки ба зиммаи худ исботи миллати соҳибтамаддун, дорои фарҳанги бостонии тафаккур ва фалсафаву файласуфони оламшумул будани онро ба дӯш гирифт.

Вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ ва таърихӣ-фарҳангиро, ки дар он фалсафаи тоҷик ташаккул ёфта рушду нумӯ карда аст, баррасӣ намуда, академик А.М. Баҳоваддинов таъкид менамояд, ки дар асри X Бухорои тоҷикзабон на танҳо маркази илмӣ-фарҳангии Осиёи Марказӣ, балки тамоми хилофат гардида, шукуҳу шаҳомати Бағдодро поён бурд.

Дар баробари ин, ӯ нақши тафаккури диниро дар ин давра таъкид намуда, мубориза ғоявии илм ва эътиқодро мушаххас кард. Барои ин, ӯ, пеш аз ҳама, аз омӯзиши мероси илмӣ-фалсафии Ибни Сино ва ҳамраҳонаш оғоз карда, дар ҳамраъйӣ бо профессор Е.Э. Бертельс, нақши Ибни Синоро на ҳамчун як эпизод, ё ҳодисаи тасодуфӣ, балки чун зуҳури қонунманди нобиғае, ки зодаи тамаддун, фарҳанг ва тафаккури бостонии миллӣ буда, самтҳои муҳимтарини илм ва фалсафа ва фарҳангро инкишоф додааст, тасвир намуд. Ӯ ба таъсири осори адабии Ибни Сино таваҷҷуҳ карда, меафзояд, ки он ба адабиёти халқҳои Шарқу Ғарб таъсири амиқ дошта аз он Данте, Хуан Уарте, Бэкон Ф., Спиноза Б., Декарт Р., Гёте и Гегель илҳом гирифта, номашро дар радифи мутафаккирони бузургтарини Юнони атиқа ёд кардаанд [1,3].

Ӯ бо мисолҳои мушаххас аз осори Ибни Сино назари соф илмии мутафаккир ва минбаъд чун усули таҳқиқотӣ фарогир шудани онро дар Шарқ собит намуда, муколамаи созандаи Синоро бо юнониён пеш мегузорад ва муносибати манфии Синоро нисбат ба таълимоти астрологии пешгузаштагон шарҳ медиҳад [1,10]. Нигоҳи иштибоҳии муҳаққиқони Ғарбро оид ба андешаи ирфонии Сино мавриди танқид гирифта, ботил будани онро исбот менамояд [1,11].

Академик А.М. Баҳоваддинов дар Самарқанд соли 1911 ба дунё омадааст. Хонаводаи волидонаш дар гузари Туқумдузони Қурғончаи Регистон, назди имрӯза – хона-музеи С.Айнӣ зиндагӣ мекарданд. Баҳоваддинов А.М. дар синни 30 солагӣ моҳи декабри соли 1941 барои дифои Ватан ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ даъват шуда, дар Дивизияи тирандозии куҳистонии 68-и Округи Осиёи Миёна то соли 1946 дар рутбаи майор хизмат кардааст, ки он дар Эрон қарор дошт. Дар давоми хизмат ӯ бо ордену медалҳои ҳарбӣ қадрдонӣ гардида, пас аз ҷанг бо кори илмӣ ва таълимӣ машғул мешавад. Ӯ шахси хеле донишманду закӣ буда, бо ин хислатҳояш таваҷҷуҳи аввалин президенти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Сотсиалистии Тоҷикистон Садриддин Айниро ҷалб кард ва дар натиҷа ӯро ба таъсиси шуъбаи фалсафаи академия даъват намуданд.

Алоуддин Баҳоваддинов дар шаҳри Москва таҳти роҳбарии академики АИ Россия Константинов Ф. рисолаи номзадиашро таҳти унвони «Ақидаҳои фалсафии Ибни Сино» дифоъ намуда, ба унвони номзади илми фалсафа (1948) ва барои рисолаи илмии «Аз таърихи афкори ҷамъиятӣ ва сиёсии халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX» ба унвони доктори илми фалсафа (1951) мушарраф шудааст. Соли 1951 узви вобаста ва соли 1953 академики Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон интихоб гардидааст. Асарҳои асосии ӯ ба масъалаҳои назарии таърихи фалсафа, таърихи фалсафаи тоҷик ва афкори ҷамъиятию сиёсии халқи тоҷик бахшида шудаанд. Муаллифи асари «Доир ба масъалаи муттаҳидии миллати тоҷик» (1957), «Очеркҳои таърихи фалсафаи тоҷик» (1961), яке аз муаллифони «Таърихи фалсафа» (Москва, 1957),

«Очеркҳои таърихи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон» (Душанбе, 1964, 1969) ва «Таърихи ташкилотҳои коммунистии Осиёи Миёна» (Тошкент, 1967), ҳаммуаллифи асари «Нақши синфи коргари рус дар қисмати таърихии халқи тоҷик бо А.Я. Вишневский (Душанбе, 1967.) мебошад.

Баҳоваддинов А.М. дар байни олимони тоҷики асри XX мақому мартабаи хос дорад. Ӯ олиме номдор дар Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он буда, пеш аз ҳама, ҳамчун муҳаққиқи осор ва афкори фалсафӣ ва илмии Абуали ибни Сино номвар гардида аст.

Аммо фазои таваҷҷуҳи илмии академик А. Баҳоваддинов хеле фарох буда, беш аз 24 таҳқиқот оид ба андешаву афкори иҷтимоӣ-фалсафии чунин мутафаккирони араб, чун Ибни Рушд, Ибни Боҷа, Ибни Халдун ва дигарон анҷом дода аст.

Баҳоваддинов А.М. дар таҳқиқи таърихи фалсафаи тоҷик методологияи худро пешниҳод кардааст, ки ҳоло усули роиҷи тадқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар «Очеркҳо» ӯ самтҳои асосии рушди тафаккури фалсафии халқи тоҷикро таҳқиқ карда, аз давррони бостон, равияву назаргоҳи динӣ, фалсафии зардуштия, монавия, зарвония оғоз карда, машшоия, исмоилия, тасаввуф, маорифпарварӣ ва ҷадидияро мавриди баррасӣ қарор медиҳад, ки аксари ин равияҳо то ба ҳол ба таври таснифоти пешниҳод намудаи ӯ омӯхта мешаванд. Саҳми дигари безаволи А.Баҳоваддинов дар он аст, ки ӯ ба доираи таҳқиқи илмӣ шумораи зиёди маводи аслиро бори аввал ворид намуда аст. Сарфи назар аз он, ки маводи таҳқиқӣ ва сарчашмаҳо кам ва на ҳама вақт дастрас буданд, олими закӣ тахмину фарзияҳое намудааст, ки дурустии онҳо бо гузашти вақт исбот шудааст. Ин қазия намоёнгари дониши амиқ ва заковати фитрии файласуфи маъруф мебошад [5, 4].

Боиси тазаккури махсус аст, ки А.М. Баҳоваддинов дар қатори аввалин муҳаққиқони мероси ақлонии тасаввуф дар ҳудуди илми таърихи фалсафаи Иттиҳоди Шӯравӣ ба ҳисоб меравад. Роҳнамои методологии ин самтро академик А.Баҳоваддинов аз осори В.И. Ленин ҷуста, бо ин роҳи таҳқиқотро кушод, ки дар «Дафтарҳои фалсафӣ» гуфтааст: «хизмати таърихӣ на аз рӯйи он муайян карда мешавад, ки ходимони таърихӣ нисбат ба ниёзмандиҳои муосир чиро надодаанд, балки аз рӯйи он, ки онҳо нисбат ба пешгузаштагонашон чӣ навгоние ба вуҷуд овардаанд» [6,166].

Роҳкори устод А.М. Баҳоваддинов дар таҳқиқи таълимоти тасаввуф иборат аз он аст, ки ин равияи фикриро чун мураккабу печида ва гуногунҷабҳа муаррифӣ намуда, дар дохили он ҳам ҷанбаву ғояҳои мусбат ва ҳам манфиро пайдо кардан мумкин аст [7.177]. Минбаъд пайравон ва шогирдони устод академик К.Олимов, узви вобастаи АИ ҶТ А.Мухаммедходжаев, номзадҳои илми фалсафа М.Султонов, И.Умаров, Одилов Н., У.Камолов, докторони илмҳои фалсафа Х.Зиёев, М.Ҳазратқулов, А.Шамолов, Содиқова Н.Н., Маҳмадова М.Ф. ва дигарон ҳамин роҳкорро пайгирӣ намуда, таҳқиқоти худро вобаста ба равияҳои барҷастаи тасаввуфи Мовароуннаҳру Хуросон ва намояндагони маъруфи он анҷом додаанд.

Ҳамчун яке аз муҳаққиқони барҷастаи таълимоти динӣ-фалсафии тасаввуф, А.М. Баҳоваддинов мазмун ва муҳтавои онро дар ҳошияи вазъи таърихӣ ва сиёсии даврааш меомӯзад. Ба ин тариқ, таълимоти тасаввуф ба фарҳанги миллӣ ҳамчун қисми таркибии он баргардонида шуда, саҳму таъсири он дар рушди ахлоқ ва зебоишиносиву санъату меъмории миллӣ шинохта шуд.

Тасаввуф яке аз равияҳои динӣ-фалсафии халқи форсу тоҷик мебошад. Он аз охири асри VIII- ибтидои IX ташаккул ёфта, пеш аз ҳама, дар Мовароуннаҳру Хуросон таъсир ва интишор пайдо карда, бо хусусиятҳои хосаш маъруфу машҳур гардид. Он таълимоти мураккаби динӣ-ирфонӣ буда, дар худ ҷанбаҳои фалсафӣ, динӣ ва озодманиширо омехта, бо ин дар ҳаёти маънавии мардуми Осиёи Марказӣ мақому мартабаи вижаро соҳиб мегардад. Дар баробари ин, устод Баҳоваддинов А.М. таъкид менамояд, ки онро чун таълимоти муназзам ва муайян қабул кардан иштибоҳ буда, андешаҳои аксари намояндагонаш эклектикиву синкретӣ мебошад, ки аз андешаҳои озодманишона холӣ нестанд [7, 292].

Дар асоси омӯзиши амиқи сарчашмаҳои нодир А.М. Баҳоваддинов андешаеро тақвият медиҳад, ки тасаввуф дар ибтидо ҷараёни зоҳидона буда, минбаъд ба таълимоти томи динӣ-фалсафӣ мубаддал гардида аст [7, 293; 7,104].

Дар ин таълимот устод ба муқобилияти ғоявӣ-маънавии намояндагони барҷастаи таълимот ба мавқеи шахшудамондаи иҷтимоӣ, низоми расмӣ, арзишҳои машкук аҳамият дода, ҷанбаҳои прогрессивии онро муаррифӣ менамояд [7, 295]. Ӯ таъкид карда аст, ки мутафаккирони прогрессивии Шарқ андешаҳояшонро дар пардаи тасаввуф иброз доштаанд, ки ин яке аз хадамоти бузурги равия ба рушди тамаддун мебошад [7, 295].

Дар баробари ин, А.М. Баҳоваддинов аз аввали таҳқиқоташ муқобили мансуб донистани тамоми мутафаккирони Шарқи исломӣ ба тасаввуф буда, махсусан ин иштибоҳро нисбат ба афкори фалсафии Ибни Сино барҷаста нишон медиҳад. Ӯ меафзояд: «он нуқтаи назар, ки гӯё ҳамаи шоиру нависандагон, файласуфони давраи феодалии халқи тоҷик сӯфӣ буданд ва аз ин рӯ, онҳоро бояд чун иртиҷоӣ шинохт, комилан иштибоҳӣ мебошад. Пайравони ин андешаи ғалат мавҷудияти афкори пешқадам дар фалсафаи халқи тоҷикро рад менамоянд... Дар таҳқиқи таърихи фалсафаи халқи тоҷик бояд махсусан таъкид гардад, ки иддае аз олимон, адибон ва мутафаккироне, ки расман таълимоти тасаввуфро мепазируфтанд, бо ин роҳ бар зидди зулму тааддии феодалон ва уламои иртиҷоӣ баромад намудаанд» [7, 295].

Саҳми А.М. Баҳоваддиновро нисбат ба омӯзиши намояндагони тасаввуфи Мовароуннаҳру Хуросон таъкид карда, бояд афзуд, ки таваҷҷуҳи олим нисбат ба пажӯҳиши амиқи осору афкори Саноӣ, Аттор ва Ҷалолиддини Румӣ шоистаи омӯзиши алоҳида мебошад. Ӯ Саноиро намояндаи маъруфи тасаввуфи асрҳои XI-XII номида, барои тақвияти мавқеаш аз китоби Е.Э. Бертелс иқтибос меорад, ки назми тасаввуф дар осори Саноӣ ба камолот расидааст [7, 294]. Дар мавриди Саноӣ ӯ таъкид намудааст, ки саҳми муҳимми мутафаккири ориф дар ворид кардани мавзуоти ирфонӣ ба адабиёт ва аввалин шуда, бо забони ирфонӣ ифода кардани таълимоти тасаввуф мебошад. Ҷавҳари таълимоти Саноиро шинохти Ҳақиқати мутлақ ташкил медиҳад. Ҳақиқат-худ ҳамон офаридгори абадиест, ки ҳастии он тавъам бо тамоми мавҷуд аст. Он худ ибтидои ҳастӣ ва неруи муҳаррики ашёву ҳаводис аст. Дар исботи ин ҳақиқат ва дар маҷмӯъ, дарки ҳақиқати мутлақ бояд олами моддӣ комилан омӯхта шавад. Андешаҳои устод А.Баҳоваддинов оид ба фалсафаи ирфони Саноӣ, шогирди нахустини ӯ К.Олимов идома бахшида, дар таҳқиқи таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-ахлоқии Саноӣ исботи худро пайдо карданд. Ҳамин тавр, мактаби таҳқиқи фалсафаи ирфон дар Тоҷикистон бунёд гузошта шуда, он имкон дод, ки ин таълимоти хоси фалсафӣ-динӣ баҳои сазовори илмӣ пайдо карда, ба ҳошияи тафаккури фалсафӣ ва фарҳангу тамаддуни Шарқ ворид карда шавад.

Дар таҳқиқоти илмии худ оид ба ирфону тасаввуф академик А.М. Баҳоваддинов ба афкор ва осори Ҷалолуддин Балхии Румӣ (1208-1273) мақоми алоҳидаро хос донистааст. Мероси барҷастаи ин орифи шӯридаро дар назар дошта, ӯ аҳамияти «Маснавии маънавӣ» ва ғазалиёту рубоиҳои вирди забони тоҷиконро чун нишонаи нубуғ ва аҳамияти мутафаккир таъкид кардааст. Ӯ мегӯяд, ки достонҳои Румӣ – «Маснавии маънавӣ» як навъ доиратулмаорифи ахлоқист, аммо мутаассифона, ба таври куллӣ мероси мутафаккир ҳоло омӯхта нашудааст. Бо ин ӯ ба муҳаққиқони минбаъда роҳ кушода, онҳоро ба омӯзиши ин мероси гаронбаҳо даъват менамояд [4, 305-306]. Боиси тазаккур аст, ки чунин мавқеъ дар даврони шӯравӣ шуҷоати илмӣ ва миллиро тақозо мекард, зеро мероси Румӣ дар он давра иртиҷоӣ ва худи ӯ намояндаи маъруфи рӯҳониёни иртиҷоӣ эълон шуда буд. Ӯ аввалин шуда ҷанбаҳои фалсафӣ ва афкори пешқадамонаи Румиро омӯхта, барои таъкиди аҳамиятнокии он ба китобу таълимоти Е.Э. Бертелс такя менамояд, ки гуфта аст: «...агар он (ашъори Румӣ) бештар дар Ғарб шинохта мешуд, бешубҳа, номи ӯ дар баробари чунин абармардҳои ҷаҳоншумул, мисли Шекспир, Гёте ва Пушкин маъруфият пайдо менамуд» [8, 60]. Минбаъд дар Тоҷикистон осор ва афкори Ҷалолуддин Балхии Румӣ ба таври васеъ омӯхта шуда, дар рисолаҳои илмии Н.Одилов, Х.Зиёев, М.Маҳмадҷонова ғояву андешаҳои А.М. Баҳоваддинов оид ба хусусият ва

мазмуну муҳтавои ҷаҳонбинии Ҷалолуддин Румӣ, муҳити таърихӣ-фарҳангӣ, ҷанбаҳои гуногуни таълимот ва андешаи ӯ дарҷ гардиданд [12-17].

Мусаллам аст, ки нақши Мавлоно дар рушди тасаввуф барҷаста аст, зеро дар таълимоти ӯ масъалаҳои ҳастӣ, асрори офариниш, мақом ва мартабаи инсон ва ғ. ба таври фалсафиву муфассал баррасӣ гардидаанд. Ба афкори ӯ таълимоти «ваҳдати вуҷуд» густариш пайдо карда, ғояи «ҳама ӯст ва ҳама аз ӯст» рушд дода мешавад. Инсони Мавлоно ҷанбаи Худовандӣ дошта, ҳувияти «Ман» ва Худо як аст. Бо ин андеша Мавлоно мақому мартабаи инсонро ба арши аъло бароварда, ба Худо наздик менамояд. Инсон, ки доимо кӯшиши дарки асрори худиро дорад, дар асл бо ин Худоро мешиносад. Ҳамин андешаро шарҳ дода А.М. Баҳоваддинов менависад: «инсон доимо ба сӯйи прогресс ҳаракат дорад. Муҳтавои ин прогресс иборат аз ҳаракати инсон барои наздик шудан бо ҷавҳари воҳиди илоҳӣ аст. Марг – ҳодисаи мудҳиш нест, баръакс, он саодатест, зеро баъд аз марг руҳ аз тан озод шуда, ба таври абадӣ бо маъшуқи матлуб мепайвандад, яъне бо Худо, ки ба сӯйи он моил буд» [4,308].

Таҳлилҳои устод нишон доданд, ки афкори Мавлоно дар Аврупо ба таври васеъ роҳ ёфта маъруфият пайдо кардааст, бинобар ин, шояд файласуфи немис Ф.В. Гегел ҳангоми таҳияи низоми фалсафии худ аз он баҳра гирифта бошад, зеро дар таълимоти фалсафии Румӣ ғояҳои диалектикиро ба таври фаровон пайдо кардан мумкин аст. Ӯ меафзояд, ки баъзе масоили ҳалкардаи Гегел аз ҷониби Румӣ ҳанӯз 500 сол қабл аз ба дунё омадани файласуфи бузурги немис гузошта шудаанд [18,110-111].

А.М. Баҳоваддинов ба ҳайси қавитарин муҳаққиқи таълимоти фалсафӣ-динии тасаввуф, онро дар вобастагии амиқ бо вазъи таърихӣ ва фарҳангӣ-сиёсии даврааш таҳқиқ намуда, дар ин соҳа тарзи таҳқиқи объективӣ-илмиеро, ки дар асоси сарчашмаҳои асл қарор дорад, ба роҳ монд ва зумраи шогирдонеро тарбия намуда аст. Шогирдони ӯ минбаъд ба олимони варзида ва мутахассисони соҳибкасби фалсафа ба воя расида ҳар яке самту соҳаи алоҳидаи таърихи фалсафаи тоҷикро сазовор ба илми ҷаҳонӣ муаррифӣ намуданд. Дар қатори шогирдони устод номи чунин мутахассисони шинохта, монданди Ашуров Г., Болтаев М., Диноршоев М., Раҷабов М.Р., Виборнова В., Ғаффорова М., Мухаммедхоҷаев А., Олимов К., Приписнов В., Раҷабов С., Султонов У., Шарипова И. ва дигаронро метавон номбар кард, ки минбаъд ҳайати Институти фалсафаи Академияи илмҳоро ташкил карданд. Онҳо ба таври шоиста риштаи таҳқиқии устодро давом дода, имрӯз яке аз намояндагони шинохтаи илми фалсафа ба ҳисоб мераванд.

**Адабиёт:**


1. Богоутдинов А. Великий мыслитель средневековья. /Литературный Таджикистан. Кн. 5. – Сталинабад, 1953.
2. Богоутдинов А. М. Из истории общественной мысли таджикского народа // Вопросы философии. – 1951. – № 3.
3. Богоутдинов А. М. Очерки по истории таджикской философии. – Душанбе: Таджикгосиздат, 1961. – 332 с.
4. Богоутдинов А. М. Избранные произведения / Вступит. статья Г.А. Ашурова, М. Диноршоева. – Душанбе: Дониш, 1980. – 418с.
5. Академик А.М. Баҳоваддинов – выдающийся исследователь истории таджикской философии//Очерки по истории таджикской философии. – Душанбе: Дониш, 2011. С. 4.
6. В.И. Ленин. Соч. – т. 2. – Москва, 1978.
7. История философии. – Т. 1. – Москва, 1957.
8. Бертельс Е.Э. Очерки истории персидской литературы. – Л., 1928.
9. Олимов К.О. Хорасанский суфизм. – Душанбе, 1991.
10. Раджабов М.Р. Абдурахман Джами и таджикская философия XV века. – Душанбе: Ирфон, 1968. – 318с.
11. Мухаммедходжаев А. Гносеология суфизма. – Душанбе,1990.
12. Одилов Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолуддин Румӣ. – Душанбе,1964.

13. Зиёев Х.М. Мировоззрение Бахоуддина Валада. – Душанбе, 1992 – 114с.
14. Зиёев Х. М. Суфийский орден мавлавия. – Душанбе, 2007 – 276с.
15. Махмаджанова М.Т. Этические воззрения Джалолуддина Руми. – Душанбе, 2001.
16. Махмаджонова М.Т. Философия Джалолуддина Руми. – Душанбе, 2007.
17. Махмадҷонова М.Т. Табаххуре дар таърихи фалсафаи тоҷик. – Душанбе, 2018.
18. Муллобоева Д.А. Академик А.Баховаддинов и развитие историко - философской науки в Таджикистане. Диссерт. канд. филос. наук. – Душанбе. 2016.

ТДУ: 1 (575.3)

# АРЗИШҲОИ АХЛОҚӢ, РУҲИ «ДИОНИСӢ» ВА НИГИЛИЗМ ДАР «ФАЛСАФАИ ҲАЁТ» -И Ф. НИТСШЕ

**АМИНОВ Ф.А.**[1]
**АБДУЛЛОЕВ А.А.**[2]

[1]*Номзади илмҳои фалсафа, дотсент*
[2]*Унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

*Предмети таҳқиқи мақолаи мазкур арзишҳои ахлоқӣ, «руҳи дионисӣ» ва нигилизм дар эҷодиёти Ф.Нитсше мебошад. Мувофиқи андешаи муаллифон, руҳи дионисии Нитсше сарҳади байни инсон ва табиатро вайрон сохта, «фарзанди саркаш» – инсонро ба сӯйи модар – табиат бармегардонад. Руҳи дионисӣ қобил аст инсонро аз тасаввуротҳои тахаюлӣ дар бораи воқеият раҳо сохта, роҳи васеъро ба сӯйи Модар-ҳастӣ, ба асрори ниҳони ҷавҳари чизҳо кушояд. Ахлоқи имрӯза, мувофиқи андешаи Ф.Нитсше худро ягона имконияти нерӯманди ҷамъи воситаҳо боло бардошта, онро барои ҳимоя ва худмуқаррасозии хештан истифода мекунад, ки дар миёни ин имкониятҳо Нитсше ба дин ҷойи махсус ҷудо мекунад. Муаллифон чунин меҳисобанд, ки мушкилоти ахлоқи хоҷагон ва ғуломон дар фалсафаи Нитсше як шакли хоси заминаи таърихӣ-назариявӣ барои аз нав баҳо гузоштани ҳама арзишҳост. Айни замон, ӯ ба нигилизм ба маънои – «аз нав баҳогузории ҳама арзишҳо руҳи дионисӣ» ба назари нек муроҷиат мекунад.*

*Муаллифон идеяҳои културологии Ф.Нитсшеро ҳамчун «нигилизм» ва «азнавбаҳогузории ҳама арзишҳо» таҳлил намуда, андеша доранд, ки маҳз бо эҷод шудани асарҳои ӯ ташаккули анъанаи азнавдидабароии буҳрони фарҳанг оғоз гардидааст ва идеяҳои Ф.Нитсше чун «нигилизм» ва «баҳогузории ҳама арзишҳо руҳи дионисӣ» дар худ баррасии ҳамин буҳрон аст.*

**Калидвожаҳо:** *инсон, хирад, арзишҳо, ахлоқ, «руҳи дионисӣ», нигилизм, аполлинизм, ирратсионализм, ирода ба ҳокимият*

# МОРАЛЬНЫЕ ЦЕННОСТИ, «ДИОНИСИЙСКИЙ» ДУХ И НИГИЛИЗМ В “ФИЛОСОФИИ ЖИЗНИ” Ф. НИЦШЕ

**АМИНОВ Ф.А.**[1]
**АБДУЛЛОЕВ А.А.**[2]

[1]*Кандидат философских наук, доцент*
[2]*Соискатель Института философии, политологии и права имени академика А.Баховаддинова Национальной академии наук Таджикистана*

*Предметом исследования данной статьи являются моральные ценности, «дионисический дух» и нигилизм в творчестве Ф.Ницше. Согласно авторам ницшеанский дионисийских дух, разбивая оковы индивидуума, разрушая границы между человеком и природой, возвращает «блудного сына» – человека к матери-природе. Дионисийский дух способен избавить человека от иллюзорных представлений о действительности и широко открыть дорогу к Материи бытия, к сокровенной серцевине вещей. Современная мораль, по мнению Ф.Ницше возвела себя в ранг единственно возможной, используя для защиты и самоутверждения могучий арсенал средств, в ряду которых Ницше отводит особое место религии. Авторы считают, что проблема морали господ и рабов становится в философии Ницше своего рода историко-теоретическим фундаментом борьбы за пересмотр всех ценностей. Под* ***нигилизмом*** *Ницше разумеет обесценивание прежних высших ценностей. Но одновременно он позитивно («да») относится к* ***нигилизму в*** смысле

*«переоценки всех прежних ценностей». Авторы, анализируя культурологические идеи Ф. Ницше как «нигилизм» и «переоценка всех ценностей» считают, что именно с его работ начинается формирование традиции по осмыслению кризиса культуры, а такие идеи как «нигилизм» и «переоценка всех прежних ценностей» представляют собой анализ этого кризиса.*

**Ключевые слова:** *человек, разум, ценность, мораль, «дионисийский дух», нигилизм, аполлонизм, ирратсионализм, воля к власти.*

## MORALS'S VALUE OF, «DIONYSIAN SPIRIT» AND NIHILISM IN THE «PHILSOPHY OF LIFE» OF I. F. NIETZSCHE

**AMINOV F.A.·[1]**
**ABDULLOEV A.A.[2]**
*[1]Candidate of science of philosophy, senior lecturer.*
*[2]Competitor of Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.Bahovaddinov NAST*

*The subject of research of this article is moral values, "Dionysian spirit", and nihilism in the works of F. Nietzsche. According to the authors, Nietzsche's Dionysian spirit destroys the border between man and nature and returns the "disobeyd child" - man to mother nature. The Dionysian spirit is capable of freeing a person from imaginary ideas about reality and opening a wide path to the Mother-Being, to the hidden secrets of the substance of things. Today's morality, according to F. Nietzsche's opinion, raises itself as the only powerful possibility of a collection of means and uses it for self-defense and self-determination, among which Nietzsche assigns a special place to religion. The authors believe that the moral problem of masters and slaves in Nietzsche's philosophy is a specific form of historical-theoretical basis for re-evaluating all values. Currently, he refers to nihilism as a "reevaluation of all values" in favor of the good. The authors analyze the culturological ideas of F. Nietzsche as "nihilism" and "reevaluation of all values" and believe that it was with the creation of his works that the formation of the tradition of cultural crisis review began, and the ideas of F. Nietzsche as "nihilism" and "evaluation of all values" " is in itself a review of this crisis.*

***Keywords:*** *man, wisdom, values, ethics, "Dionysian spirit", nihilism, Apollonism, irrationalism, will to power*

Ҳаётро ҳамчун зуҳури ирратсионалӣ муайян сохта, Нитсше ба хотири дарёфти тасдиқи баҳогузории хеш ба фоҷиаи (трагедия) атиқа муроҷиат менамояд ва маҳз дар ин осори асотирию адабӣ манбаи нерумандӣ, хушҳолиҳои масткунандаи ҳаётро пайдо месозад. Эҷодиёти мутафаккирони фалсафаи классикии Юнон, аз қабили Суқрот, Афлотун, Арасту, фоҷианависон ва хусусан файласуфони тосуқротияро таҳлил намуда, ба мутафаккирони тосуқротия (марҳилаи аввали фалсафаи атиқа, ки онро «токлассикӣ» ё «тосуқротия» меноманд, асрҳои VI-V то милод) таваҷҷӯҳи хосса зоҳир мекунад ва он ҷо «руҳи дионисӣ»-ро, ки ифодаи ҳавасҳои ҳиссӣ, саломатӣ, туғёну неруи эҷодӣ ва татбиқи шахсият аст, пайдо мекунад. Руҳи «дионисӣ» комилан аз руҳи «апполонӣ», ки сарояндаи он фалсафаи хирадгароӣ (ратсионалӣ) – фалсафаи классикии Юнон дар симои Суқрот буд, фарқ мекунад. Ба андешаи А.Ф. Лосев «Нитсше дар Суқрот ва диалектика оптимизми сард ва мағруру худписандро мебинад, ки аз ҳаёти зинда дур буда, танҳо дар қарни таназзул ва суқути ҳикмати қадим имкон дорад» [11, 967]. Суқротро ӯ аввалин инсони замони таназзул, аввалин декадент (заволёфтаю суқуткарда) ва нахустин баёнгари руҳи апполонӣ баҳо дода, дар аксари асарҳояш ёдовар мешавад. Аз як тараф, қобилияти мутаяқин сохтани мусоҳиб, малакаи ба инсони зарурӣ соҳибият ёфтани Суқротро, ки тавонист дар Афина мақоми баланд пайдо кунад, таърифу тавсиф менамояд, аз тарафи дигар, фалсафаи ӯро баёнгари таназзулу пастравии эллинизм

маънидод мекунад. Оғози таърихи масеҳиятро ӯ барвақтар – аз андешаҳои Суқрот медонад. Нитсше дар осори Афлотун назарияи мукаммали «туҳмат ба олам»-ро, ки аз ҳаёт ҳама зуҳуроти ғайриақлонаю (ирратсионалӣ) бидуни хирадро сарфи назар мекунад, дармеёбад. Фарҳанги ҳақиқиро Нитсше дар Юнони тосуқротия, ки аз нигоҳи ӯ он вақт баробарии ду оғоз: дионисӣ (титанизм, бозии озодонаи неруҳои ҳаётӣ) ва аполлонӣ (мувозиннату муназзамияту тартиб) эътироф мешуд, дидан мехоҳад. Аполлонизм, дини Аполлон, ин, қабл аз ҳама, такя ба ақл буда, кайфияти хоббинӣ аст, ки оҷилан бояд ба кайфияти экстаз (ҷунунию ваҷд), ки он ҷо ҳеҷ хаёлу шабаҳе ва ҳеҷ мадҳушию сархушию бехудӣ нест, муқобил гузошт. Аполлинизм-«тахаюли зебои руъё, асрори оғозу мабдаи шоирӣ» буда, он «зарурияти хушҳолонаи манзараҳои хоб» – ҳаловатест дар фаҳмиши бевоситаи образҳо, мусаввараест, ки дар ҳама шаклҳои он чизи нодаркор ва бетафовуте ҷой надорад. Дионисизм – дини Дионис муқобилу акси аполлинизм аст. Ба ҷойи ҳамоҳангию мутаносибӣ ва мавзунию мунтазамии мушоҳидаю мулоҳизаи аполлонӣ, ин ҷо мо шубҳаро пайдо карда, ҳатто фаноёбфии манзараҳои хушҳолонаю бомуҳаббати ин тахаюлоту хоби аполлониро дар андешаи дионисӣ дучор мешавем. Зимни ба шаклҳои маърифат шубҳа пайдо намудани инсон, ӯро воҳимаи пурдаҳшате фаро мегирад, ки чунин ҳолат хоси андешаи дионисӣ аст ва сипас дионисизм он муттаҳидӣ ва он ҳадду миёндевореро, ки байни инсону муҳити ӯ қарор дорад, аз даст медиҳад. Инсон ин ҷо ба ваҷд омада, мутаассири ҳаловату роҳати бехудонаю фидокорона ва раҳоӣ ёфтан аз ҷаҳони мавзуну мунтазам ва муқарраршуда мегардад. Руҳи дионисии Нитсше сарҳади байни инсон ва табиатро вайрон сохта, «фарзанди саркаш» – инсонро ба сӯйи модар – табиат бармегардонад. Руҳи дионисӣ қобил аст, инсонро аз тасаввуроти тахаюлӣ дар бораи воқеият раҳо сохта, роҳи васеъро ба сӯйи Модар-ҳастӣ, ба асрори ниҳони ҷавҳари чизҳо кушояд. Месазад ёдовар шуд, ки ҳамин айнияти инсон бо табиат дар осори Мавлонои Румӣ низ мушоҳида мегардад «... инсон ҳам аз ҷиҳати аъзои бадан ва ҳам аз ҷиҳати руҳонӣ ба олам шабоҳати зиёде дорад... устухони одам ба кӯҳҳо, рагу пайи ӯ ба дарёву ҷуйбор, гӯшту пусташ ба замин, мағзи сараш ба фалакҳо, ниҳоят, ҷонаш ба Худо шабеҳ аст» [12, 77-78]. Низоми хунгардиши инсонро мисли дарё, пӯсти ӯро мисли замин, устухонашро ба ҷисмҳои сахт ташбеҳ месозад. Ба таври дигар, инсон як модели комили Офаридагор ва олами зиндаи боэҳсос аст, ки дар шакли ҷамодиву наботиву инсонӣ аз як манбаи руҳонӣ пайдо шудааст ва ҳамин гуна ба дигар зинаҳои баландтари тараққиёт ҳаракат мекунад[1, 56-63]. Аммо инсони Нитсше «Фавқулодам» («Абармард») буда, ҳеҷ як таълимоти диниро ба ҳайси муқаррарсозандаи ҳувияти инсон қабул надорад.

Дионисизм – ин ваҷди хушҳолона аст, ки ба ҳувияти инсон ва умқи табиат боло мешавад, ҳолати сайру самоъ, рақсу нишот аст, ки фарорасии баҳорро мужда медиҳад, таронаҳои вакхиналии юнониёну бобулистониҳоро хотирмон сохта, тавассути он инсонро ба инсон ва бо табиат дар заминаи берун шудан аз ҳадди фардияташ, мепайвандад. Ногуфта намонад, ки ҳамин ҳолати сайру самоъ ва рақсу нишот дар амалияти сӯфиёни мавлавия низ бароси расидан ба Худованд (на ба табиат мисли инсони Нитсше) мушоҳида мегардад [2, 54-64]. Бо афсуну дилрабоии Дионис, аз нав инсонҳо муттаҳид гашта, табиати бегонашудаю азияткашида аз нав ба писари саркашу ошиқи хеш – инсон оштӣ мегардад. Аполлон ва Дионисе, ки Нитсше дар назар дорад, бешубҳа, муҳру нақши ҷаҳонфаҳмии аврупоӣ аст, ки дар зуҳури «романтизм» ва «класситсизм» баён мешавад. «Романтизм» ин кӯшиши беохиру ташаккули идея аст, ки ба дуриҳои ноаён раҳсипор буда, таскинияту тасаллиро дар ноаёнию ғафлати пурасрор меҷӯяд, дар сурате, ки «класситсизм» идеяест, ки атрофии маънои хеш давр зада, дар меҳвари хеш қарор дошта, молики абадияти саодатманду ҳаловатбахшандаест. Бешубҳа, дар тамоми консепсияи Нитсше ворид шудани ҳамин «романтизм»-ро дидан мумкин аст. Маълум аст, ки фалсафаи классикӣ ба сифати неруи созандаю эҷодкунандаи инсон хирад, хулқият, мубодила, меҳнат, инчунин фаъолияти мақсаднок ва арзишҳои фарҳангию таърихиро эътироф намуд. Идеали гуманизмро, ки инкишофи озодии ҳар як нафарро шарти озодии ҳамагон медонист, боло бардошт. Моҳияти ахлоқро дар озодии шахсӣ дида, қарзи

инсониро ҳадафи этика ва мақому таъйиноти ҳаётии санъату фарҳангро дар тақвияти арзишҳои инсони мутараққӣ медид. Охири асри XIX тағйироти куллии ҳаёти ҷамъиятӣ, пешрафти илмию техникӣ, раванди зиддиятноки муносибатҳои ҷамъиятӣ, ба сари ҷомеаи инсонӣ омадани рӯйдодҳои фалокатовар ва яккаю танҳо мондани фарди алоҳида, ин арзишҳои анъанавиро халалдор сохт. Инкишофи илмҳои ҷамъиятӣ аз ба вуҷуд омадани тамаддуне дарак доданд, ки дар он арзишҳои дигари ахлоқию иҷтимоӣ амал мекунанд. Пешрафти илми психология назарияеро ба миён гузошт, ки мувофиқи он рафтори инсон ба сабабҳое алоқаманд аст, ки он ҷо ҳолатҳои ғайриихтиёрӣ ва бешуурӣ бештар сурат мегиранд. Ҳадди зуҳуроти бешуурият нисбат ба ҳудуди шуур ва сарҳади хирад, ақл хело васеътар буда, шуур ва хирад наметавонанд, баҳогузори ягонаю дурусти воқеият бошанд. Ва дар заминаи ин зуҳурот бояд меъёрҳои сифатии муносибати инсон ба олам тағйир ёбад. Чуноне ки ёдрас шудем, тағйирёбии ин таҳаввулоти фикру андешаро аввалин шуда бунёдгузори «фалсафаи ҳаёт» Фридрих Нитсше дарк намуд. «Магар мо дар оғози даврае нестем, ки онро метавон қабл аз ҳама бо истилоҳи манфии беруназахлоқӣ ном гирифт» [5,267] – боисрор таҳаввулоти ҷамъиятию таърихии замонашро таъкид менамояд Нитсше. Дар таълимоти мутафаккирони ирратсионалист, ҷараёни мавзуну муътадили инкишофи ҷамъияту инсони соҳибхираде, ки амалияи он аз нигоҳи ратсионалистон, ҷавобгӯйи муқаррароти ақлии ташаккулу инкишоф аст, комилан ба шубҳа гузошта мешавад. Мебояд зикр намуд, ки дар фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс яке аз мактабҳои бонуфузи ирратсионалии афкори этикӣ-эстетикӣ, ки равияҳои зиёди интеллектуалию амалиро муттаҳид месохт, тасаввуф мебошад. Ирратсионализм робитаи мантиқию ҳузури хирадро (ба ақидаи баъзе аз файласуфон) дар табиат низ инкор намуда, муроқибаи олами атрофро ҳамчун системаи кулл ва қонунии идеяи инкишофу диалектикаи Гегел танқид мекунад. «Заифии мавқеи фалсафаи классикии немисро дар он мебинад, ки он ҷараёни таърихиро дар инкишофи идеяи мутлақ қаблан муайян сохта, инсон, ҷомеа ва таърихро танҳо шакли дигаргуншудаи он медонад» [9, 39].

Идеяи асосии ирратсионализм дар он зуҳур меёбад, ки олами атроф, ҳамчун мавҷуди кулл эътироф нагашта, аз қонуниятҳои дохилӣ, қонуни инкишоф маҳрум буда, тахти назорати хирад нест ва вориди як ҷараёни бенизому парокандаю печида (хаос) аст ва ба неруҳои ҳаракатдиҳандае аз қабили беихтиёрӣ (аффект), ирода итоат мекунад. Аз нигоҳи принсипи нав, мегӯяд Нитсше, мебояд ба ҷойи назарияи маърифат «таълимоти перспективӣ оид ба аффект»-ро гузошт. Маҳз бо таъсири ҳавасу талабот инсон оламро аз нав шарҳ медиҳад, зеро ки ҳама гуна рағбату ҳавас ин «намуди маълуми ҳокимиятхоҳӣ» буда, ба хотири ояндаи хешро бо меъёрҳои ин ҳавасу рағбатҳо алоқаманд сохтан, нигаронида шудааст. Беадолатӣ, монеагузорӣ, истисмор наметавонад дар баробари шаклҳои дигари ҳаёти иҷтимоӣ имтиёз дошта бошад. Фарҳанги аврупоӣ дар инкишофи баъдии хеш бо роҳи пахш намудани оғози дионисӣ аз ҷониби «хирад» ё ин ки «ҳақиқат», сурат гирифт. Ҳаёти муқаррарӣ қотеона ботартиб тасвир шуда, дар он барои қаҳрамонию худсозӣ ҷой намонда, маъмулияту муқаррарият тантана пайдо намуд. Фалсафаи спиритуалӣ (фалсафаи идеализми объективӣ, ки рухро ба ҳайси бунёди воқеият, ҳамчун ҷавҳари бе ҷисми бидуни материя ва новобаста ба он медонад), дини масеҳият ва ахлоқи зоҳидона (аскетӣ), инсонро аз бунёди мавҷудияти хеш, яъне аз «ҳаёт» дур сохта, маҷбур месозад ӯ «сарро ба анбуҳи корҳои осмонӣ халонад» («Зарывать голову в песок небесных дел»). «Инак, ҳеҷ кас то ҳол ҳанӯз қадршиносии шуҳратёфтаеро аз ҷамъи давоҳо, ки ахлоқ ном дорад, санҷидаю тасдиқ накардааст: барои ин бояд, аввалан ин арзишро ба шубҳа гузошт. Хайр чӣ ҳам мебуд! Ин, албатта, кори мо хоҳад буд» [6, 312], – менависад Нитсше. Дар асари «Дар фаросӯйи неку бад» («По ту сторону добра и зла»), Нитсше оид ба ахлоқ ҳарф зада, таъкид мекунад, ки дар тамоми таърихи мутамаддини инсоният, на худи ахлоқро, балки нияти некеро, ки ба сӯйи ахлоқ барад, тавсиф намудаанд. Таблиғу ташвиқи ормонҳои ахлоқӣ аз ҷониби онҳое пеш бурда мешуд, ки сирф барои манфиатҳои шахсии худашон ин шиорҳоро ба миён гузошта, вале худ риояи ахлоқро дар амалҳояшон ҳеҷ татбиқ намекарданд. Дар асари «Ирода ба ҳокимият» бошад, аз нав ба масъалаи таъйиноти ахлоқ баргашта, ин ҷо андешаи хело

ҳам нешзанандаеро баён мекунад, ки наметавон ба он мувофиқ буд: «Ахлоқ – ин маҳсули бадахлоқию фосиқист, зеро ки: 1) ба хотири он ки арзишҳои ахлоқӣ тавонанду ҳукмфармо бошанд, онҳо бояд қатъиян ва фавқулода ба неру ва аффектҳои хусусияти бадахлоқидошта такя кунанд; 2) пайдо шудани арзишҳои ахлоқӣ кори мулоҳизаю аффектҳои бадахлоқист» [6, 110]. Албатта, чунин баҳогузорӣ ба ахлоқ, ки садсолаҳо мутафаккирони мо онро ситоиш мекарданд, боиси ҳайронӣ ва таассуф аст. Умуман, наметавон ҳар матни навиштаи ӯро фориғболонаю бепарвоёна хонд. Хонандаро андешаи мухталифе аз қабили напазируфтани фикри Нитсше, инкори андешаи ӯ ё баръакс, бо шавқу ба ваҷд омадан, зимни тахаюлу парастиши баёнияи ӯ, фаро мегирад. Баъзан ғазаб низ вақти таҳлили осори Нитсше ҷойгири андешаи солим мегардад. Дар ҳама ҳолат ва ба ҳар маъное набошад, Нитсше касро «гирифтору мубтало» месозад, зеро ки ӯ беҳавсалагию бепарвоӣ ва тамаллуқкорию чоплусиро тоб надорад ва ҳамаю ҳама чизро бахшишу гузашту мағфират нахоҳад кард. Дар асари «Шомгоҳи бутҳо…» оид ба баробарии иҷтимоӣ ҳарф зада, онро падидаи харобкоронае тавсиф медиҳад: «Таълимот дар бораи баробарӣ!? Аммо заҳри заҳрогунтаре аз ин нест, ки бо он адолатро тарғиб мекунанд, дар сурате, ки он хотимаи адолат аст» [7, 622]. Дар ҳақиқат, баробарие, ки то ҳол тарғиб мешуд, ҳеҷ гоҳ наметавонад ба ҳаёти одамон татбиқ шавад ва ин баробарӣ ба моҳияти воқеии ҷараёни ташаккули ҷамъият зид аст. Чун ҳар фарди алоҳида хусусиятҳои нотакрору афзалиятҳоеро дар раванди инкишофи мутазоду мураккаби ҷамъият соҳиб мегардад, ки баробар баҳогузорӣ намудани қобилияту имкониятҳои мухталифи онҳо ба бесарусомонию бетартибӣ мебарад. Баъдтар, мо сухани Нитсшеро меорем, ки дар он амали «ба ҳар кас чизи мехостагиашро додан» комилан маҳкум карда мешавад. Сарахбори асосии эҷодиёти Нитсше, назари нав ба анъанаҳои пешин ва кӯшиши баҳогузорӣ ба арзишҳои ба қавли ӯ, фарсудашудаи миёни садсолаҳост. Тарошидану сабти арзишҳои нав ва кандану буридану муҳр задан дар лавҳаи ҷадид кори саҳл нест. Арзишҳое, ки ба «пӯсти» тафаккуру тахаюли инсон давоми муддатҳои тӯлонӣ, чун «тан» рустаанд, хело ҳам қоиму устуворанд. Ин арзишҳо фармонравою омиронаю ҳукми иҷборӣ доранд ва итоату тасмимоти бечунучарою бидуни шартеро тақозо доранд. «Туро мебояд!», ё ин ки «Ту муваззаф ҳастӣ!» ва ё « Қарзи туст!» ибораҳое ҳастанд, ки ҳамчун амри иҷрошаванда ба ту нигаронида шудаанд. Вале ту аз кӣ қарздору барои чӣ муваззафӣ? Ҳамин амру фармону супоришҳоро мутафаккири олмонӣ мехоҳад сару кор гирад ва системаи нави арзишҳоро пешбинӣ кунад. Карл Лёвит менависад, ки аз нигоҳи Нитсше «Ахлоқ муқобили ҳаёт аст. Он аз тарс дар муқобили нерумандӣ пайдо шудааст ва бар зидди ирода ба ҳокимият равона гардидааст» [8, 22]. Албатта, арзишҳои ахлоқие, ки Нитсше дар назар дорад, ба арзишҳои анъанавии ҷомеаи аврупоӣ номувофиқ ва дар тасаввури анъанавӣ оид ба ахлоқ ғунҷоишнопазиранд. Мисли он ки нигилизми неруманд ва нигилизми заифу суст вуҷуд дорад, арзишҳо ҳам аз якдигар фарқ доранд. Ба танкиди арзишҳои носолиме, ки Нитсше даст мезанад, нигариста, муқаррароти арзишии дар ҷомеаи мо ташаккулёфтаро таҳлил кардан мумкин аст. Дар ҳеҷ як гӯшаи дунё, дар ҳеҷ як кишвари ҳатто исломӣ наметавон ҳолатеро мушоҳида намуд, ки дар Тоҷикистон ба ҳукми «арзишӣ» ё «ахлоқӣ» ба пуррагӣ сабт шудааст. Масалан, дар баъзе манотиқи Тоҷикистон, бо вуҷуди таъкидҳои зиёди роҳбарияти сиёсии кишвар, қонунҳои марбута ва пурзӯр шудани чораҷӯиҳои интизомӣ, то ҳанӯз ҳам аз фавти одамон (чи дорою чи нодор) маъракаҳои серхарҷ ва маҳфилҳои шикамсеркунӣ эҷод месозанд. Ғами фавтида аз як тараф, ғами маъракаю «нонбарориҳо» одамони ба фоҷиа дучор омадаро ба коми маъюсию хастагию нодорӣ мекашад. Таҷлили «Иди фитр»-у «Иди азҳо» ба чорабинии серхарҷи дорои аҳамияти маҳаллӣ ва фазои баргузор кардани мусобиқоти «дастурхондорӣ» табдил меёбад. Ҳоло «ҳаҷравию ҳоҷибинию ҳоҷиталбон», «ақиқабаргузорӣ» ва ғайра расм шудааст, ки асосан қишрҳои миёнааҳволи иҷтимоиро саргум кардааст. Дар чорабиниҳои ақди никоҳ ва тӯйи издивоҷ он қадар хароҷоти зиёдатие пайдо шудаанд, ки наслҳои ҷавонро ба сӯйи нодорию қарзи чандсола такон медиҳад. Ин ва боз даҳҳо анъанаҳои бо ном «неку муътабар» дар ҷомеаи мо ба наслҳои баъдӣ ба меросӣ хоҳад монд, ки бештари онҳо бояд тадриҷан аз лавҳи дар санги хоро

нақшбасташудааш канда шавад. Месазад ёдовар шуд, ки мушкилоти хароҷоти зиёд ва сарфакориро Макс Вебер дар асари «Ахлоқи протестантӣ ва руҳи капитализм» хело хуб тасвир карда, сарфакунӣ ва даст кашидан аз ҳама гуна хароҷоти беҳударо яке аз омилҳои асосии пешравии ҷомеаи технологии Аврупоӣ меҳисобад [3,352]. Мутафаккири бузург Фридрих Нитсше арзишҳои дар доманаи низоми католикии анъанвӣ, солунҳои фарҳангӣ, дар адабиёт, санъат ва ғ. расмшударо «ҳаракат ба сӯйи заволу таназзул» номида, таъкид мекунад, ки онҳоро наметавон бо чанд декрету қонун аз байн бурд. Ин арзишҳо моҳиятан арзишҳои бадахлоқие ҳастанд, ки муддатҳои зиёде дар ҷону тани одамон пайванду часпидаанд ва бояд ҳатман чунин арзишҳо – бо чӣ мушкилиҳою азиятҳое, ки набошад, аз байн бардошта шаванд. Аз нигоҳи Нитсше дар ҷомеаи аврупоии охири қарни XIX низ чунин арзишҳое таҳия шудаанд, ки бояд ҳатман аз саҳифаи рӯзгори мардум бардошта шаванд. Арзишҳое ҳастанд, ки ба «иродаи қудрату ҳокимият» созгор буда, баръакс. арзишҳое мавҷуданд, ки ба татбиқу амалӣ шудани ҳамин «ирода» монеият доранд. Табиист, ки арзишҳои ба ҳаёт татбиқшавандае, ки дар моҳияташон неруи ғолибияту пазируфтанро доранд, зарурати баҳогузории нав надоранд. Азнавбаҳогузорӣ ҳамон арзишҳое доранд, ки тамоилу ҳаракат ба сӯйи заволу таназзуланд ва ҳолати декаданс (ҳолати ноумедию руҳафтодагӣ, дунёбезорӣ) онҳоро ба вуҷуд овардааст. Ин арзишҳо иродаи ҳаётӣ, ирода ба ҳокимиятро шиканҷаю зулм карда, на ғаризаи қобил ба ҳаётро, ки хоси фавқулодам аст, балки ғаризаи қасосхоҳонаю интиқомгиронаи издиҳомро таҳким мебахшад, ки маҳз тавассути бартарияти теъдодашон аз болои арзишҳое, ки воқеан бояд муқаррар бошанд, ҳоким гаштаанд. «Чизи хубе дар издиҳом (толпа) нест, ҳатто вақте, ки аз дунболи ту медаванд» [5, 429], дар истиораҳои асари ӯ «Ҳикмати талх», чунин суханони нешдорро мехонем. Ҳамин тавр, арзишҳое ҳастанд, ки аз нигоҳи Нитсше бояд аз нав тарҳрезӣ ё таҷдиди назар гарданд. Ин ҳамон арзишҳоест, ки издиҳоми авомунноси фаттоҳу нусратёфта зӯран овардаанд. Ин арзишҳо моҳияти «қоидаи бозӣ», сотсиум, тӯдаҳо, «охирин одамон», ахлоқи онҳое, ки идораи мӯътадили «пода»-ро таъмин сохта, ҳама фардҳоро, ки аз суфуфи онҳо берун мешаванд, пахш менамояд. «Дар масеҳият, – зикр мекунад Нитсше, – дар нақшаи аввал ғаризаи мазлумону ғуломон меистад. Он ҷо наҷоти табақаҳои поёниро меҷӯянд» [6,139]. Масеҳият – ин адёни хидматгузорон, ғуломон ва ахлоқи он бошад, қасду интиқом ба зуҳури нерумандию солимии авлоди саодатманди инсон аст. Психологияи насоро – ин психологияи ғулом, ҷамъан психологияи коҳинон аст. Мафҳумҳое, ки коҳинони яҳудӣ бофтаю баровардаанд – ин гуноҳ, ҷазо, азият, сазою қасос на ба созандагӣ, балки ба таҳкими туфайлихӯрию муфтхӯрӣ мебарад. «Наздиктарини худро дӯст бидор» – ин, қабл аз ҳама, чунин маъно дорад: «наздиктарини худро ором гузор». Ва ин айнан ҷузъи чунин неккирдориест, ки ба мушкилиҳои бештар алоқаманд аст» [5,448]. Андешаҳои то андозае нешзанандаю барқосоро, ки Нитсше оид ба ахлоқу анъанаи издиҳом баён мекунад, мутафаккирони ӯро таҳлилкардаро ба нороҳатӣ тела медиҳад. Ин ҷиҳати таълимоти ӯро ҳанӯз аввали асри XX файласуфи рус Е.Н. Трубетской дар мақолааш «Фридрих Нитсше. Очерки танқидӣ», ки дар маҷаллаи «Вопросы философии и психологии», соли 1903 ба табъ расида буд, мавриди танқид қарор медиҳад ва аз тарафи дигар шиддати баёнияҳои тундравои Нитсшеро то ҳадде ҷомаи мусолиҳат мепӯшонад. Ҳадафи ташаккули инсоният, чун дигар намуди ҳайвон ё рустанӣ на дар оммаҳо ифода меёбад, шарҳ медиҳад Е.Н. Трубетской андешаҳои Нитсшеро, балки дар он нусхаҳои нодиру ягонаанд, ки нисбат ба сатҳи умумӣ болотар баромада, пешраву раҳнамои гузаштан ба типи олии ҳаёти инсонианд… Оммаҳо ҳамчун нусхаи одамони бузург, мисли он ки дар коғази матбаа, нақши хираи лавҳаи дастгоҳи ҳарфзанӣ базӯр намудор аст, тасвир шуда, муқобилиятро ба одамони бузург анҷом медиҳанд ва дар ҳадди охир силоҳу воситаи одамони бузург мегарданд [11, 682]. Матнҳои навиштаи Нитсше халандаю нешдору талх ва ғавғоангезу ноҳинҷору захмзанандаанд ва хонандаи захмгирифта танҳо «тасвири хунини» зиндагии ин бузургвори «сарнагунсозандаи бутпарастон»-ро такрор мекунаду халос. Бале, матнҳои Нитсше захмӣ месозанд. Ба қавли муҳаққиқи шинохтаи осори Ф. Нитсше Б.Г. Соколов, ин танҳо хуни худи Нитсше аст. Зеро ки ӯ бо хуни хеш ва ҳаёти

хунборонаи худ навиштааст. Тамоми зиндагии ӯ чараёни пурғалаён, ошуфтагию азияту дарди бошиддате буд, ки комилан неруи ҳаётии ӯро вожгун сохт ва ӯро ба партовгоҳи «ҷунунияту девонагӣ» тела дод. Мавҷуди ҷисмониашро машаққату азоби ҷонгудозу ҷонкоҳе фарогир буд ва ӯ дусад рӯзи як солро мешуморад, ки он рӯзҳо беҳузурии меъда, заиф шудани чашм ва дарди тоқатнопазири сар то ҳадде азобаш медоданд, ки омадани маргро раҳоӣ аз азияту шиканҷаи дард мебинад: «Мо файласуфон, ихтиёр надорем байни руҳу ҷон ҳад бигузорем, чуноне онро мардум анҷом медиҳанд… мо бояд андешаҳои худро аз дардҳоямон тавлид сохта, модарона ба онҳо ҳар чизе ки дар мо ҳаст: хун, қалб, оташ, хушҳолӣ, ҳавас, азият, виҷдон, сарнавишту тақдири сиёҳ, бидиҳем» [6, 495]. Рӯзҳою ҳафтаҳои камшумори солимӣ Нитсше фидокоронаю хунсардона – ҳамчун эҷодкори воқеию самимӣ, андешаҳои худро ба қоғаз меандохт. Асари «ECCE HOMO. Чӣ тавр дар хештан муқаррар шуд»-ро 15-уми октябри соли 1888 оғоз кард (рӯзи таваллудаш) ва 4-уми ноябр дастхатро ба анҷом расонд. Тасаввур кунед, то сактаи майнаи ӯ (зарбаи апоплексӣ), ки 3-юми январи соли 1889 рух дод, танҳо ду моҳе мондаасту халос… Навиштаҳою матнҳои ӯ ба мо дарду азияти ӯро, муборизаи ӯро ба хотири ҳаёт, муборизаи ӯ ба хотири салтанат ёфтан ба хешро гувоҳ аст: «Муҳаббат ба ҳаёт – ин тақрибан мутаззоди муҳаббат ба дарозумрист. Ҳама гуна муҳаббат, оид ба лаҳзаи ҷовидону абадият андеша дорад – на ҳеҷ гоҳе дар бораи «бардавомият» [5,458]. Набояд фориғболона ва бешавқу рағбат оид ба Нитсше навишт. Наметавон ӯро яктарафаю бе завқ, илмию кабинетӣ хонд. Нитсше файласуфест, ки услуби адабиётнигорӣ дорад, на академикӣ. Дар консепсияи фалсафии ӯ амалан ба онтология ва гносеология ҷойи камтаре ҷудо шудааст. Этика ва танқиди динро афзал донист. (Ин ҷо бояд таъкид сохт, ки ӯ догмаҳои дини насрониро оид ба табиати пургуноҳи инсон ва ба Худо табдил додани Исои масеҳро танқид мекунад. Ба анъанаҳои исломӣ ва ахлоқи муҳаммаддия назари фарқкунанда дорад, ки мо баъдан бо иқтибосҳо аз худи Нитсше ин андешаро қувват мебахшем). Маҳз ҳамин фаслҳои фалсафааш ӯро машҳур сохт ва нақши ӯро дар таърихи фалсафа муайян намуд. Омӯзиши Нитсше ва навиштан дар бораи ӯ эҳсоси бархӯрди тарафайн ва сӯзиши аксро талаб мекунад. Нитсше ба ҳамэҷодию ҳамандешагӣ даъват намуда, хонандаро ба худ мекашад, маҷбур месозад, ки на танҳо «чашмандозӣ» кунед, балки онро амиқан назар кунед. Хонанда эҳсос мекунад, ки Нитсше ҳар андешаю идеяи ба қалам додаашро бо азияту шиканҷаи тоқатфарсое тавлид месозад. Ва беҳуда нест, ки раванди тавлиди андешаҳоро ӯ, ҳолати ҳомилагии эҷодкор медонад. «Чӣ чизе манро такягоҳу мададгор аст? Танҳо ҳамеша ҳамл. Ва ҳар вақт, бо пайдоиши (зуҳури) таълифоте ба олам, ҳаёти ман дар қили мӯйе овезон меистад» [5, 414]. Маърифат сохтан ё пазируфтани андешаи муаллифе чун Нитсше хонандаро ба сӯйи ҳамфикрию эҷодкорию шарикӣ ба ҳамин эҷодиёт раҳнамун месозад. Муҳаққиқин ба он ақидаанд, ки муҳим нест Нитсше чӣ гуфтааст, балки он аст, ки ӯ инро чӣ тавр гуфтааст. Ин ҷо чанд истиораи ӯро аз асари «Ҳикмати талх» меорем, ки қобили таваҷҷуҳ аст:

*250. «Камбудиҳои мо беҳтарин устодони моанд; аммо ба устоди беҳтарин ҳамеша носипос хоҳӣ монд»;

*254. «Барои каси танҳо ҳатто ғавғою мағал ҳам таскинию тасаллият меорад»;

*166. «Ба ҳар кас хостаашро додан чунин маънӣ дорад: адолатхоҳӣ ва ноил шудан ба бесарусомонӣ»;

*304. «Фарҳанг – ин танҳо пӯсти тунуки себеро мемонад, ки бесарусомонии тафсону доғгардидаро печонидааст».

Ба ин ва даҳҳо андешаҳои Нитсше метавонӣ мувофиқ набошӣ ва ҳатто ӯро қабул накунӣ. Вале инкори Нитсше ҳаргиз наметавонад муҳимтарин ҷузъиёти ҳаёти ӯ – яъне холисӣ, оштинопазирӣ, воқеъбинӣ, хоҳиши то ҳадди охир рафтанро, мавриди беэътирофию напазируфтан созад. Ҷодае, ки ӯ раҳсипор буд, роҳ ба сӯйи ҳадди интиҳо буд ва тасодуфӣ нест, ки то ҳадди ниҳоии имкониятҳои неруи инсонӣ меҳнат карда ба ҳадди хавфноки ниҳоӣ меравад ва ӯро даҳ соли ҷунунӣ дар охири ҳаёташ интизор аст. Яке аз симоҳои шинохтаи фарҳанги Россия П.Струве оид ба ҳамин масъала менависад:

«Нитсше хиради ҷасур ва бошуҷоат аст ва ман фикр мекунам, ки ба ӯ даст задан ва аз ошноӣ ёфтан ба беҳтарин рангинкамони андешаҳои ӯ набояд хавф бурд. Ӯ танҳо одамони хело ҳам заифро, ки тиннату аслияташон аллакай ба декадент ва бандагию ғуломӣ маҳкум шудаанд, гумроҳ месозаду халос» [4,133]. Фридрих Нитсше файласуфе дар шеър ва шоире дар фалсафа, шоири ҳакими шайдою маҷнунгашта, ки дар осораш нидоҳои шатҳгӯёнаю ошуфтанаворо тараннум мекунад, набояд мавриди истеҳзо ё хӯрдагирие қарор гирад. Ҳатто мунаққиди ӯ Е.Н. Трубетской дар мақолаи болотар зикршуда заҳмати воқеии ӯро қадр карда, таъкид мекунад: Нитсше дар фалсафа, қабл аз ҳама, ҳақ баровардани фард, ширкати фаъолиятноки ӯро дар раванди таърихӣ меҷуст. Нитсше тавассути истеъдоди беназири хеш қабатҳои ирратсионалии ғанабрафтаи фарҳанги аврупоиро ба изтиробу ҳаяҷон овард. Ӯ ҳамон мутафаккирест, ки дар эҷодиёти ӯ ва тақдири шахсиаш ҳодисоти драмавии «давраи гузариш» – охири қарни XIX ва арафаи қарни XX, нақши худро гузоштааст. Аз тарафи дигар, Нитсше идомадиҳандаи мустақилназари фалсафаи классики Ғарб аст, ки эҷодкорона ва комилан соҳибкасбона манобеъ ва оғози фарҳанги Ғарбро (чи замони атиқа ва чи асрҳои баъдӣ) амиқтар мулоҳиза карда, марҳилаҳои муҳимми ташаккули масеҳият, Замони Эҳё ва Замони Навро ба назари хоси хеш арзёбӣ кардааст. Бархӯрди ин тамоилҳои мухталифбунёд баёнгари офаридаҳои гуногунсамт ва мутазоди эҷодиёти худи Нитсше ва аз тарафи дигар, боиси таъсири ихтилофангези он аст. Андешаҳои Нитсше таҳаввули хешро аз марҳилаи эстетизатсияи романтикии «markазнавбаҳогузории тамоми арзишҳо» ва интиқоди «нигилизми аврупоӣ» ба сӯйи консепсияи ҳамаро фарогирандаи волюнтаризм ва перспективизм тай намудааст. Карл Лёвит менависад: «Нитсше танҳо як роҳи муборизаро мебинад, яъне қабули он. Танҳо нигилизмро танқид намуда, ҳама зинаҳои онро пушти сар намуда, аз он боло шуда ва танҳо ин роҳро тай намуда, метавон ба бартараф намудани он ноил гашт» [8,21]. Ӯ шоҳиди бевоситаи пайдо шудани ин падида – «нигилизми аврупоӣ», ки нимаи дуюми қарни XIX авҷ гирифт, мебошад. Нитсше онро «мантиқи то охир фикр намудаи арзишҳо ва идеалҳои мо» меномад. Мавзуи муҳимтарини он арзёбии чунин мафҳумҳое, аз қабили мақсад, ягонагӣ ва ҳақиқат аст, ки ҳамчун хосияти асосии «ҳастӣ» баромад мекунанд. Ғайр аз ин, Нитсше оид ба нигилизме ҳарф мезанад, ки ногузирӣ, ҳамаро фарогирӣ ва мутлақ будани он чун тарафи баръакси муборизаи ҳамешагии инсони аврупоӣ ба хотири озодӣ – аз мақому таъсири руҳониён ва сохторҳои иҷтимоӣ, зуҳур мекунад. Аз ин мавқеъ, Нитсше нигилизмро ихтиёрона, ҳамчун тақдири шахсии хеш қабул намуда, кӯшиш дорад, ки онро ҳамчун «фалсафаи минбаъда» бартараф созад. Қобили зикр аст, ки баҳогузории нигилистию риндии Нитсше оид ба баъзе саҳифаҳои таърихи фарҳанги аврупоӣ ва ришханд задан ба соире аз мутафаккирони гузашта хонандаро ба ҳолати раъшаю ларзишонае гирифтор месозад. Ва гӯё ба тасдиқи ин Мирзо Бедил «узри ҳарзадароён бипазир, бар ғафлаткаломон хӯрда магир» гуфта бошад. Андешаҳои нигилистии ӯ ибораҳое дорад, ки дар он ахлоқ ва гуманизми классикӣ мавриди тамасхур қарор мегирад. А.В. Персев асаре дорад бо номи «Андешаҳои маҳзунонаи файласуф» ва дар он андешаҳои нигилистии Нитсшеро, ки ахлоқ ва гуманизми классикиро мавриди тамасхур қарор медиҳад, таҳлил мекунад. Яке аз бобҳои ин китобро паёми моҳвораи Донишгоҳи Москва ба номи М.В. Ломоносов нашр кардааст, ки андешаҳои нигилистии Нитсшеро иқтибос меорад: «Назарияи ахлоқӣ – сафсатаи Канти пиронсол…», «Оҳ, Волтер! Оҳ инсонпарварӣ…оҳ заифақлӣ!» ё ин ки «Ин рондашудаҳои ҷамъият, ин таъқибшудагони ҳамешагӣ, бадқаҳрони заҳрзананда… ин Спиноза ва Ҷордано Бруно дар ҳадди охир қасосгирандаю заҳрзананда мешаванд» [10, 23]. Ҳатто Афлотуну Суқрот, Августину Гегелро, ки ҷараёни ба хирад бунёдёфтаи ташаккули оламро таъкид мекунанд, мавриди интиқод қарор медиҳад. Ба хирад мувофиқ будани рӯйдоду ҳаводисоти оламро, ки асосгузорони адёни маъмулии олам ва ҳакимони бостонию баъдӣ таъкид мекарданд, Нитсше танҳо чун дурӯғ ва ҳукми ботил арзёбӣ мекунад. Ва табиист, ки ҳар муқаррароту лоиҳасозие, ки хаёли бофтаю тахмини беасосу дурӯғ аст, аз нигоҳи Нитсше наметавонад ба ахлоқ созгор бошад. «На Ману, на Афлотун,

на Конфутсий, на муаллимони яҳудияву масеҳӣ ҳеҷ гоҳе дар ҳуқуқу ҳаққонияти хештан ба дурӯғ шак надоштанд. Онҳо ба ҳуқуқҳои тамоман дигар низ шубҳа надоштанд… Инро (андешаро) ба тасвиб расонида, мумкин аст чунин гуфт: тамоми воситаҳое, ки то ҳол мебоист инсонро хушахлоқ созад, комилан берун аз ахлоқ буданд» [7, 588].

Ба таҳаввули ҷомеаи инсонӣ ва маданияти ҷаҳонӣ назар андохта, Нитсше интеллект ва тахаюлро ҳамчун хосияти асосии «намуди ҷисман заифи биологӣ» (яъне инсон) тавсиф мекунад, ки инсон онро инкишоф дода, вазифаҳои амалиеро, ки бунёди онро қобилият ёфтан ба ҳаёт ташкил мекунад, уҳдабарой кунад. Рӯ овардан ба хирад ва ҳақиқатро танҳо маҷбурсозии ҷисмонӣ ва таъсиррасонии як шакли ирода ба иродаи дигар медонад. Далеловарии ратсионалӣ, умуман, ҳама гуна мулоҳизакорӣ, мувофиқи андешаи ӯ ҳамон вақт аҳамият доранд, ки ба хотири зуҳури иродае сафарбар шуда, барои васеъ шудани неруи хеш нигаронида шудааст. Ҳама мубоҳисаю мунозираҳои фалсафӣ на ба хотири ҳақиқат, балки барои тобеъ сохтани иродаи ғайрие ба иродаи хеш кӯшиш ба харҷ медиҳад. Ин ба мулоҳизаҳо оид ба арзишҳо, ҳукмҳо доир ба олами объективӣ дахл дорад. Ҳамаи ин моҳияти «тавзеҳдиҳиест», ки дар паси он кӯшиши нигоҳ доштани шакли муайяни ҳаёт қарор дорад. Нитсше танқиди метафизикаро ба танқиди забон алоқаманд месозад. Таҳияи «воситаҳои фарҳанг», аз қабили забон ва мантиқ ба таҳрифу ғалатсозии принсипҳои воқеият мебарад, ки ба мушобеҳияту айнияти ҳаводисот асос ёфтааст. Ҳарчанд тафаккур аз забон ҷудонопазир бошад ҳам, вале забонро ноилоҷ воқеиятро таҳрифу ғалат месозад. Воқеиятро ҳамчун ҷараёни бенизоми ташаккул баррасӣ намуда, Нитсше беқиёсии схемаҳои категориалии эҷодшудаи образи забонии оламро бо вазъи воқеии мавҷуда ифшо сохта, ноқобилии забон, инчунин тафаккурро зикр мекунад, ки берун аз забону тафаккур донише дода наметавонанд. Итминони Нитсше ба табиати сохтакоронаю қалбакии забон ва тафаккури бохирадона, дар бунёди назарияи ӯ оид ба афзалияти амал ва ирода бар ҳамаи сифату хосиятҳои дигар қарор дорад. Бо ёрии сухан – истиораҳо одамон аз аввал бенизомиеро, ки дар тасаввуроти таҷрибаи хому нимкора нақш гузоштаанд, ба танзим медароранд. Истиораҳои тасодуфии тадриҷан «шах» шудаю қолабигашта, манбаи пайдоиши он фаромӯш мегардад ва дар рафти истифодаи бениҳоят зиёд ба «мафҳумҳо» табдил меёбанд. Ин мафҳумҳо берун аз фард шуда, ҳамчун мафҳумҳои кулл (универсалияҳо) пазируфта мешаванд ва гӯё кафили мавҷудияти ҷомеа гашта, имконияти «муоҳидаю мусолиҳа»-ро ба аъзои ҷомеа фароҳам меоранд. Тафаккури инсон тамоили маҷозӣ дошта, рамзиёт инсонро ба воқеият алоқаманд месозад. Дар заминаи ҳамин андеша, Нитсше ноқобил будани мафҳумҳои илмиро дар алоқамандӣ ба воқеият баррасӣ мекунад. Мувофиқи андешаи ӯ сабаб, муназзамият, нисбият, шумора, асосу бунёд, мақсад ва дигар категорияҳо моҳияти ҳарзагӯйӣ буда, ба олам пайванд сохтани он танҳо асотире асту халос. Ташаккули ирратсионалии олам, ки ҷараёни беҳадафу бесабабу бемақсад аст, ногузир дар таълимоти Нитсше ин мафҳумҳои фалсафаи классикиро сарфи назар мекунад. Дар назарияи маърифат Нитсше идеяи «перспективизм»-ро инкишоф медиҳад, ки ба ҳамин маъно шарҳ меёбад: бо таъсири ҳавасу талабот инсон оламро бо тарзи муайян шарҳ медиҳад, зеро ки ҳама гуна ҳавас «намуди маълуми ҳокимиятхоҳӣ» аст, ки дурнамои (перспективаи) худро ба болои дигар ҳавасу завқҳо бор карданӣ мешавад. Инчунин, субъектҳои гуногун ба як чиз баҳогузории зиёде медиҳанд, ки ҳеҷ кадоми онҳо ноҳақии хешро қабул надоранд ва ҳаққонияти танҳо худро эътироф мекунанд. «Ҳар як маркази нерую қувва, тамоми олами боқимондаро аз мавқеи хеш тарҳрезӣ кардаю лоиҳа месозад». Нигилизми Нитсше мавқеъ ва идеяи умумии Шопенгауэр – «бемаъноӣ»-и оламро пуштибонӣ кардаю идома дода, муқобили ғурубу хомӯш сохтани «ирода ба ҳаёт» исён бардошта, нигилизмро ҳамчун «аз нав баҳогузории ҳамаи арзишҳо» таҳким бахшида, онро яке аз роҳҳои рафъи ахлоқи «ноқобил ба ҳаёти» масеҳият ва ҳамчун марҳилаи раҳоӣ аз тахаюлоту образҳои маъмулии гуманизм (ки таъкиди устуворию тағйирнопазирии табиати инсон аст) дар ҷараёни ҳаракат ба сӯйи «фавқулодам», ки «дар он тарафи некию бадӣ» меистад, арзёбӣ мекунад.

**АДАБИЁТ**:


1. Абдуллоев А.А. «Вахдати вуджуд» в религиозно-философской концепции Джалолуддина Руми // Маҷаллаи илмии Пажӯҳишгоҳи рушди маорифи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва инноватсия». – Душанбе: Сифат,2014. – №3(9).
2. Абдуллоев А.А. Инсон ҳамчун объекти этикӣ-эстетикӣ дар андешаҳои Мавлоно // Маҷаллаи илмии Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон «Илм ва амният». – Душанбе, 2024. – №1(7).
3. Вебер М. Протестантская этика и дух капитализма. – М.: Ист-Вью, 2002.
4. Жукоцкий В.Д., Жукоцкая Э.Р. О тождестве противоположностей: к диа-логике ницшеанства и марксизма в России // Общественные науки и современность. – 2002. – №4.
5. Ницше Ф. Веселая наука. Злая мудрость. – М.:Эскимо,2007.
6. Ницше Ф. Воля к власти. – М.:REFL-book, 1994.
7. Ницше Ф Сумерки идолов, или как философствуют молотом. // Ницше Ф. Соч. – Т.2. – М., 2007.
8. Лёвит Карл. От Гегеля к Ницше. – СПб.: Владимир Даль, 2002.
9. Миголатьев А.А. Классическая немецкая философия 18-19 вв. Г.В.Ф. Гегель. – Москва, 1998.
10. Перцев А.В. Ф.Ницше. Дела семейные // Вестник МГУ, серия 7, Философия, 2001. –№4.
11. Трубецкой Е.Н. Философия Ницше. Критический очерк // Ницше: pro et contra. Антология. Издательство Русского Христианского гуманитарного института. –Санкт-Петербург, 2001.
12. Ҳазратқулов М. Тасаввуф. – Душанбе: Маориф,1988.

ТДУ: 159.9:1 (575.3)

# ХУШБАХТӢ ҲАМЧУН КАТЕГОРИЯИ МЕҲВАРИИ АХЛОҚ ДАР ТАЪЛИМОТИ ФАЛСАФИИ АРАСТУ

**МАҲМАДҶОНОВА М.Т.[1]**
**ШАРИПОВ А.Ҳ.[2]**

*[1]Доктори илмҳои фалсафа, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи фалсафаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ*
*[2]Ассистенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи давлатии Данғара*

*Мақолаи мазкур вобаста ба масъалаи ахлоқ, хушбахтӣ ва саодат дар таълимоти фалсафии Арасту баҳс намуда, ахлоқро ҳамчун арзиш дар меҳвари таълимоти Арасту гузоштааст. Муаллифон бо такя ба сарчашмаҳои аввалиндараҷа, яъне таълифотҳои худи Арасту аз қабили «Этикаи Никомах», «Этикаи бузург» ва «Этикаи Эвдемон» хусусиятҳои асосии масъалаи ахлоқ, хушбахтӣ ва саодатро ба таври мушаххас мавриди омӯзиш қарор додаанд. Ба андешаи муаллифон дар таълимоти фалсафии Арасту озодӣ ҳамчун арзиш ба яке аз категорияҳои ахлоқ ворид мегардад ва озодие, ки Арасту мепиндорад, ин саодати ниҳоӣ ва хушбахтист. Аз ҳамин лиҳоз, муаллифон масъалаи хушбахтӣ ва саодатро дар таълимоти фалсафӣ ва ахлоқии Арасту меҳварӣ донистаанд. Арасту дар таснифоти ахлоқ дар фазои сиёсие, ки худ мепиндошт ахлоқро баҳо додааст ва маҳз ибораи ахлоқи сиёсӣ аз ҳамон ҷо маншаъ мегирад. Муаллифон таъкид менамоянд, ки Арасту ахлоқро «ҳар як санъат, ҳар як таҳқиқ ва ба ин монанд, ҳар амалу кӯшиш ба мақсади нек нигаронида шудааст», мепиндорад. Ҳамзамон, муаллифон муътақиданд, дар ҳоле ки хушбахтӣ барои баъзеҳо ҳаловат ва ҳавову ҳавас бошад, ё ин ки барои баъзеҳо сарват, аммо Арасту хушбахтиро неъмате шуморидааст, ки дар амал меҷӯяд ва ё ҳадаф қарор медиҳад, он чизеро, ки ба хотири худаш хоста мешавад. Яъне фитрат ва вуҷуди олӣ ё хушбахтие, ки танҳо барои руҳу равон ва ҷисми инсон арзиши яксон дошта бошад.*

***Калидвожаҳо*: *Арасту, «Этикаи Никомах», «Этикаи бузург», «Этикаи Эвдемон», этика, некӣ, хушбахтӣ, системаи фалсафӣ.***

# СЧАСТЬЕ КАК ОСНОВНАЯ КАТЕГОРИЯ НРАВСТВЕННОСТИ В ФИЛОСОФСКОМ УЧЕНИИ АРИСТОТЕЛЯ

**МАХМАДЖОНОВА М.Т.[1]**
**ШАРИПОВ А.Х.[2]**

*[1]Доктор философских наук, профессор, главный научный сотрудник отдела истории философии Института философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ*
*[2]Ассистент кафедры гуманитарных дисциплин Дангаринского государственного университета*

*В данной статье рассматриваются проблемы этики, морали и счастья в философском учении Аристотеля, как ценность в центре учения Аристотеля. Авторы, опираясь на первоисточники, т. е. собственно сочинения Аристотеля, такие как «Никомахова этика», «Великая этика» и «Евдемонова этика», специально исследовал и основные особенности вопроса нравственности, добра и счастья. По мнению авторов, в философском учении Аристотеля свобода как ценность является одной из категорий этики, и той свободой, которую Аристотель считает высшим счастьем. С этой точки зрения авторы считают проблему счастья и блаженства центральной в философско-нравственном учении Аристотеля. В классификации этики Аристотель оценивал этику в рассматриваемой им политической среде, отсюда и берет свое начало словосочетание «политическая этика». Авторы подчеркивают, что Аристотель рассматривает этику: «Всякое искусство, всякое исследование, а равно и в как действие и усилие направленные к*

*доброй цели». В то же время они считают, что, хотя счастье есть для одних удовольствие и страсть, а для некоторых богатство, Аристотель называл счастье благом, которого он ищет или к которому стремится на практике, желаемым ради самого себя. То есть природа и высшее качество жизни или счастье, имеющее одинаковое значение только для души, разума и тела человека.*

***Ключевые слова:*** *Аристотель, «Никомахова этика», «Великая этика», «Этика Евдемона», этика, добро, счастье, философская система.*

## HAPPINESS AS A BASIC CATEGORY OF MORALITY IN THE PHILOSOPHICAL TEACHING OF ARISTOTLE

**MAHMADJONOVA M.T.[1]**
**SHARIPOV A.H.[2]**

*[1]Doctor of Philosophical Sciences, Professor, Senior Researcher of the Department of History of Philosophy of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after. A. Bahovaddinov NAST*
*[2]Assistant of the Department of Humanities of Dangara State University*

*This article examines the problem of ethics, morality and happiness in the philosophical teachings of Aristotle and places ethics as a value at the center of Aristotle's teachings. The authors, relying on primary sources, i.e. Aristotle's own works, such as "Nicomachean Ethics", "Great Ethics" and "Eudemian Ethics", specifically examined the main features of the issue of morality, goodness and happiness. According to the author, in the philosophical teachings of Aristotle, freedom as a value is one of the categories of ethics, and the freedom that Aristotle considers the highest happiness and happiness. From this point of view, the authors considered the problem of happiness and bliss central to the philosophical and moral teachings of Aristotle. In his classification of ethics, Aristotle assessed ethics in the political environment he considered, which is where the phrase "political ethics" originates. The authors emphasized Aristotle's view of ethics: "Every art, every inquiry, and likewise every action and effort is directed towards a good end." At the same time, the authors believe that, although happiness is for some pleasure and passion, and for some wealth, Aristotle considered happiness to be a good that he seeks or strives for in practice, desired for its own sake. That is, nature and the highest quality of life or happiness, which has equal meaning only for the soul, mind and body of a person.*

***Keywords***: *Aristotle, "Nicomachean Ethics", "Great Ethics", "Eudemian Ethics", ethics, goodness, happiness, philosophical system.*

Хушбахтӣ ҳамчун арзиш ба категорияҳои ахлоқ ворид гардида, натиҷаи ниҳоии ахлоқи холис ба саодат оварда мерасонад. Дар системаи илмҳои иҷтимоӣ ба андешаи Арасту худи инсон як мавҷудоти иҷтимоӣ ва сиёсӣ, бинобар ҳамин илме, ки дар хусуси вижагиҳои некӣ, табиат ва фитрати инфиродии инсон баҳс мекунад, этика ё ахлоқ аст. Ахлоқ, инсонро на танҳо ҳамчун фарди алоҳида, балки дар муносибати байниҳамдигарӣ ӯ бо ҳамзистону ҳамдиёронаш, ҳамчун узви як давлат ё ҷомеаи сиёсӣ мавриди барасӣ қарор медиҳад.

Ин масъала дар фалсафа зиёда аз 2500 сол аст, ки мавриди омӯзиш ва таҳлилу баррасиҳои файласуфони замонҳои гуногун гардидааст. Арасту – яке аз файласуфи Юнони қадим, вобаста ба ахлоқ ва хушбахтию саодат мулоҳизарониҳо намуда, консепсияи мукаммале низ пешниҳод намудааст, ки мақолаи мазкур махсусан ин масъаларо мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Ба андешаи доктори илмҳои фалсафа Маҳмадҷонова М.Т. «Таълимоти Арасту моро ба таҳлили масъалаи озодӣ ташвиқ менамояд, ки имрӯз ба яке аз мубрамтарин масоили давр табдил ёфтааст. Дар нафси инсон Арасту се навъи қобилият – эҳсос, ақл (νους) ва майлро ҷудо намуда, шарҳ додааст, ки «сарчашмаи афъол – маҳз интихоби озоди ақлонӣ аст» [12]. Ба андешаи мо, озодиро

Арасту саодати ниҳоӣ ва хушбахтӣ мепиндорад. Ба ҳамин мақсад, масъалаи хушбахтӣ ва саодат дар таълимоти фалсафӣ ва ахлоқии Арасту мавқеи меҳварӣ дорад.

Ахлоқ илмест, ки инсонро ба саодати фардият мерасонад ва пайванди худро аз фардият ба оила, давлат ва ҷомеа муттасил (пайваст) менамояд. Агар қисматҳои дар боло зикргардида, дар ҷузъиёти хеш «нек» ё «хуб» набошанд, шахсияти инсон низ ба куллӣ комил буда наметавонад [4,32].

Ҳамин тавр, бояд рушди принсипҳои фитрати табиии ахлоқи инсон ҳатман қабл аз падидаи «некӣ» бошад, ки барои таҳқиқи вазифаҳои ҷомеаи инсонӣ муқаддам гардад. Ин аст, ки илми ахлоқ дар низоми таълимоти фалсафии Арасту ҷойгоҳеро ишғол мекунад, ки он аз муқаддима ба сиёсат ё илми ҳаёти иҷтимоӣ иборат аст. Аз ин мулоҳизаҳо метавон хулоса кард, ки ахлоқ, ба қавли Арасту, як бахши бузурги фалсафаи амалист. Бинобар ин, ӯ зарур мешуморад, ки на танҳо табиати **таҷридӣ** (абстрактии) «нек» (хубӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирад, балки санҷиш ё озмоиши назарияҳои мавҷуда то он вақте ки ба фитрати табиии инсон дахл дорад, бояд мавриди баррасӣ қарор дода шавад [9,2].

Ахлоқ дар таълимоти фалсафии Арасту ҷамъи решаи «хулқ» буда, маънояш табъ, хислат, табиатро дорад. Ҳамаи одатҳо ва рафторҳои ихтиёрие, ки дар зери таъсири ин одатҳо ба вуҷуд меоянд, мазмуни ахлоқро ташкил медиҳанд. Ба маънои васеътар ин маҷмуи қоидаҳоеро ифода мекунад, ки ҷомеаи башарӣ мувофиқи ҷуғрофиё, минтақа вобаста ба менталитети худ фаъолият мекунанд. Дар ибтидо фарқ гузоштан миёни этика ва ахлоқ ҳамчун истилоҳҳои маънои мухталиф дошта сурат мегирифт ва ин то андозае қобили қабул низ ҳаст. Бояд гуфт, ки пайдоиши ҳар ду вожа аз забони лотинӣ бармеояд. Ҳар ду маънои «одат» ё «тарзи зиндагӣ»-ро доранд. Вожаи аввал «**ethes**» ва вожаи дуюм «**mores**» (дар баъзе ҷойҳо **morales**) гирифта шудааст [3, с.1-2]. Истифодаи муосири этика ба худи рафтор ва ахлоқ (фалсафаи ахлоқ) ё ба омӯзиши рафтори ахлоқӣ марбут аст. Ҳангоми истифодаи ҳарду вожаи зикргардида, муродифи он ин аст, ки мо дар бораи фалсафаи амалӣ «қонуни ахлоқ» сухан ронда истодаем. Дар гуфтори маъмулӣ онҳо аксар вақт ба ҷойи ҳамдигар истифода мешаванд, аммо дар фалсафа имкони он низ мавҷуд аст, ки онҳо бо маъноҳои гуногун истифода бурда шаванд. Агар ба таври мухтасар зикр намудан лозим ояд, этика назарияи рафтори дуруст ва нодурустро инъикос намуда, ахлоқ бошад амалияи он мебошад. Барои мисол дурусттар он аст, ки ба ҷойи принсипҳои ахлоқӣ ё принсипҳои этикӣ, дар мулоҳизаронихо «рафтори дуруст» гӯем саҳеҳтар мегардад. Этика арзишҳоеро дар бар мегирад, ки шахс дар вазъияти муайян бо рафтори худ ифода кардан мехоҳад. Ахлоқ бошад, роҳи асосии шахс барои ноил шудан ба хушбахтист.

Дар таълимоти фалсафии Арасту ахлоқ як илми асосист, ки ҳар гуна амалҳоро аз нигоҳи фалсафӣ кӯшиш мекунад, ки ба он ба таври воқеӣ баҳо диҳад. Аз ин рӯ, ахлоқ имтиҳони фалсафии аъмол ва фаъолияти инсон аст. Бояд қайд намуд, ки мантиқ дар системаи донишҳои Арасту ба маърифатшиносӣ таллуқ дорад. Бинобар ин, ахлоқ илмест, ки намунаи рафтору кирдорҳои инсониро ҳамчун як майдони муҳим баррасӣ ва таҳқиқ намуда ва принсипҳоеро, ки дар он ба вуҷуд омадаанд, меомӯзад ва ин муҳитро мавриди идораи худ қарор медиҳад. Дар ҳамин лаҳза бояд донист, ки Арасту сифатҳои мавҷудияти арзишҳо ва тобеъ ё мустақил будани амали онҳоро ба фалсафа нисбат медиҳад ва бар он назар аст, ки этика онро дарбар мегирад [4,34].

Дар ин ҷо қайд кардан зарур мебошад, ки яке аз асарҳои маълуми Арасту бо номи «Этикаи Никомах»-ро ба сифати китоби таърихи ахлоқ оид ба амалҳои инсонӣ метавонем шуморид, ки анъанаи асосии фалсафаи ахлоқии Арасту, дар ин китоб, асос ёфтааст. Бо такя ба таълимотҳои фалсафие, ки дар ин китоб зикр гардидааст, метавон Арастуро ҳамчун асосгузори фалсафаи ахлоқ, як илми муназзами фалсафӣ ва аввалин файласуфи ахлоқшинос шуморид [6,29-31]. Арасту анқариб тамоми таълимоти ахлоқии аз ҷониби файласуфони гузашта баррасишударо ба таври интиқодӣ ва таснифкунанда баррасӣ менамояд. Калимаи «ахлоқ», ки дар китоби «Этикаи Никомах» истифода шудааст, аз ҳамон вақт ба унвони муодили «фалсафаи ахлоқ» истифода мешавад.

Дар «Этикаи Никомах» Арасту масъалаҳои хушбахтӣ ва ба камолоти ахлоқӣ расидани одамонро таҳқиқ намуда, чунин мешуморад, ки инсон бояд ҳамеша мақсади нек дошта бошад ва зимнан ҷавҳару асоси ҳаёти ӯро хушбахтӣ ташкил медиҳад. Арасту ба монанди Афлотуну Суқрот, донишу накукориро айниятдор медонист. Ба ақидаи Арасту, ахлоқ ба сиёсат, алоқамандии ногусастанӣ дорад. Арасту дар таснифоти ахлоқ дар фазои сиёсие, ки худ мепиндошт ахлоқро баҳо додааст ва маҳз ибораи ахлоқи сиёсӣ аз ҳамон ҷо маншаъ мегирад.

Аз ин рӯ, Арасту, пас аз ин ақида, сиёсатро ба се қисм ҷудо мекунад: этика, иқтисодиёт ва сиёсати амалӣ. Ахлоқ илмест, ки инсонро ба саодати фардият мерасонад ва пайванди худро аз фардият ба оила, давлат ва ҷомеа муттасил (пайваст) менамояд. Новобаста аз он, ки Арасту дар таърифи сиёсат онро ҳамчун санъати идора кардан унвон намуда бошад, муаллими сонӣ Форобӣ сиёсатро фаъолияте номидааст, ки инсонро ба саодат мерасонад. Мурод аз овардан ин қиёс дар он аст, ки таълимоти Арастуро маҳз Форобӣ ба тафсир додааст ва таъсироти Арасту ӯро ба зинае оварда расонидааст, ки ӯ ба сиёсат чунин таърифро марбут медонад [6,32].

Ба ақидаи Зиёева З., инсони озод бояд ҳамеша ба давлат хизмат намуда, онро аз душманон ҳимоя намояд [11].

Арасту дар ин асараш арзишҳои ахлоқиро дар 10 боб баррасӣ намудааст:

- Боби 1. «Некӣ ва хушбахтӣ» ;
- Боби 2. «Фазилат»;
- Боби 3. «Далерӣ ва қаноат»;
- Боби 4. «Таҳаммул, бахшидан, муомила бо касе, ҷасорат ва ҳавас»;
- Боби 5. «Адолат»;
- Боби 6. «Муътадилӣ ва хирад»;
- Боби 7. «Фаровонӣ ва лаззат»;
- Боби 8 ва 9. «Дӯстӣ»;
- Боби 10. «Дар бораи амалияи назарияе, ки саодати асосӣ, яъне саодати хақиқӣ аз он бармеояд».

Дар маркази таълимоти ахлоқии Арасту хоҳиш ва рафтори инсони боақл қарор дорад, ки ӯ дар ин хусус ду асар, яке бо номи, «Этикаи бузург», дигаре бо номи «Этикаи Эвдемон»-ро таълиф намудааст [5,25-26]. Чи тавре, ки қаблан зикр гардид, асари «Этикаи Никомах» ҳамчун аввалин китоби таърихи фалсафаи ахлоқ қабул карда мешавад, зеро ӯ дар асари худ ақидаҳои ахлоқии файласуфони қаблиро ба таври муназзам баён намуда, аз онҳо ба таври систематикӣ интиқод менамояд.

Арасту нуқтаи назари худро дар бораи ахлоқ бо такя ба мафҳуми ақл ба миён мегузорад. Барои Арасту ақл ҷавҳари аслии инсон аст ва ӯ амалҳои худро бар асоси қобилияти ақлӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Инсон танҳо дар сурате хушбахт мешавад, ки ҳангоми иҷрои аъмол ақли худро меъёр қабул кунад. Аз ҳамин лиҳоз, гуфтан мумкин аст, ки дар сурати дар амал татбиқ намудани меъёр ё принсипҳои зикр намудаи Арасту, инсон метавонад ба ин нуқтаи ниҳоии саодат бирасад, чаро ки ба андешаи ӯ инсон табиатан мавҷудоти сиёсӣ-иҷтимоӣ ба шумор меравад ва дар сурати нек будани инсон ҷомеа низ ба саодат мерасад.

Ба ақидаи Арасту яке аз шартҳои асоси инсони нек будан ва ба саодати ниҳоӣ расидан ин накукорӣ ва тарбияи нек, ҳамзамон, доштани одатҳои нек ва ахлоқи наку мебошад, ки тавассути он ҳам сиёсат ва ҳам қонун метавонанд ба таври олӣ дар амал татбиқ шавад. Арасту таъкид мекунад, ки танҳо дар дохили ҷомеа шахсро хуб ё бад мушоҳида кардан имконпазир аст. Ақидаи иҷтимоии Арасту нисбат ба инсон нишон медиҳад, ки инсон мавҷуди иҷтимоӣ ва сиёсӣ аст, ҳамон гунае ки қаблан зикр шуд. Ин маънои онро дорад, ки инсон метавонад танҳо дар муҳити иҷтимоӣ ва сиёсӣ худро дарк кунад, ё ба таври кофӣ худро шаҳр диҳад, албатта, ки тавассути фаъолияти шахсиаш [3,1-2].

Мавзуи дигаре, ки дар таълимоти фалсафии Арасту ба назар мерасад, арзишҳои ахлоқӣ ва сифатҳои ахлоқи ҳамидаи инсони комил мебошад. Назарияи арзишҳои

ахлоқиро метавон як шохаи этика низ гуфт. Арзиш – сифатест, ки инсон дар назди ҳама гуна ҳодиса ё предмет муҳим мешуморад. Ба иборай дигар, ин муносибати миёни субъект ва объект аст. Он инчунин як андозагирии шуур аст, ки онро ба вуҷуд меорад.

Вақте сухан дар бораи арзишҳои ахлоқӣ меравад, объекти баҳодиҳӣ бояд воқеӣ бошад. Ба иборай дигар, бояд амал ва фаъолияти шахсияти бо эътидоли миёна ба инобат гирифта шавад. Зеро барои арзишманд будани ҳар чизе, муносибат, идеал, ё ҳадаф бояд объекти афзалият ё ҳукм муҳим бошад. Дар ин ҷо ягона махлуқе, ки метавонад интихоб шавад, инсон аст. Бинобар ин, инсон аст, ки арзишро меофарад. Аз ин рӯ, ҳар чизе, ки барои инсон эътибор дорад ва барои ҳаёти инсон марбут аст, ҳамчун арзиш пайдо мешавад [5,25-26]. Арзишҳои ахлоқӣ маънои арзишҳои марбут ба рафторе мебошанд, ки шахсро хуб ё бад муайян мекунанд. Масалан: «Чӣ гуна рафтор дуздӣ аст?» ё «Дуздӣ чӣ гуна рафтор аст?». Вақте ки мо саволҳоро ба шаклҳои мухталиф медиҳем, арзишҳо тобиши дигар мегиранд, масалан баъзеҳо суол медиҳанд, ки «гуноҳ аст» ва ё баъзеи мо суол медиҳем, ки «чизе нодуруст аст». Аз ин рӯ, арзишҳои ахлоқӣ дар пеши назари мо ҳамчун имконот дар ҳаёт ва амали инсон пайдо мешаванд. Вақте, ки имкониятҳои ҳаёти амалӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, онҳо ҳамчун таҷрибаи пурарзиш, пасмондаҳо ва хусусиятҳои шахси дигар пайдо мешаванд. Мувофиқи он, арзишҳои ахлоқӣ ҳамчун арзишҳои шахсӣ пайдо мешаванд. Агар шахс ин имкониятҳои арзишмандро дарк кунад, ӯ ҳам шахси арзишманд ва ҳам ахлоқӣ мегардад. Дида мешавад, ки барои амалӣ гардидани имкониятҳои фарққунандаи инсон аз дигар махлуқот ҳамеша шароит фароҳам оваранд ва фаъолияти инсониро тавре ки мақсаду вазифаҳояшон бояд бошад, ба ҷо оваранд, вобаста аст [6,29-31].

Арзиш дар дохили худ ба соҳаҳои гуногун тақсим карда мешавад: Арзишҳои динӣ, арзишҳои ахлоқӣ, арзишҳои иқтисодӣ ва ғайра. Ин арзишҳо дар ҳамбастагӣ як консепсияи куллиро ташкил медиҳанд. Мафҳуми «арзиш» аз муносибати инсон бо ҷаҳон бармеояд ва ин ҳамчун дастоварди инсонӣ зоҳир мешавад. Зеро инсон ба арзишҳо мутобиқ мешавад ва ин арзишҳоро ҳангоми иҷрои тамоми амалҳое, ки барои инсон будан лозим аст, худ эҷод намудааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки арзишҳоро ҳамчун унсури зарурӣ барои бунёди ҳаёти инсон шуморид. Ахлоқ ва арзиш бо ҳам алоқамананданд, зеро онҳо ба фаъолияти инсон марбутанд. Ҳамзамон, арзиш дар натиҷаи фаъолияти инсон ба вуҷуд меояд. Ҳар чизе, ки мо арзиш меномем, ба шарофати фаъолияти инсон ба вуҷуд меояд. Аммо, агар мо хоҳем, ки арзишҳо ба таври кофӣ дарк карда шаванд, мо бояд табиат ё фитрати вуҷудии инсонро омӯзем ва дарк намоем. Чаро ки худи инсон арзишҳоро эҷод мекунад ва ба ин арзишҳо худ баҳо медиҳад.

Ҳангоми таҳлил ва баррасии масъалаи мазкур фаҳмида мешавад, ки таъсири таълимоти фалсафии Афлотун дар ташаккулёбии таълимоти ахлоқии Арасту таъсир доштааст. Аммо, бо вуҷуди ин таъсир, ӯ тавонист таълимоти ахлоқии худро дар низоми мукаммали донишҳои фалсафӣ эҷод кунад. Нуқтае, ки Арасту бо устодаш мувофиқ аст, ин иртиботи ахлоқ ва сиёсат аст. Нуқтае, ки онҳо аз ҳам фарқ мекунанд, дар муҳтавои иборай «нек» аст, ки он дар таълимоти фалсафии Арасту ҳамчун мафҳуми меҳварии ахлоқ маҳсуб меёбад. Дар таълимоти фалсафии Афлотун некӣ на дар ин ҷаҳон, балки дар шакли ғояи некӣ дар «олами мусул» фаҳмида мешавад [11]. Аммо бояд гуфт, ки хилофи манобеи майлу хоҳиш дар ин дунё, лаззате, ки андешаи некӣ медиҳад, комил ва бефосила аст. Ба андешаи Афлотун, хушбахтии ҳақиқӣ тавассути ҳамин некии олӣ, яъне дар андешаи некӣ ба даст меояд. Ба ин тартиб, бар хилофи Афлотун, Арасту дар зиндагии фардӣ дар дунё ахлоқи волотар пайдо мекунад ва фард дар ин дунё ба саодат мерасад. Чаро ки ахлоқи Арасту як ахлоқи ақлгароёна (ратсионалӣ) аст ва ӯ ахлоқи худро бо як ғояи таҷридии (абстрактӣ) инсонӣ мисли устодаш Афлотун намеҳисобад, балки бо ҷаҳон ва одамон пайванд медонад, яъне дар ин маврид Арасту, ҳамчун файласуфи ғоятгаро нест. Ба ақидаи Арасту ахлоқ, албатта, бо унсурҳои метафизикӣ вобастааст, аммо мушаххас ва бо натиҷаҳо асос ёфта иборат аст.

Ин маънои онро дорад, ки фалсафаи телеологии Арасту тамоми мавҷудоти органикӣ ё ғайриорганикиро фаро мегирад. Азбаски ягонагии шакли материя инсонро дар доираи худ дар бар мегирад, саволи «шакл ё кори инсон чист?» ногузир аст, ки ин савол ба зеҳн меояд. Дар натиҷа метавон гуфт, Арасту кӯшиш кардааст, ки ғояи ахлоқиро на бо ғояи таҷридӣ, балки бо воқеияти мушаххас, яъне воқеияти таҷрибӣ (эмпирикӣ) ташаккул диҳад [7,21-22].

Ахлоқи телеологии Арасту тавассути «маъно ва аҳдофи инсон будан» муайян карда мешавад. Бинобар ин, нуқтаи асосии ибтидоӣ дар истиқрори равиши ахлоқии Арасту нигоҳи инсон ва нигоҳи ҳастӣ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки таълимоти ахлоқии Арасту худро бо омехтагӣ офаридааст ва он бо нигоҳи ҳастӣ ва руҳ нигаристааст. Ба эътиқоди Арасту, ахлоқ хислатест, ки моро дар сохтори хушбахтӣ, ки муҳимтарин ҳадафи инсон дар ин ҷаҳон аст ва чӣ гуна ба хушбахтӣ расидан роҳнамоӣ мекунад, ба шумор меравад. Ин маънои онро дорад, ки он арзишҳоеро, ки барои ба даст овардани хушбахтӣ имкон фароҳам меоваранд, чанд усул ва сохтори дохилии ахлоқро ошкор месозад.

Арасту китоби ««Этикаи Никомах»-и худро бо ҷумлаи зерин оғоз мекунад: «Ҳар як санъат, ҳар як таҳқиқ ва ба ин монанд, ҳар амалу кӯшиш ба мақсади нек нигаронида шудааст» [2,1-2]. Ин маънои онро дорад, ба ақидаи ӯ, он чизе, ки ҳама барои ба даст оварданаш талош меварзанд, «хуб» ё саодати ниҳоист. Аз ин рӯ, ин ақидаи Арасту гуногунии арзишҳоро тасниф намуда, ошкор месозад. Аммо, ҳар як соҳаи ҳунар ё илм мақсади олии худро дорад ва вазифаи ахлоқ дар ин ҷо муайян кардани он аст, ки мақсади олӣ барои инсон чист. Ҳадафи Арасту аз ахлоқ ин талош барои дарёфти дониши идеалии абадӣ нест. Балки, ҳадафи ӯ ба даст овардани беҳтарин чизест, ки барои инсон имконпазир аст [8,38-39].

Амалҳои инсон мисли илми риёзӣ дақиқ нестанд ва дар меъёри муайяни тағйирнаёбанда ба озмоиш кашида намешаванд, масалан, далер будан. Тарс ҳолати табиии инсон аст. Дар ҷойе, ки бояд тарсид, далерона рафтор кардани шахс аз ҷиҳати ахлоқӣ қобили қабул нест. Зеро он лаҳза коре кардан лозим аст, ки ҷисман ё руҳан бар зиёни шахс набошад.

Фарқи дигаре, ки Арасту миёни математика ва ахлоқ гузоштааст ин аст: дар ҳоле ки риёзиёт аз принсипҳои умумӣ оғоз ёфта, дар мавриди ҳукмҳо асос мегузорад, ахлоқ бошад, бевосита аз хулосаи бадастомада оғоз мегардад. Ба ибораи дигар, ҳукмҳои умумии ахлоқӣ аз амали одамон ва муқоисаи онҳо ба даст меоянд. Низоми ахлоқии Арасту мисли маърифатшиносии ӯ воқеӣ аст.

Суоли матраҳ ин аст, ки Арасту хушбахтӣ ва ахлоқро баррасӣ намуда мехоҳад кадом паёмро ба инсоният расонад? Ба ақидаи Арасту: «Одамон ҳангоми иҷрои амалҳои худ чизе доранд, ки дар бораи он фикр кунанд ва ҳадаф гиранд». Арасту ин марҳиларо бо мафҳуми «**хуб**» тавсиф мекунад. Ба ибораи дигар, вай онро ҳамчун «он чизе, ки ҳама хостори он аст» тавсиф мекунад. Ҳадафи ниҳоӣ ё ниҳоияти амали инсон «хуб» аст. «Хуб» – он ба мавҷудият, миқдор, сифат, замон, муносибатҳои нисбӣ ва категорияҳои арзишии ба инҳо монанд дохил мешавад. Ин маънои онро дорад, ки он дар ҳамаи соҳаҳо мавҷуд аст. Арасту аввал неъматро ба ду қисмат гурӯҳбандӣ кардааст: неъматҳои руҳонӣ ва неъматҳои моддӣ (беруна). Баъдтар ӯ ин гурӯҳбандиро аз нав тасниф намуда, онҳоро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: неъматҳои моддӣ (молу сарват), неъматҳои ҷисмонӣ ва неъматҳои маънавӣ [4,32-34].

Моли марбут ба нафс моли аввал ва мукаммал аст. Дар баробари ин, моли марбут ба нафс моли хоси инсонанд. Дар ин ҷо хайр аз ҷиҳати мавқеъ ҳам барои фард ва ҳам барои давлат як аст. Аз ин рӯ, Арасту гуфтааст, ки қобилияти ба даст овардани неъматро тавассути ҷомеа ба даст овардан мумкин аст. Ин маънои онро дорад, ки ба ақидаи ӯ, некие, ки воқеан ба инсон манфиатдор аст, неъматҳои маънавӣ мебошад ва дар маҷмуъ, амалӣ гардидани некӣ тавассути ҷомеа ба даст меояд. Дар бахши арзишҳои зеҳнӣ он

чизҳое, ки ба неъматҳои руҳонии зикршуда дохил мешаванд ё ҳастанд, ба таври муфассал баррасӣ хоҳанд шуд [1,296].

Ба ақидаи Арасту, некӣ чизе нест, ки худ аз худ ба вуҷуд биёяд, баръакс, ӯ дар асараш бо номи «Этикаи Никомах» гуфта буд: «Ҳар як санъат ва илм ё ҳар қишри ҷомеа ба некӣ нигаронида шудааст» [2,54]. Ба ибораи дигар, мақсади таълифи асар низ ҳамин аст. Арасту некиро мисли Сукрот ва Афлотун ба таври умумӣ баррасӣ накардааст. Вай неъматҳои умумӣ ва ахлоқиро фарқ мекард. Ба гуфтаи ӯ, вақте мегӯем, ки меъмор меъмори хуб, пойафзолдӯзи хуб ё табиби хуб аст, онро ба маънои ахлоқӣ истифода намебарем. Аммо, вақте ки мафҳуми некӣ барои шахс истифода мешавад, он як хислати ахлоқиро ифода мекунад. Баландтарин неъмат барои инсон – некӣ дар доираи арзишҳои ахлоқист. Неъмате, ки хоси инсон аст, ду хусусият дорад:

- ҳадаф «**хуб**» бояд бошад;
- «**хуб**» бояд худкифо бошад.

«**Хуб**» барои Арасту: а) фазилатҳое, ки барои чизи дигар намеҷӯянд, балки танҳо барои худашон меҷӯянд, б) амали шахс аз рӯйи ин сифатҳо ва в) шодии аз ин амалҳо эҳсосшаванда ба шумор меравад. Худи некӣ ҳадаф дар фаъолияти инсон аст. Ба ибораи дигар, мақсади ҳаёти инсон аст. Одамон фикр мекунанд, ки вобаста ба ҷомеа, макон, вақт, ҳолати эмотсионалӣ ва шароите, ки дар он зиндагӣ мекунанд, зиёда аз як чиз барои онҳо хуб аст. Пас, он чизе, ки барои инсон хуб аст, вобаста ба вазъият фарқ мекунад [10,288]. Барои мисол: Дар ҳоле ки некӣ барои баъзеҳо ҳаловат аст, барои баъзеҳо сарват аст. Аммо неъмате, ки Арасту дар амал меҷӯяд ва ё ҳадаф қарор медиҳад, чизест, ки ба хотири худаш хоста мешавад. Ба ибораи дигар, вай дар бораи неъмате сухан меронад, ки барои чизи дигар хоста нест ва ё василаи ба даст овардани чизи дигар нест. Ба ин далел, неъмате, ки Арасту меҷӯяд, чизест, ки василаи чизе нест, балки василаи чизи дигаре нест ва афзалтар дониста мешавад ва фақат ба манфиати худ амал мекунад. Барои Арасту он чизе, ки ба хотири худ интихоб мешавад, бидуни ниёз ба чизи дигаре, дар худ арзишманд аст. Гузашта аз ин, ба хотири худ интихоб шудан аз баргузида шудан ба сабабҳои дигар болотар аст [4,33].

Хушбахтӣ ба зиндагии хуб ва худсохт, яъне худшиносӣ ишора мекунад. Барои Арасту муҳим он аст, ки танҳо тафтиш ё таърифи хушбахтӣ ҳамчун эҳсоси пок аст. Ҳадафи пажӯҳишаш ин аст, ки дар миёни навъҳои зиндагӣ (хушнудӣ, сиёсат, назария) кадоме аз зиндагӣ барои инсон беҳтарин аст. Дар ин ҷо агар одам ақлу хирадашро ба хубӣ истифода барад, зиндагии хубе пайдо мекунад. Зиндагии хубе, ки Арасту дар пажӯҳишаш ба хулосае омадааст, зиндагиест, ки нафс мувофиқи фазилат амал мекунад. Хушбахтӣ дарк намудани фазилатҳоест, ки дар нафси инсон дар тамоми умраш пайваста фаъол аст. Идомаи хушбахтӣ ба камоли нафс ба сӯйи ҳадаф вобаста аст ва ин танҳо тавассути амал муяссар мегардад.

Арасту чунин мепиндорад, ки хушбахтӣ номи зиндагиест, ки дар он инсон вазифаи беназири худро иҷро мекунад ва ба ҳадафи табиии худ мерасад, на барои чизи дигаре, ки дар тӯли ҳаёт барои он дигарон фикр намудаанд. Аз ин рӯ, Арасту нишон медиҳад, ки хушбахтӣ аслан як амали фазилатист. Бо ҳамин далел, аввалин шарти зиндагие, ки бо низоми ахлоқӣ бунёд ёфтааст ва боиси саодат мегардад, он анҷом додани аъмоли нек аст. Чаро ки инсон бо вуҷуди донистани ҳақиқат, боз метавонад аъмоли бад анҷом диҳад. Накукор будан танҳо маънои донистанро надорад. Инсон бояд интихоби хуб, зебо ва дуруст кунад, то худро ҳамчун як мавҷуди ахлоқӣ дарк карда тавонад [10,288].

Ба ақидаи Арасту, инсон табиатан мавҷуди оқил аст. Ҳар қадар ин мавҷуди оқил бо ақли солим амал кунад ҳам, ҳамон қадар мувофиқи табиаташ амал мекунад. Бар асоси ин, волотарин фаъолияте, ки бо табиати инсон созгор аст, тафаккур ва донистан аст [5,21-22].

Арасту дар ҷойи дигар гуфтааст, ки ҳар чизе, ки табиат ва тафаккур офаридааст, аз пайи як ҳадафи муайян аст [8,39]. Ӯ ҳамчунин зикр намудааст, ки барои дарки он чизе, ки дар табиат ва доираи ақлӣ мавҷуд аст, тафаккур ва дониш лозим меояд, ки дар наҳояти

кор инсонро метавонад ба фаъолияти ахлоқӣ нигаронида, ӯро ба саодат бирасонад. Аз ин рӯ, инсон низ метавонад ба он саодат бе тардид бирасад. Чунки интиҳо ин анҷоми амал аст, на анҷоми тафаккур ва дониш. Дар ин ҷо некӣ, ҳам дониш ва ҳам асли бисёр чизҳо мебошад [1,296-297].

Ҳамин тавр, инсон агар дар ҳоли хубтарин инкишофи худро пурра дарк кунад, он вақт ба бахту саодате мерасад, ки мо онро некии олӣ тавсиф мекунем.

## АДАБИЁТ:


1. Аристотель. Большая этика / Пер. Т.А. Миллер. Аристотель. Соч. в 4 т. – Т. – 4. М. – 1984.
2. Аристотель. Никомахова этика. / Пер. Н.В. Брагинской. Аристотель Соч. в 4 т. – Т. 4. М. – 1984.
3. Григорьева Н.С. Социальная справедливость: Эволюция понятия и практики // Проблемный анализ и государственно-управленческое проектирование. – 2008.
4. Мушинский Н.И. Реминисценции Аристотеля в белорусской этике. – 1999. Минск.
5. Aristotle’s Eudaimonia in aquinas, Moral philosophy: a critical study. School of religion, philosophy and classics, University of Kwazulu – Natal Pietermaritzburg, South Africa Supervisor: Dr. Bernard Matolino 15th, February, 2015. P.25-26.
6. Growing Up Happy: Aristotle's theory of moral education. Doctor of Philosophy, 1998 Lucia Randolph Dow. Department of Philosophy University of Toronto. P.29-31. (265)
7. Magna Moralia Ethica Eudemia de virtutibus et vitiis. Oxford at the Clarendon Press 1915. Oxford University Press London Edinburgh Glasgow New York Toronto Melbourne Bombay Humphrey Milford m.a. publisher to the University. P.6-21-22
8. Mandalay University of Distance Education Research Journal Vol. 6, No. 1, 2015. A Study on the Concept of Happiness in the philosophy of Aristotle hla Myo Nwe. P. 38-39.
9. The Nicomachean Ethics Aristotle. Translated, with notes, original & selected. An analytical introduction and questions for the use of students. // [Text] / By B.W. Browne, Ph.D., London, George Bell & Sons. 1895. p.2.
10. The works of Aristotle. Translated into english under the editorship of W.D. Rooss. M.A. P.288.
11. Зиёева З. Сайре дар таълимоти ахлоқии Суқрот, Афлотун, Арасту ва Эпикур. [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/chehraho/sajred ar-ta-limoti-akhlo-ii-su-rot-aflotun-arastu-va-epikur.html (санаи муроҷиат: 14.02.2024).
12. Маҳмадҷонова М.Т. Арасту дар анъанаи фалсафаи тоҷик [Сарчашмаи электронӣ]. Реҷаи дастрасӣ: https://ravshanfikr.tj/shinokhti-masoili-i-timo-va-sijos/arastu-dar-an-anai-falsafai-to-ik.html (санаи муроҷиат: 04.03.2024).

ИЛМҲОИ ҲУҚУҚӢ – ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ – LEGAL SCIENCES

ТДУ: 343 (575.3)

## МУШКИЛОТИ БАНДУБАСТИ ҶИНОЯТҲО БО ПРЕЮДИТСИЯИ МАЪМУРӢ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОНҲО

**НАЗАРОВ А.Қ.[1]**
**МИРЗОХОҶАЕВ И.Ҳ.[2]**

*[1]Мудири кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқ*
*[2]Унвонҷӯйи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур аломатҳои сохтории як қатор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо преюдитсияи маъмурӣ, ки дар тафсир ва татбиқи онҳо дар амал душвориҳо ба миён меоянд, баррасӣ гардидааст. Инчунин, мушкилоти воқеии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми муайян кардани субъекти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо:*** *преюдитсияи маъмурӣ, қонунгузории маъмурӣ, ҷиноят, қонуни ҷиноятӣ, таркиби ҷиноят, сохтор.*

## ПРОБЛЕМЫ КВАЛИФИКАЦИИ ПРЕСТУПЛЕНИЙ С АДМИНИСТРАТИВНОЙ ПРЕЮДИЦИЕЙ И ПУТИ ИХ РЕШЕНИЯ

**НАЗАРОВ А.К.[1]**
**МИРЗОХОДЖАЕВ И.Х.[2]**

*[1]Заведующий кафедрой криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук*
*[2]Соискатель кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности юридического факультета Таджикского Национального Университета*

*В данной статье рассматриваются конструктивные особенности ряда норм уголовного права с административной преюдицией, которые вызывают трудности при их толковании и применении на практике. Также проанализированы реальные проблемы сотрудников правоохранительных органов при выявлении субъекта преступления с административной преюдицией.*

***Ключевые слова:*** *административная преюдиция, административное законодательство, преступление, уголовный закон, состав преступления, конструкция.*

## PROBLEMS RELATED TO CRIMES WITH ADMINISTRATIVE PREJUDICE AND WAYS TO SOLVE THEM

**NAZAROV A.Q.[1]**
**MIRZOKHOJAEV I.KH.[2]**
*[1]Head of the Department of Criminalistics and Forensic Activities of the Faculty of Law of the Tajik National University, Doctor of Law*
*[2]Applicant for the Department of Criminalistics and Forensic Activity of the Law Faculty of the Tajik National University*

*In this article, the constructive features of a number of norms of criminal law with administrative prejudice, expressed in different ways, which cause difficulties in their interpretation*

*and application in practice, are discussed. Also, the real problems of law enforcement officers when identifying the subject of a crime with administrative prejudice have been analyzed.*

***Keywords*****:** *administrative prejudice, administrative legislation, crime, criminal law, composition of crime, construction.*

Таҳлили ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ нишон дод, ки аломатҳои сохтории як қатор меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо преюдитсияи маъмурӣ ба таври гуногун ифода ёфтаанд, ки дар тафсир ва татбиқи онҳо дар амал душвориҳо ба миён меоянд. Дар ин мақола мо мушкилоти воқеиеро, ки кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми муайян кардани субъекти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ рӯ ба рӯ мешаванд, муайян ва ҳал мекунем.

**Аломати махсуси субъекти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ**

Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ на барои ҳар як шахси мукаллафи ба синни 16 расида, балки нисбат ба шахсе, ки кирдори монандро такроран содир кардааст ва қаблан барои кирдори аввала ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда, ҷазои маъмурӣ гирифтааст, пешбинӣ гардидааст.

Аз ин муқаррарот бармеояд, ки хусусияти ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ дар он аст, ки ҳуқуқтатбиққунанда уҳдадор аст, ки ғайр аз аломатҳои умумии субъекти ҷиноят, инчунин хусусияти махсуси субъектро, ки бо як қатор ҳолатҳо алоқаманд аст, исбот намояд.

Аввалан, барои бандубасти дурусти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ, ба асоснокии ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, яъне мавҷудияти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар кирдори шахси ба ҷазои маъмурӣ кашидашуда, диққат додан лозим аст.

Дуюм, ҳуқуқтатбиққунандаро зарур аст, ки қонунӣ будани таъйини ҷазои маъмуриро, яъне қоидаҳои пешбурди парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки истиснои онҳо боиси бекор кардани қарори таъйини ҷазои маъмурӣ мегардад, риоя намояд.

Дар сурати бекор кардани қарори баҳсталаб аломати преюдитсияи маъмурӣ, ки субъекти ҷиноятро тавсиф мекунад, «нопадид» мешавад, бинобар ин, таркиби ҷиноят низ аз байн меравад.

Субъекти ҳар яке аз ин ҷиноятҳо шахсе мебошад, ки қаблан барои ҳамин кирдор дар давоми як сол як маротиба ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст. Тибқи мавқеи судҳо муҳлати дар боло зикршуда дар чунин ҳолатҳо аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи таъйини ҷазои маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии аввал эътибор пайдо мекунад ва алоқаи преюдитсиониро пас аз як соли тақвимӣ воқеан қатъ мекунад.

Дар баробари ин, агар шахсе, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудааст, аз иҷрои қарор дар бораи таъйини ҷазои маъмурӣ саркашӣ кунад, ҷараёни муҳлати дар боло зикргардида қатъ мегардад, вале аз рӯзи муайян шудани ҷойи будубоши шахс ё молумулки ӯ, ошкор карда шудани даромадаш, ки ба онҳо аз рӯйи он қарор дар бораи таъйини ҷазои маъмурӣ, ситонидани зарар алоқаманд аст, аз нав барқарор карда мешавад.

Кормандони ҳуқуқтатбиққунанда ҳамаи ҳуҷҷатҳои мурофиавиро ҳатто агар муҳлати шикоят ба қарор аз рӯйи парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ гузашта бошад ҳам, барои эҳтимолияти қонунвайронкунӣ бояд санҷанд.

Ворид намудани чунин сохторҳо ба қонуни ҷиноятӣ бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти ҳуқуқии ҳамон шахсоне мебошад, ки нисбат ба онҳо татбиқи чораҳои маҷбурии маъмурӣ бесамар мегардад. Қонунгузор, ки диспозитсияи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо хусусияти конструктивии баррасишаванда мураттаб намуда, шахси гунаҳгорро дар бораи оқибатҳои ҷиддии ҳуқуқӣ, ки дар сурати такроран содир кардани кирдори монанд ба сари ӯ меоянд, огоҳ мекунад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои кирдори содиршудаи охирин ба миён меояд ва маҳз ҳамин кирдор ҷиноят эътироф шуда, барои он ҷазо дода мешавад.

**Маҷмуи ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ**

Дар амалия ҳолатҳое ба миён меоянд, ки шахси барои содир кардани як ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазои маъмурӣ гирифта баъдан якчанд кирдорҳои ба ин монандро содир мекунад, ки дар лаҳзаи содир намудани кирдори охирин ба онҳо то ҳол баҳои ҳуқуқӣ дода нашудааст. Барои асоснок кардани дурустии чунин қарор бояд қайд намоем, ки шахс ҳангоми ба ҷазои маъмурӣ кашида шуданаш, аломати субъекти махсуси ҷиноят бо преюдитсияи маъмуриро доро мебошад, ки ин аломат дар давраи тахти ҷазои маъмурӣ қарордошта ҳисобида шудани шахс нигоҳ дошта мешавад. Аз ин рӯ, тамоми ҳолатҳои аз ҷониби чунин шахс содир намудани кирдори ғайриқонунӣ бо преюдитсияи маъмурӣ, ба тарафи объективии ҷиноят дохил карда шуда, бояд дар давоми ин муҳлат ба назар гирифта шавад.

Чунин баррасӣ шудани масъала бо ин нуқта асос ёфтааст, ки ҷазои маъмурӣ ин аломати тавсифии субъекти ҷиноят на аломати тарафи объективии он аст. Дар акси ҳол, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқвайронкунии маъмурии содиршударо иштибоҳан ба тарафи объективии як ҷиноят дохил намуда, эҳтимолияти содиршавии якчанд ҷиноятро истисно мекунанд, зеро як ҳуқуқвайронкунии маъмуриро ба тарафи объективии якчанд ҷиноят дохил кардан мумкин нест. Дар мисоли ин мушкилот мо боз боварӣ ҳосил кардем, ки мавқеи шубҳаноки назариявӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳо дар амал таъсир расонида метавонад.

Таҳлили аломатҳои ҷинояти яктаркиба инчунин имкон медиҳад, ки ба асоснокии роҳи ҳалли саволи пешниҳодшуда, боварӣ ҳосил намуд.

Ҳамин тариқ, И.Б. Агаев аломатҳои зерини ҷинояти яктаркибаро муайян мекунад: 1) як ҳаракат (беҳаракатӣ) ё силсилаи ҳаракатҳои (беҳаракатӣ) шахс, ки дар асоси як таркиби ҷиноят қарор дошта, воқеан асоси онро ташкил медиҳад; 2) ҷинояти яктаркиба ба як объект таҷовуз карда, дар фаъолияте, ки ба қасди ягонаи ҷиноятӣ тобеъгардида ифода меёбад; 3) аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷинояти яктаркиба ҷиноятро ҳамчун кирдори бошуурона, иродавӣ ва мақсадноки шахс муайян мекунанд; 4) ҷинояти яктаркиба – кирдор ё маҷмуи кирдорҳое, ки бо як мақсад ва ангезаи ягона ба амал омадаанд; 5) ҳамаи унсурҳои кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ҷиноятӣ ё маҷмуи кирдорҳо, ки амалҳои алоҳидаи як рафтори субъектро ифода мекунанд, бо ҳам алоқаманданд; 6) ҷинояти яктаркиба ба ҷамъият хавфнок буда, дар натиҷаи кирдори (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ҷиноятӣ зарар мерасонад [1, 26].

Гуфтан дуруст нест, ки шаш лаҳзаи гуногунвақти дар ҳолати мастӣ рондани мошин дар асоси як қасди ҷиноятӣ буда, бо як мақсад ва ангеза содир шудаанд, унсурҳои алоҳидаи як рафтори субъект мебошанд ва бо ҳам алоқаманданд [1, 26].

**Марҳилаҳои ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ**

Дар асоси хусусиятҳои содир намудани кирдор, инчунин бояд дар назар дошт, ки оё ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ метавонад, кирдори нотамомро ташкил диҳад. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарот дар бораи марҳилаҳои ҳуқуқвайронкуниро дарбар намегирад. Қонунгузории маъмурӣ имкони ба ҷавобгарии маъмурӣ кашиданро танҳо барои ҳуқуқвайронкунии хотимаёфта пешбинӣ мекунад. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз лаҳзае, ки дар амал (беамалии) шахси ҳуқуқвайронкунанда ҳамаи аломатҳои таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мавҷуданд [5], хотимаёфта дониста мешавад.

Ю.Е. Пудовочкин оид ба ин ҳолат дуруст қайд намудааст, ки танҳо шахсе, ки қаблан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии хотимаёфта (ё якчанд чунин ҳуқуқвайронкуниҳо) ҷазои маъмурӣ гирифта бошад, субъекти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ шуда метавонад [9, 31].

Ба ақидаи Ю.Е. Пудовочкин кирдори такрорӣ дигар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нест, балки ҷиноят мебошад. Бинобар ин, нисбат ба он меъёрҳои ҳамаи институтҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз чумла ҷинояти нотамом низ татбиқ мешаванд [9, 32].

Аммо, ба фикри мо, муқаррароти моддаи 32 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (тайёрӣ ба ҷиноят, сӯиқасди ҷиноят) [4] набояд нисбат ба ҷиноятҳо бо

преюдитсияи маъмурӣ татбиқ карда шаванд. Тарафи объективии чунин ҷиноят кирдори ба ҳуқуқвайронкунии маъмурии қаблан содиршуда монандро дарбар мегирад, ки дар навбати худ, танҳо дар ҳолати ба таври қонунӣ хотима ёфтанаш он ҷиноят эътироф карда мешавад. Аз ин рӯ, агар ақаллан як аломати аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳимми мансуби дигар соҳа (яъне маъмурӣ) мавҷуд набошад, кирдор наметавонад ҳамчун тайёрӣ ё сӯиқасд ба ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ эътироф карда шавад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ марҳилаҳои ҷинояти нотамомро надоранд.

**Шарикӣ дар ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ**

Масъалаи шарикӣ дар ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ дар амалия мушкилоти зиёдеро ба миён меорад.

Ю.Е. Пудовочкин масъалаи паҳн намудани институти шарикиро нисбат ба ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ дида баромада, ба хулосае омад, ки шарикӣ дар қонунгузории маъмурӣ танҳо дар шакли ҳамиҷрочӣ иҷозат дода мешавад. Зеро ба ақидаи ӯ, қонун асос барои баҳодиҳии рафтори шахс ҳамчун ташкилкунанда, таҳриккунанда ё ёрдамчӣ дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ накардааст ва аз ин рӯ, масъалаи шарикӣ дар ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дуюмдараҷа мегардад. Субъекти ҷиноят шахси ҷазои маъмурӣ гирифта мебошад, новобаста аз он ки институти шарикӣ чӣ гуна тарҳрезӣ шудааст ва оё он умуман дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Русия мавҷуд аст ё не [9, 32].

Мо чунин мешуморем, ки ҳарчанд ки дар муқоиса бо Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Федератсияи Россия дар моддаи 231 КҲМ Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарӣ барои шарикӣ дар намуди ташкилкунанда, иҷрокунанда ва ёрдамчӣ пешбинӣ шуда бошад ҳам, бояд бо нуқтаи назари Ю.Е. Пудовочкин розӣ шавем. Зеро дар ниҳояти кор ба бандубасти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ, танҳо қаблан барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҷазо гирифтани шахс таъсир мерасонад, на нақши ӯ дар содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ. Аммо далели шарикӣ дар рафтори минбаъдаи ҷиноятӣ дар баробари ҳама ҳолатҳои дигаре, ки барои бандубасти ҷиноят муҳиманд, бояд баррасӣ карда шавад.

Тадкиқотчии консепсияи преюдитсияи маъмурӣ дар қонуни ҷиноятии шуравӣ И.Грунтов қайд намудааст, ки шарикӣ дар чунин ҷиноятҳо дар асоси мавҷудияти шартҳои иловагӣ имконпазир аст. Ҳамиҷрокунандагон дар он ҳолат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд, ки агар онҳо баъди татбиқи ҷазои маъмурӣ барои ҳамин гуна кирдор, такроран кирдори монандро содир карда бошанд. Агар амали танҳо яке аз ҳамиҷрокунандагон ба ин талабот ҷавобгӯ бошад, пас маҳз ӯ метавонад барои содир намудани ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ ҷавобгар бошад, дигар ҳамиҷрокунандагон барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд [3, 11].

Мо ба ин андешаҳо комилан шарик ҳастем, зеро чунин ҳолатҳо дар қонунгузории ҷории мо низ эътибор доранд. Ҳамин тариқ, яке аз аломатҳои асосии шарикӣ дар баробари якҷоягӣ, аломати шумораи зиёди иштирокчиёни ҷиноят мебошад, ки аз ҷониби ду ё зиёда шахсон содир намудани кирдорро дар назар дорад, ки субъектҳои дахлдор мебошанд.

Л.А. Вакулюк ҷиноятҳоеро, ки субъекти махсус доранд, ба ҷиноятҳое, ки тарафи объективии онҳоро амалан ҳар як субъект содир карда метавонад ва ҷиноятҳое, ки тарафи объективии онҳоро танҳо дар сурати доштани ваколатҳои муайян иҷро кардан мумкин аст, фарқ мекунад [2, 14].

Тарафи объективии чунин ҷиноятҳо танҳо аз ҷониби шахсе содир карда мешавад, ки мақоми шахси ҷазои маъмурӣ гирифта дорад. Аз ин рӯ, шарикӣ дар шакли иҷрои муштарак танҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки субъектҳои ҷиноят дорои ҷазои маъмурӣ бошанд.

А.Н. Попов қайд намудааст, ки бо ақидаи он, ки ҷиноят аз тарафи гурӯҳи шахсон ё гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда эътироф карда намешавад, агар

субъекти ҷиноят танҳо як шахс бошад ва шахсони дигаре, ки дар содир намудани ҷиноят иштирок кардаанд, субъектони ҷиноят намебошанд, розӣ шудан номумкин аст [8, 17].

Дар асоси ҳамин нуқтаи назар, шахсе, ки қаблан ҷазои маъмурӣ гирифтааст, бояд барои ҷинояти содиркардааш бо назардошти аломати бандубасткунандаи «аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ» ё бо назардошти хусусияти гурӯҳии ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида шуда, нисбаташ фардикунонии ҷазои ҷиноятӣ татбиқ карда шавад ва шахсоне, ки ба аломати субъекти махсуси ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ мувофиқат намекунанд, дар ҳолате ки онҳо дорои аломатҳои умумии субъекти ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошанд, тибқи меъёрҳои дахлдори Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Ин ақидаро Ю.Е. Пудовочкин низ дастгирӣ мекунад.

Аммо бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир намудани ҷиноят яке аз шаклҳои шарикӣ мебошад. Вобаста ба он, пеш аз ҳама, меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, ки масъалаҳои шарикиро дар ҷиноят танзим менамоянд, ба роҳбарӣ гирифтан лозим аст.

Фарқи байни ду шакли шарикӣ (бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон ва бе маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон) танҳо дар мавҷудият ё набудани созишномаи пешакӣ аст, аммо дар содир кардани ҷиноят ҳадди ақал ду ҷинояткор, яъне субъектони ҷиноят бояд иштирок кунанд. Бинобар ин, дар вазъияти баррасишаванда субъекти ҷиноятро якҷоя бо шахсе, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешавад, бо ин аломати тахассусӣ айбдор кардан мумкин нест. М.Любавина оид ба масъалаҳои шарикии мураккаб дар ҷиноятҳои бо преюдитсияи маъмурӣ як қатор фикру ақидаҳои худро иброз намудааст [7,144].

Мувофиқи ақидаҳои Ю.Е. Пудовочкин, шахсоне, ки пештар барои содир намудани кирдори монанд ба ҷазои маъмурӣ кашида нашудаанд, вале дар содир намудани ҷиноят вазифаҳои ташкилотчӣ, таҳриккунанда ё ёрдамчиро иҷро мекунанд, бояд ҳамчун шарикон дар ҷиноят ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, ба шарте ки қасди онҳо далели иштирок дар кирдори содиркардаи шахси қаблан ба ҷазои маъмурӣ кашидашударо фаро гирифта бошад [9,32].

Олим И.О. Грунтов дар ин хусус ақидаҳои дигар дорад, ки агар ташкилкунанда, ёрдамчӣ ё таҳриккунанда дар ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ шахсе бошад, ки қаблан ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида нашудааст, ин кирдор ба ҷиноят бо аломатҳои преюдитсияи маъмурӣ дохил намешавад [3,14].

Мо нуктаи назари И.О. Грунтовро дастгирӣ мекунем, зеро ҷазои маъмурӣ – аломати субъекти ҷиноят дорои хусусияти шахсӣ, фардӣ буда, наметавонад ва набояд нисбат ба дигар шахсоне, ки нақши ташкилотчӣ, ёрдамчӣ ё таҳриккунандаро иҷро мекунанд, ҳатто агар нияти онҳо далели иштирок дар ҷинояти шахси қаблан ба ҷазои маъмурӣ кашидашударо дарбар гирад, таъсиргузор бошад.

Ҳамин тариқ, шахсоне, ки вазифаҳои ташкилкунада, таҳриккунанда ё ёрдамчиро иҷро мекунанд, вале барои кирдори монанди қаблан содиркардаашон ҷазои маъмурӣ нагирифтаанд, барои ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд.

**Хусусиятҳои тарафи субъективии ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ**

Хусусиятҳои тарафи субъективии ҷиноят бо преюдитсияи маъмуриро таҳлил намуда, бояд қайд кард, ки онҳо бо он алоқаманданд, ки қонунгузории маъмурӣ қасдро дорои мазмуни махсуси аз ҳуқуқи ҷиноятӣ фарққунанда мегардонад.

Сарфи назар аз ақидаи олимон, ки дарки кирдори ғайриқонунии ҷиноятиро ҳатмӣ мешуморанд, талаби дарк намудан имкон медиҳад, ки аз татбиқи объективӣ канорагирӣ карда шавад [6,33-36], Қонуни ҷиноятӣ дарки ҳуқуқвайронкуниро мустақиман ба мазмуни қасд дохил накарда, дар таърифи он танҳо ба кирдори ба ҷамъият хавфнок ишора намудааст.

Дарки кирдори ғайриқонунӣ бояд ҳангоми муайян кардани мазмуни қасди шахсе, ки бо преюдитсияи маъмурӣ ҷиноят содир кардааст, ба назар гирифта шавад.

Дар асоси ақидаи Ю.Е. Пудовочкин, дарки барои ҷамъият хафнокии ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ аз аломатҳои зерин иборат мебошад:

– дарки ғайриқонунӣ будани ҳуқуқвайронкунии маъмурии аввал содиркарда;

– дарки вазъи ҳуқуқии худ ҳамчун шахси ба ҷазои маъмурӣ кашидашуда;

– дарки ҳолати такроран содир намудани кирдори ғайриқонунӣ ва дарки он ҳамчун кирдори ғайриқонунии маъмурӣ;

– дарки он ҳолат, ки такроран содир намудани кирдори ношоям аз ҷониби ин шахс боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегардад [9,33].

Барои он ки чунин фаҳмиши васеъ дар бораи дарки ба ҷамъият хавфноки дар амал душворӣ наорад, зарур аст, ки дар қонун масъалаи тартиби огоҳ кардани шахсе, ки ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад, оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудан дар мавриди такроран содир намудани чунин кирдори маъмурӣ ба танзим даровардa шавад.

Чунин пешниҳодро ҳанӯз И.О. Грунтов [3,16] манзур дошта буд. Дар сурати мавҷуд набудани танзими чунин уҳдадорӣ, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тавсия дода мешавад, ки мустақилона шахсонро оид ба таҳдиди ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ огоҳ созанд.

Ҳамин тариқ, мо масъалаҳои асосии мушкилотеро, ки ҳангоми дар амал татбиқнамоии ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ ба миён меоянд, баррасӣ намудем:

1. Барои бандубасти дурусти ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ, бояд ба мавҷуд набудани вайронкунии қонунгузории маъмурӣ ва асоснокии ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан аҳамият дода шавад. Инчунин, муҳлатеро ба назар гирифтан зарур аст, ки дар давоми он далели ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан қувваи преюдитсиониро нигоҳ дошта бошад.

2. Якчанд кирдори ба ҳам монанди хотимаёфтае, ки дар лаҳзаи содир намудани кирдори охирин ба онҳо баҳои ҳуқуқӣ дода нашудааст, маҷмуи ҷиноятро бо преюдитсияи маъмурӣ ташкил медиҳанд, ба шарте ки шахс барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурии монанд қаблан ба ҷазои маъмурӣ кашида шуда бошад.

3. Ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ, ҳамеша кирдори хотимаёфта мебошад.

4. Шарикӣ дар намуди ҳамиҷрокунанда дар ҷиноятҳо бо преюдитсияи маъмурӣ, дар ҳолати мавҷуд будани аломатҳои субъекти махсус дар ҳамиҷрокунандагон имконпазир аст. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шарикии мураккаб танҳо дар сурате ба миён меояд, ки шахсони нақши ташкилотчӣ, ёрдамчӣ ё таҳриккунандаро иҷрокунанда, қаблан ба ҷазои маъмурӣ кашида шуда бошанд.

5. Хусусиятҳои тарафи субъективии ҷиноят бо преюдитсияи маъмурӣ бо он алоқамананданд, ки қонунгузории маъмурӣ ба қасд мазмуни махсуси аз ҳуқуқи ҷиноятӣ фарққунандаро медиҳад. Аз ҷумла, ҳангоми муайян кардани мазмуни қасди шахсе, ки бо преюдитсияи маъмурӣ ҷиноят содир кардааст, бояд дарки ғайриқонунӣ будани кирдор аз ҷониби шахс ба назар гирифта шавад.

Ҳамин тариқ, доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки преюдитсияи маъмуриро муқаррар мекунанд, якхела муайян нагардидааст. Бешубҳа, он муқарраротеро дарбар мегирад, ки қонунгузор бевосита ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани субъект ё таъйини ҷазои маъмуриро ҳамчун шарти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани ӯ нишон медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Агаев И.Б. Проблема повторности в уголовном праве. – М.: Юристь, 2004. – С. 26.
1. Вакулюк Л.А. Соучастие со специальным субъектом // Юридический факт. – 2016. – № 5.
2. Грунтов И.О. Уголовно-правовые нормы с административной преюдицией: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Минск, 1985.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси амалкунанда. Санаи қабул: 21.05.1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – №9.
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси амалкунанда. Санаи қабул: 21.12.2008 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2018. – №12.
5. Лунеев В.В. Субъективное вменение. – Москва: Спарк, 2000.

6. Любавина М.А. Квалификация преступлений, предусмотренных ст.ст. 228 и 228.1 УК РФ: учебное пособие. – СПб.:Изд-во С.-Петербург.юрид. ин-та (ф.) Академии Генеральной прокуратуры Рос. Федерации, 2016.
7. Попов А.Н. Убийство, совершенное преступной группой (п. «ж» ч. 2 ст. 105 УК РФ). СПб. :Изд-во С.-Петербург. юрид. ин-та Генеральной прокуратуры РФ, 2002.
8. Пудовочкин Ю.Е. Квалификация преступлений с административной преюдицией // Библиотека криминалиста. – 2017. – № 2 (31).

ТДУ: 343.9 (575.3)

# ШАКЛҲОИ ҲУҚУҚИИ ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ КРИМИНАЛИСТӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

**АБДАЛИЕВ А.А.**

*Магистранти курси якуми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

*Дар мақолаи мазкур хусусиятҳои шаклҳои ҳуқуқии истифодабарии воситаҳои криминалистӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва аз эътибор соқитшудаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Инчунин, шаклҳои ҳуқуқии истифодабарии тарзҳо, усулҳо ва воситаҳои криминалистӣ вобаста аз вазъи мурофиавии субъекти истифодабарандаи техника, таъйиноти вазифавӣ ва аҳамияти исботкунии натиҷаҳо, ки ба воситаи техника ба даст омадааст, таҳлил гардидаанд.*

***Калидвожаҳо***: *воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, техникаи криминалистӣ, Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ.*

# ПРАВОВЫЕ ФОРМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ КРИМИНАЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В УГОЛОВНОМ ПРОИЗВОДСТВЕ

**АБДАЛИЕВ А.А.**

*Магистрант первого курса юридического факультета*
*Таджикского национального университета*

*В данной статье рассматриваются особенности правовой формы применения криминалистических средств в действующем и предыдущем уголовно-процессуальном законодательстве Республики Таджикистан. Проведен анализ правовых форм применения технико-криминалистических приемов, методов и средств в зависимости от процессуального положения субъекта, использующего технику, функциональной ее предназначенности и доказательственного значения результатов, полученных с помощью технических средств.*

***Ключевые слова:*** *технико-криминалистические средства, криминалистическая техника, уголовно-процессуальный кодекс.*

# LEGAL FORMS OF THE USE OF FORENSIC MEANS IN CRIMINAL PROCEEDINGS

**ABDALIEV A.A.**

*1st year undergraduate student in the Faculty of Law, Tajik National University*

*This article discusses the features of the legal form of the use of forensic tools in the current and previous criminal procedural legislation of the Republic of Tajikistan. An analysis of the legal forms of application of technical and forensic techniques, methods and means is carried out depending on the procedural position of the subject using the technology, its functional purpose and the evidentiary value of the results obtained using technical means.*

***Keywords***: *technical and forensic tools, forensic technology, criminal procedure code.*

Истифодаи воситаҳои техникӣ дар тафтиши ҷиноятҳо яке аз самтҳои таъмини техникӣ-криминалистии тафтиши ҷиноятҳо мебошад, ки аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ амалӣ карда шуда, ба фароҳам овардани шароит ва омодагии доимӣ барои истифодаи усулҳо ва воситаҳои криминалистӣ дар ҳар як ҳолати мушаххаси ошкор ва тафтиши ҷиноятҳо нигаронида шудааст.

Истилоҳи «шакл» аз лотинӣ гирифташуда маънои «зуҳуроти беруна», «зоҳир»-ро ифода мекунад. Дар техникаи криминалистӣ, ба монанди техникаи умумӣ байни шаклҳои

худи техника ва шаклҳои истифодаи он дар соҳаи мушаххаси фаъолият бояд фарқ гузошта шавад.

Худи воситаҳои техникӣ метавонанд дар шакли асбобҳо, дастгоҳҳо, мошинҳо, механизмҳо, системаҳои техникӣ ва ғайра баромад кунанд. Барои илми криминалистика гуногунии чунин шаклҳои техника аҳамияти хосса надорад. Омӯзиши шаклҳои истифодаи техникаи криминалистӣ, ки барои ба низом даровардани донишҳо оид ба имкониятҳои ҷамъоварӣ ва омӯзиши далелҳо хизмат мекунад, муҳимтар аст. Зарурати омӯзиши ин масъала инчунин бо хусусиятхои муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар он воситаҳо, усулҳо ва тарзҳои техникӣ-криминалистӣ истифода мешаванд, маънидод карда мешавад. Агар шаклҳои худи техника (воситаҳои техникӣ) дар мурофиаи ҷиноятӣ бо рушди соҳаҳои табиӣ-техникӣ васеъ гарданд (албатта, бо шарти риоя кардани меъёрҳои умумии истифодабарии онҳо) воситахои техникӣ-криминалистиро ҳатто агар ин дар вазъияти муайян мувофиқ бошад ҳам, васеъ кардан мумкин нест, зеро қонун онҳоро мушаххас ба танзим даровардааст. Барои ҳамин, аксар вақт дар бораи шаклҳои ҳуқуқии истифодаи техникаи криминалистӣ сухан меронанд.

Воситаҳо ва усулҳои муосири техникаи криминалистӣ ба дастовардҳои навтарини табиатшиносӣ, математика, физика ва химияи таҳлилӣ, кибернетика, физиология ва як қатор илмҳои дигар асос ёфта, вобаста ба талаботи амалияи тафтишотӣ, экспертӣ, оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ, судӣ ва умуман истеҳсолоти судӣ, таҳия карда мешаванд.

Р.С. Белкин воситаҳо, тарзҳо ва усулҳои техникӣ-криминалистиро аз рӯйи манбаи пайдоиш ва дараҷаи мутобиқшавӣ ба талаботи мурофиаи ҷиноятӣ ба се гурӯҳ тақсим мекунад [1]:

Гурӯҳи якум, аз воситаҳо, тарзҳо ва усулҳое иборат аст, ки аз дигар соҳаҳои илм ва техника гирифта шуда, дар шакли табдилнашуда истифода мешаванд. Онҳо танҳо дар робита бо ҳадафҳо ва асосҳои ҳуқуқии татбиқи онҳо хусусияти криминалистӣ пайдо мекунанд. Ба инҳо, масалан, фотоаппаратҳо, асбобҳои таъйиноти умумии видео ва сабт, як қатор микроскопхо, спектрометрҳо, хроматографҳо ва дигар асбобҳои ҷустуҷӯйию тадқиқотӣ дохил мешаванд.

Гурӯҳи дуюм воситаҳо, тарзҳо ва усулҳое мебошанд, ки аз дигар соҳаҳои илм гирифта шудаанд, вале ба мақсадҳои кушодан ва тафтиши ҷиноятҳо мутобиқ карда шудаанд. Инҳо, масалан, усулхои махсуси суратгирӣ ва ё дастгоҳҳое, ки махсус барои аксбардории далелҳои шайъӣ мувофиқ карда шудаанд, усулҳои махсуси таҳқиқи ҳуҷҷатҳо бо истифодаи нурҳои ултрабунафш, инфрасурх ва ғайра мебошанд.

Гурӯҳи сеюм аз воситаҳо, тарзҳо ва усулҳои махсус иборат аст, ки бо мақсади тадқиқ ва ошкор намудани ҷиноят таҳия шудаанд. Инҳо, масалан, заррабинҳои муқоисавӣ, дастгоҳҳои махсус барои аксбардорӣ ва бақайдгирии изи ангушт ва ғайра мебошанд.

Р. Белкин қайд мекунад, ки: «Воситаҳои техникӣ-криминалистӣ – ин асбоб, дастгоҳ ё маводест, ки барои ҷамъоварӣ ва тафтиши далелҳо ё фароҳам овардани шароите истифода мешавад, ки ошкор кардани ҷиноятро душвор мегардонад».

Чуноне ки мебинем, Р.Белкин бо таснифоти воситаҳо, тарзҳо ва усулҳои техникӣ-криминалистӣ комилан розӣ аст, вале дар таърифи худ онҳоро номбар намекунад.

Л.Я. Драпкин мафҳуми зерини воситаҳои техникӣ-криминалистиро пешниҳод намудааст: «Воситаҳои техникӣ-криминалистӣ – ин асбобҳо, дастгоҳҳо ва моддаҳое мебошанд, ки махсус барои ҷамъоварӣ, таҳқиқ ва истифодаи маълумоти исботкунанда, инчунин барои пешгирии ҷиноятҳо омода ё аз криминалистика гирифташуда мебошад [5].

Вале мо нуқтаи назари Э.П. Ишенкоро дастгирӣ менамоем. Номбурда зери мафҳуми воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ҳаминро мефаҳмад: «Воситаҳои техникӣ-криминалистӣ – инчунин дастгоҳҳо, маводи техникӣ ва усулҳои илмие мебошанд, ки барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба ошкор, тафтиш ва пешгирии ҷиноятҳо истифода мешаванд» [2].

Шаклҳои ҳуқуқии истифодаи воситаҳо, тарзҳо ва усулҳои техникӣ-криминалистиро А.А. Эксархопуло вобаста ба мавқеи мурофиавии субъекти истифодабарандаи техника,

мақсад, муқаррарот ва аҳамияти исботкнокии натиҷаҳои бо истифодаи воситаҳои техникӣ бадастомада, фарқ мекунад [6].

Охири асри гузашта дар Тоҷикистон якчанд шаклҳои истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ ташаккул ёфтаанд, ки бо меъёрҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ танзим карда мешаванд. Онҳо, аввалан, истифодаи техникаи криминалистиро аз ҷониби мутахассисе, ки дар ҳаракати тафтишотӣ ва муҳокимаи парвандаҳои ҷиноятӣ барои ошкор, бақайдгирӣ ва ҷамъоварии далелҳо иштирок мекунад, муқаррар кардааст (моддаи 130.2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 1961) [3].

Дуюм, аз ҷониби коршинос истифода бурдани воситаҳои техникӣ ҳангоми гузаронидани экспертиза, ки аз ҷониби муфаттиш ё суд таъйин карда мешавад.

Сеюм, истифодаи мустақилонаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ аз ҷониби иштирокчиёне, ки қонунгузории мурофиавӣ муқаррар намудааст: муфаттиш (таҳқиқбаранда), прокурор ва суд. Тадқиқоте, ки аз ҷониби коршинос бо ёрии техникаи криминалистӣ гузаронида мешавад, бо хулоса ба расмият дароварда мешавад, ки арзиши манбаи мустақили исботкуниро дорад.

Соли 2010 бо эътибор пайдо кардани Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ҳамаи ин шаклҳои ҳуқуқии истифодаи техникаи криминалистӣ на танҳо боқӣ монданд, балки бо шаклҳои нав пурра гардиданд. Пеш аз ҳама, субъекти нав барои ҷамъоварии далелҳо ва мувофиқан истифодаи техникаи криминалистӣ ба вуҷуд омадааст.

Субъекти нави истифодабарандаи воситаҳои техникӣ-криминалистӣ адвокати айбдоршаванда (гумонбаршуда, судшаванда) гардид. Ҳамин тавр, асос барои муайян кардани шакли нави ҳуқуқии истифодаи восита ва усулҳои техникӣ-криминалистӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шакли мустақили мурофиавии истифодаи воситаҳо, тарзҳо ва усулҳои техникаи криминалистӣ аз ҷониби муфаттиш, таҳқиқбаранда, прокурор ва суд нигоҳ дошта шудааст. Агар худи ҳамон муфаттиш ё таҳқиқбаранда оид ба истифодаи воситаҳои техникӣ дониш ва малакаи кофӣ дошта бошад, онҳо метавонанд ин амалро дар маҳалли гузаронидани ҳаракати тафтишотӣ ё дар маҷлиси суд мустақилона анҷом диҳанд.

Ҳамин тавр, муфаттиш ҳуқуқ дорад, бидуни муроҷиат ба мутахассис раванд ва натиҷаи азназаргузаронии ҷойи ҳодисаро, бо истифода аз таҷҳизоти аксбардорӣ ё видеоӣ, сабт намояд, масолеҳи нусхабардориро барои қолабгирӣ ва нусхабардории изҳои ошкоршуда ва ғ. истифода барад.

Суд дар толор на танҳо фонограммаи пурсишҳои дар рафти тафтишоти пешакӣ сабтшударо гӯш мекунад, инчунин ҳуқуқ дорад рафти мурофиаро сабт намояд ё барои азаназаргузаронии далелҳои шайъӣ воситаҳои оптикиро истифода барад ва ғ. Инчунин суд метавонад, амалҳои дигари техникиро бо истифода аз воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, анҷом диҳад.

Аз рӯйи таъйиноти вазифавӣ шаклҳои зерини ҳуқуқии истифодабарии воситаҳои техникӣ-криминалистӣ, аз қабили ошкор, бақайдгирӣ ва гирифтани далелҳо, ҷудо карда мешаванд, ки ба уҳдадориҳои вазифавии муфаттиш (таҳқиқбаранда) ва мутахассиси дар ҳаракати тафтишотӣ иштирокдошта дохил мешавад.

Дар Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор вазифаҳои мутахассисро васеъ намуда, ба зиммаи ӯ мутобиқи банди 2 модда 77 (1) Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [4], дар баробари иштирок дар ҳаракатҳои тафтишотӣ, омода намудани ҷавобҳои (хулосаҳои) хаттӣ ба саволҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо, ки дониши махсусро талаб мекунанд, вогузор карда шудааст.

Чунин шакли истифодаи техникаи криминалистии қаблан аз доираи танзими мурофиавӣ-ҳуқуқӣ берунмонда, ба монанди аз ҷониби мутахассисон омӯхтани пешакии далелҳо, ки натиҷаҳои онҳо аҳамияти исботкунӣ надоранд, бо қабули Кодекси

амалкунандаи мурофиавии ҷиноятӣ, мақоми худро ҳамчун шакли нави ҳуқуқӣ ва мустақили истифодабарии техникаи криминалистӣ аз ҷониби мутахассис пайдо кард.

Агар пештар мутахассис барои истифодаи воситаҳои техникӣ, бо мақсади ошкор, мустаҳкамкунӣ ва гирифтани далелҳо, ҷалб карда мешуд (моддаҳои 130.2 ва 252.1 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 1961), Кодекси амалкунандаи мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ду шакли навро пешбинӣ кард. Аз ҷумла, истифодаи воситаҳои техникӣ аз ҷониби мутахассис ҳангоми гузаронидани тадқиқот, ки бо додани хулоса анҷом меёбад (моддаҳои 72, 77, 77 (1) Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва истифодаи воситаҳои техникӣ барои тадқиқи маводи парвандаи ҷиноятӣ (қисми 1 моддаи 57 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Мутобиқи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бевоситаи исботкунӣ танҳо натиҷаҳои истифодаи воситаҳои техникӣ-криминалистии бақайдгирӣ, ки метавонад дар шакли манбаъҳои моддӣ пешниҳод карда шаванд, тавзеҳоти махсусро оид ба маълумот дар бораи ҳолатҳои ҳодисаи тафтишшаванда талаб намекунанд, эътироф карда шавад.

Натиҷаҳои истифодабарии воситаҳои дигар аҳамияти ёридиҳанда доранд. Масалан, воситаҳои рӯшноидиҳанда ё техникаи ҷустуҷӯйӣ, ки ба ошкоркунии самараноки далелҳо мусоидат мекунанд, натиҷаҳои истифодаи дастгоҳҳои таҳлилӣ, ки дорои иттилооти муайянкунанда ё бевосита далел набуда (нишондоди асбобҳо, ҳангоми гузаронидани тадқиқоти экспертӣ) ба ташаккули манбаи нави сарчашмаҳо, аз ҷумла, хулосаи коршинос, мусоидат мекунанд.

Ҳар субъекти дар қонунгузории мурофиавӣ муқарраргардида метавонад таҳқиқи пешакии далелҳоро гузаронад. Маҳдудияти асосии мустақилона истифода бурдани техникаи тадқиқотӣ аз ҷониби муфаттиш ё мутахассис дар рафти тафтишоти пешакӣ – ин зарурати дар шакли бетағйир нигоҳ доштани объектҳои таҳқиқшаванда мебошад.

Маълумоти дар натиҷаи истифодаи воситаҳои техникаи криминалистӣ бадастомада, ки аҳамияти исботкунӣ надорад, метавонад ҳамчун асос барои фарзияи тафтишотӣ, банақшагирии тафтишот, муайян кардани самтҳои асосии он истифода шаванд ё барои омода ва гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯйӣ ё мурофиавӣ истифода шаванд. Аз ҷумла, натиҷаҳои таҳқиқоти пешакие, ки муфаттиш бо истифода аз воситаҳои техникӣ-криминалистӣ гузаронидааст, барои таъйин намудани экспертизаи судӣ ва мураттабсозии масъалаҳои ҳалшаванда асос мегардад.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар мурофиаи судии ҷиноятии ватанӣ якчанд шаклҳои ҳуқуқии истифодаи техникаи криминалистӣ ташаккул ёфтаанд:

– истифодаи воситаҳои техникӣ аз ҷониби мутахассис, ки барои иштирок дар ҳаракатҳои тафтишотӣ оид ба ошкор, мустаҳкамкунӣ ва ҷамъоварии далелҳо ҷалб гардидааст;

– истифодаи воситаҳои техникӣ аз ҷониби мутахассис ва коршинос ҳангоми гузаронидани тадқиқоти махсус, бо мақсади додани хулоса ба саволҳои гузошташудаи муфаттиш (таҳқиқбаранда) ё суд;

– аз ҷониби мутахассис барои омӯзиши маводи парвандаи ҷиноятӣ истифода бурдани воситаҳо, тарз ва усулҳои техникӣ;

– мустақилона аз ҷониби муфаттиш, прокурор, суд ва адвокат истифода бурдани техникаи криминалистӣ.

## АДАБИЁТ:


1. Аверьянова Т. В., Белкин Р. С., Корухов Ю. Г., Российская Е. Р. Криминалистика. – Москва: Норма, 2010.
2. Ищенко Е.П., Топорков А.А. Криминалистика: Учебник / под ред. Е.П. Ищенко. – Москва: Контракт-Инфра-М, 2006.
2. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 1961 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли

7.0. [Сарчашмаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 23.04.2024).
3. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири соли 2009 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Сарчашмаи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 26.04.2024).
4. Криминалистика: учебник для бакалавров / под ред. Л.Я. Драпкина. – Москва: Издательство Юрайт; ИД Юрайт, 2012.
5. Криминалистическая техника: учебник и практикум / под. ред. А.А. Эксархопуло. – Москва: Издательство Юрайт; ИД Юрайт, 2017.

## ТАРТИБИ ҚАБУЛ ВА НАШРИ МАҚОЛА

### Талабот ба мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷаллаи илмии «Илм ва амният» пешниҳод мегарданд:

Мақолаҳое, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад; 2) мақола бояд натиҷаи тадқиқоти илмӣ бошад; 3) мавзуи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи «Антиплагиат» барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гуна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

**Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:**

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад. Ҳаҷми мақола бояд бо формати А4, бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро дар бар гирад.

**Мақола бояд дорои сохтори зерин бошад:**

- индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);
- номи мақола;
- насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Рустамзода С.Т.);
- номи муассисае, ки дар он муаллифи мақола кору фаъолият менамояд;
- матни асосии мақола;
- ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда (мувофиқи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон *аз 30 июни соли 2021, № 268)* ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси мураббаъ [ ] нишон дода шавад. Намуна: [6,42]. Яъне, адабиёти №6 ва саҳифаи 42;
- нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Онҳо инчунин бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд;
- рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад;
- номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) навишта шаванд. Аннотатсия бояд дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯй таҳия шавад;
- дар охири мақола маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо ду забон (русӣ ва англисӣ) бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

# ПОРЯДОК ПРИЁМА И ИЗДАНИЯ СТАТЬИ

**Требования к научным статьям, представляемым для публикации в научном журнале «Наука и безопасность»:**

Научные статьи, представляемые для публикации в журнале, должны соответствовать следующим требованиям: 1) научная статья должна быть подготовлена с учетом требований журнала; 2) статья должна быть результатом научного исследования; 3) тема статьи должна соответствовать одному из научных направлений журнала.

Все научные материалы, представляемые в журнал, проверяются с помощью системы «Антиплагиат» на определение уровня оригинальности текста. Статьи, в тексте которых использованы материалы других авторов без цитирования, к рассмотрению в следующих этапах не выносятся и не публикуются.

Требования к подготовке научных статей:

Текст статьи должен быть подготовлен в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman для русского и английского текстов и шрифтом Times New Roman Tj для таджикского текста, размер букв в тексте должен быть 14, поля должны быть 2,5 см, а расстояние между текстами должно быть 1, 5 мм. Объем статьи должен составлять от 10 до 12 страниц формата А4, включая список использованной литературы и аннотацию.

Статья должна иметь следующую структуру:

• указатель УДК (данный указатель можно получить в любой научной библиотеке);

• название статьи;

• фамилия, имя и отчество в форме сокращения (например: Рустамзода С.Т.);

• название учреждения, в котором работает автор статьи;

• основной текст статьи;

• при цитировании использованной литературы (согласно «Правил правописания таджикского языка и символов книги таджикского языка», Постановление Правительства Республики Таджикистан от 30 июня 2021 года № 268) и её конкретной страницы, следует указывать в квадратных скобках [ ]. Пример: [6,42]. То есть, литература №6 и стр. 42;

• планы, схемы, диаграммы и чертежи должны быть пронумерованы и иметь поясняющее название;

• список используемой литературы (не менее 10 наименований и не более 25 списков научной литературы). Список используемой литературы должен быть подготовлен на основании требований ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

• название статьи, аннотация и ключевые слова должны быть написаны на трёх языках (таджикском, русском и английском). Аннотацию необходимо подготовить в объёме не менее 25 строк и от 7 до 10 ключевых слов;

• в конце статьи должны быть указаны сведения об авторе или авторах на двух языках (русском и английском) в следующем порядке: фамилия, имя и отчество (полностью), учёная степень и звание (при наличии), название учреждения, в котором работает автор, должность, номер телефона, адрес электронной почты, адрес места работы автора.

# ORDER OF ACCEPTION AND PUBLICATION OF ARTICLE

## Requirements for scientific articles submitted for publication in the scientific journal «Science and Security»:

Scientific articles submitted for publication in the journal must meet the following requirements: 1) the scientific article must be prepared taking into account the requirements of the journal; 2) the article must be the result of scientific research; 3) the topic of the article must correspond to one of the scientific areas of the journal.

All scientific materials submitted to the journal are checked using the «Antiplagiarism» system to determine the level of originality of the text. Articles in the text of which materials of other authors are used without citation are not submitted for consideration at the next stages, and such articles are not allowed for publication.

Requirements for the preparation of scientific articles:

The text of the article should be prepared in Microsoft Word format, in Times New Roman font for Russian and English texts and Times New Roman Tj font for Tajik text, the size of the letters in the text should be 14, the margins should be 2.5 cm, and the distance between the texts should be 1.5mm. The volume of the article should be from 10 to 12 pages of A4 format, including a list of references and annotations.

The article should have the following structure:

• UDC index (this index can be obtained from any scientific library);

• article title;

• surname, name and patronymic in the form of an abbreviation (for example: Rustamzoda S.T.);

• the name of the institution where the author of the article works;

• the main text of the article;

• when citing the literature used (according to the «Rules for the spelling of the Tajik language and symbols of the book of the Tajik language», Decree of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 30, 2021 No. 268) and its specific page should be indicated in square brackets [ ]. Example: [6, 42]. That is, literature No. 6 and p. 42;

• plans, diagrams and drawings must be numbered. They should also have a descriptive title;

• list of used literature (not less than 10 lists and not more than 25 lists of scientific literature). The list of used literature should be prepared on the basis of the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5-2008;

• The title of the article, abstract and keywords must be written in three languages (Tajik, Russian and English). The abstract must be prepared in the amount of at least 25 lines and from 7 to 10 keywords;

• at the end of the article, information about the author or authors in two languages (Russian and English) should be indicated in the following order: last name, first name and patronymic (in full), academic degree and title (if any), name of the institution where the author works, position, phone number, e-mail address, work address of the author.

**ИЛМ ВА АМНИЯТ**
**НАШРИЯИ МАКТАБИ ОЛИИ КДАМ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**№2 (8), 2024**

Нашриёти «Меҳвар»-и
Мактаби олии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, шаҳри Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 54/2
Сомонаи маҷалла: https://ilm-va-amniyat.tj
Почтаи электронӣ: maktabi_oli24@mail.ru
Тел.: (+992 37) 233 55 19, Факс: (+992 37) 233 89 93.
Андозаи 60х84/8. Коғази офсетӣ. Чопи офсетӣ.
Адади нашр: 150 нусха. Ҷузъи чопии нашрӣ 15.25, ҷузъи чопии шартӣ 14.25.
Барои чоп 01.08.2024 имзо шудааст. Фармоиши №1